ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД:** 343+343.98(575.3)

**ТКБ:** 67.99 (2)93+67.99(208(2Т)

**Ҳ**–78

**ҲОМИДЗОДА ҶОНИБЕК УБАЙД**

# ТАҲҚИҚОТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ КОНВЕНСИОНӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор Назаров А.Қ**

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**....................3-4
**МУҚАДДИМА**.......................................................................................5-16
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ КОНВЕНСИОНӢ**..........................................................................17-57
1.1. Мафҳумҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалидошта ва ҷиноятҳои байналмилалӣ..........................................................................................17-44
1.2. Таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ............................44-57
**БОБИ 2. РОБИТАИ МЕЪЁРҲОИ ҚИСМИ МАХСУСИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**.......................................................58-92
2.1. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки бо сӯиқасд ба ҳаёт ва ё аз ҳаёт маҳрум сохтани одам алоқамандананд.....................................................................................58-69
2.2. Тавсифи ҳуқуқӣ–ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ: (дар шакли савдои одамон ва савдои кӯдак)......................................................69-92
**БОБИ 3. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ КОНВЕНСИОНӢ, КИ БА АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ, САЛОМАТИИ АҲОЛӢ ВА ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ТАҶОВУЗ МЕОРАНД**..........................................................................................93-154
3.1. Мафҳум, намудҳо ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бар зидди амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ.............................................................................................................93-117
3.2. Таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии экстремизм ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ ба муқобили ҳокимияти давлатӣ .......................................117-133
3.3. Имплементатсияи меъёрҳои конвенсионии зиддикоррупсионӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................134-154
**ХУЛОСА**.............................................................................................155-160
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..............................................................................................161-163
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................164-190
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМ**...........................................................................................................191-192

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ҶМШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КҶ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КИМУ** – Комитети иҷроияи марказии умумироссиягӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КМҶ ИДМ** – Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**КҶ Беларус** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус

**КҶ Украина** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина

**КҶ Молдова** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**КҶ Корея** – Кодекси ҷиноятии Корея

**КҶ Полша**– Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Полша

**КҶ Норвегия** – Кодекси ҷиноятии  Норвегия

**КҶ Олмон** – Кодекси ҷиноятии Олмон

**КҶ Шветсия** – Кодекси ҷиноятии Шветсия

**КҶ Австрия** – Кодекси ҷиноятии Австрия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти мавзуи мазкур аз он иборат аст, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки аз санадҳои байналмилалӣ сарчашма мегиранд, бо сабабҳои гуногун барои давлатҳо ва ҷомеаҳои муосир хатар доранд. Барои муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб на танҳо меъёрҳои ҳуқуқии дохилии давлатҳо, балки усулҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва созишномаҳои байнидавлатӣ нақши муҳимми худро мебозанд. Бо назардошти ин таҳқиқи механизм ва омилҳои таъсиргузор ба ҷинояткории фаромиллӣ ва конвенсионӣ дар муносибатҳои дохили давлатӣ ва байни давлатҳо аҳаммияти махсус дорад.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ на танҳо таҳдиди бевосита ба амнияти давлат мерасонад, балки ба ҳуқуқи инсон ва арзишҳои башарӣ низ зарар меоваранд. Дар ин замина, таҳқиқи масъалаи ҳуқуқи ҷиноятии ин ҷиноятҳо, ки бо шартномаҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои байналхалқӣ муайян карда мешаванд, муҳим аст.

Омори ҷинояткорӣ нишон медиҳад, ки динамикаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ сол аз сол гуногун мешаванд. Масалан, таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар даҳ соли охир сатҳи ҷиноятҳои экстремистӣ пайваста афзоиш ёфтааст. Агар соли 2014 143 ҳолат ба қайд гирифта шуда бошад, пас соли 2023 ин рақам ба 1069 адад расидааст ва то даҳ моҳи 2024 ба 1102 адад мерасад [229]. Таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар давоми чанд соли охир сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии дорои хусусияти коррупсионидошта, ба таври умум, афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, «агар соли 2013 шумораи ин ҷиноятҳо 1101 ададро ташкил дода бошад, пас ин рақам соли 2014 ба 1179, соли 2015 ба 1306, соли 2016 ба 1326, соли 2017 ба 1445, соли 2018 ба 1364 ва соли 2019 ба 1362 расидааст» [44].

Аз замони ба даст овардани Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ қонунгузории худро ба стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ кардааст. Яке аз қадамҳои муҳимтарин дар ин самт дохил намудани муқаррароти мазкур дар Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Махсусан, тибқи сархати 3 моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» [225]. Ин муқаррароти конститутсионӣ робитаи Тоҷикистонро ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва омодагии он барои ҳамгирой кардани уҳдадориҳои байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии дохилии худ таъкид мекунад.

Дар айни замон, мушкилоти ҷиноятҳои конвенсионӣ, сарфи назар аз мавҷудияти чаҳорчӯбаи васеи ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба пешгирӣ ва муқовимат ба онҳо нигаронида шудааст, яке аз мушкилоти мубрами ҷомеаи ҷаҳонии муосир боқӣ мемонад.

Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ чораҳои муассир меандешад. «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 23-юми декабри соли 2022 зикр карданд, ки «Тоҷикистон дар оянда низ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгарой, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухадир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он саҳми босазо хоҳад дошт» [222].

Таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2023 мақоми ваколатдор 60 парвандаи марбут ба савдои одамонро тафтиш намудааст, ки ин рақам дар муқоиса бо соли 2022 (11 парванда) афзоиш ёфтааст. Инчунин, дар соли 2023 23 парвандаи дигар, ки ба моддаҳои гуногуни Кодекси ҷиноятӣ, ки ба савдои одамон марбут нестанд, оғоз шудаанд [228].

Ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ як воситаи муҳимми давлатҳо барои ҳифзи муносибатҳои

миллии худ ва таъмини истиқлолияти сиёсӣ, ҳудудию иқтисодии онҳо аз таҳдидҳои кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки фаромиллӣ мегардад. Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳо ҳар як кишвар ногузир ба равандҳои номуносиб рӯбарӯ мешавад, ки барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ монеаҳо ба миён мегузорад. Мушкилоти асосии амнияти миллӣ дар ҷаҳони муосир дарёфти тавозуни оптималии байни ҳамкории байналмилалӣ ва нигоҳ доштани амнияти миллӣ мебошад. Дар ин замина мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки як унсури муҳимми стратегии таъмини суботи иқтисодӣ, амният ва рақобатпазирии давлат дар арсаи байналмилалӣ мегардад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо аҳаммияти таҳқиқи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, роҳҳои беҳтар кардани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба амалиётҳои муштарак, ки дар муқовимат бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ роҳандозӣ шудаанд, меафзояд. Бояд тазаккур дод, ки диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти бунёдӣ мебошад, ки ба масъалаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва роҳу воситаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт бахшида шудааст. Дар он махсусияти содир шудани ин навъи ҷиноят, таҳлили омилҳои асосии ба вуҷуд омадани он ва роҳҳои пешгирии ҷиноятҳои конвенсионӣ дар кишварро ҳамаҷониба арзёбӣ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот ҳамеша таваҷҷуҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб карда, махсусан ҷанбаҳои алоҳидаи он аз ҷониби олимони зерин мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд: Н.Б. Азимов [175], П.Н. Бирюков [50], И.П. Блишенко ва И.В. Фисенко [51], А.И. Бойко [53], Х.С. Камолов [182], И.И. Карпетс [68], А. Г. Кибалник [70], В.Н. Кудрявсева [78], И.И. Лукашук [85], В.А. Мазов [87], Т.Т. Мансуров [153], Ю.А. Решетов [177], Ю.С. Ромашев [166], А.Н. Трайнин [120], Т.Ш. Шарипов, Ҳ.С. Сафаров [173], Х.А. Умаров [172].

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, №265 тасдиқ шудааст ва барномаҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо дарназардошти инкишоф ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ, хусусиятҳои алоҳидаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои мукаммал, омода гаштааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот таҳлили мутобиқати меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳдадориҳои байналмилалӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили раванди ҳамгироии стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ мебошад. Мувофиқи мақсади таҳқиқот, доираи вазифаҳои алоқаманд бо он муайян гардид, ки ҳаллу фасли назариявии онҳо асоси мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– муайян намудани мафҳуми ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти фаромиллӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои характери байналмилалидошта;

– таснифи ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ;

– муқаррар намуда моҳияти ҳуқуқии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва ҷиноятҳои байналмилалӣ муқобили ҳаёт;

– омӯзиш ва муайян намудани хусусиятҳои ҷиноятҳои конвенсионӣ муқобили озодӣ бо дарназардошти санадҳои байналмилалӣ;

– таҳқиқи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ зидди амнияти

ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ;

– таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизм ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ;

– таҳқиқи коррупсия ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ тавассути таҳлили созишномаҳои байналмилалӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, аз ҷумла таъсири онҳо ба сиёсати ҷиноятӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти мазкурро қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба меъёрҳои миллӣ мувофиқанд, инчунин ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, андешаҳои доктринавии олимони ҳуқуқшинос ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мутобиқи ухдадориҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ асосан фарогири марҳалаи муосири татбиқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро дар бар гирифта, ифодакунандаи давраи инкишофи қонунгузории ҷиноятии соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки фарогири солҳои 2020-2025 мебошад, як марҳалаи муҳимми таҳқиқотиро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд. Хусусан, монографияҳо, китобҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, мақолаҳои мутахассисони ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалогия дар раванди таҳқиқот мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Дар раванди таҳлили масъалаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бештар ба осори олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монанди Н.Б. Азимов, П.Н. Бирюков, И.П.

Блишенко, И.В. Фисенко, А.И. Бойко, Х.С. Камолов, И.И. Карпес, А. Г. Кибалник, В.Н. Кудрявсева, И.И. Лукашук, В.А. Мазов, Т.Т. Мансуров, А.К. Назаров, Ю.А. Решетов, Ю.С. Ромашев, А.Н. Трайнин, Т.Ш. Шарипов, Ҳ.С. Сафаров, Х.А. Умаров, Н.А. Кудратов, Ҷ.З. Маҷидзода, А.И. Сафарзода таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар рафти таҳияи диссертатсия, принсипҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла принсипҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, истифода гардидаанд. Дар таҳқиқот усулҳои умумимантиқӣ, ба монанди таҳлил, синтез, шабоҳат, айният, қиёс ва ғайра, инчунин усулҳои назариявӣ, масалан тасниф, гипотеза ва дигар методҳои маъруфи таҳқиқоти илмӣ ба кор гирифта шудаанд. Мавзуи диссертатсия бо истифода аз усулҳои диалектикӣ, низомнокӣ ва методи муқоисавии таҳқиқот пеш рафта, рӯйдодҳои вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва масъалаҳои марбут ба онҳо таҳлил гардиданд.

Инчунин, дар раванди таҳқиқот методҳои махсуси омӯзиши проблемаҳои илмӣ, аз ҷумла методҳои муқоисавии ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, истифода шудаанд. Ин методҳо барои таҳлил ва коркарди донишҳои нави марбут ба мавзуи диссертатсия заминаи муфид фароҳам овroutанд, ки дар натиҷа, пешниҳоди усулҳои нав барои мувофиқ кардани қонунгузорӣ ва муқовимат бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ба вуҷуд омаданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот як қисми муҳимми диссертатсия мебошад, ки барои таъриф ва таҳлил кардани масъалаи мавриди пажӯҳиш, инчунин барои тасдиқ ё рад кардани гипотезаҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ асоси мавод ва маълумоти ба даст омада мебошанд. Дар диссертатсия дар бораи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот метавонанд ба чунин омилҳо асос ёбанд:

– қонунгузориҳои миллӣ ва байналмилалӣ, ки ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дахл доранд, масалан, конвенсияҳои байналмилалӣ, шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷониба, резолютсияҳои СММ ва дигар механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон;

– маълумоти оморӣ вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва масъалаҳои вобаста ба онҳо, аз ҷумла экстремизм, коррупсия ва савдои одамон.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз асосноккунӣ ва коркарди пешниҳодҳои оид ба мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо таҳдидҳои муосири амниятӣ иборат аст. Пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия, бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар самти мутобиқ намудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалӣ асос ёфтааст. Ҳамчун қадами муҳим дар иҷрои консепсияи волоияти қонун ва адолат, тағйирот ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва таъмини ҳамкории байналмилалӣ равона шудааст.

Дар диссертатсия ислоҳоти асоснокшуда барои муайян кардани мафҳумҳои махсус барои фарқгузории ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ё экстремистӣ, ҳамчунин таҳаввулот дар таърифу арзёбии ҷиноятҳои зидди намояндагони ҳокимияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, барои баланд бардоштани самаранокии тафтиш ва таъқиботи ҷиноӣ мусоидат мекунад. Навгониҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда на танҳо як қадам дар таҳким ва такмили қонунгузории миллӣ, балки ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сиёсати ҷиноятӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад.

**Нуктаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда ташкил медиҳанд:

1. Меъёрҳои конститутсионӣ ва умумиэътирофкардашуда, ҳуқуқи байналмилалӣ заминаи ҳатмии қонунгузории ҷиноятии миллиро ташкил медиҳанд. Дар моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «қонунгузории ҷиноятӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Тоҷикистон эътирофкарда», ки

мутобиқати ҳуқуқиро дар сатҳи миллӣ таъмин намуда, ногузирии воридсозии меъёрҳои байналмилалиро (меъёрҳои эътирофшуда) дар қонунгузории ҷиноятӣ амалӣ менамояд. Муқаррароти мазкур пойбандии Тоҷикистонро ба принсипҳои бунёдии ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи инсон ва эҳтиром ба уҳдадориҳои байналмилалиро тасдиқ мекунад.

Бо назардошти зарурати таъмини ҳамгироии муназзами низоми ҳуқуқии миллӣ бо уҳдадориҳои байналмилалии давлат, мувофиқ аст, ки дар моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 3 чунин муқаррарот илова гардад: «Ҳангоми тасвиби созишномаи байналмилалие, ки дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад, меъёрҳои он бояд ба ин Кодекс ворид карда шаванд».

Ворид намудани ин муқаррарот ба матни КҶ дорои аҳаммияти назаррас аст. Аввалан, он механизми ҳуқуқиро барои имплементикунии саривақтии муқаррароти созишномаҳои байналмилалӣ дорои қувваи ҳатмӣ ҳуқуқӣ эҷод мекунад, ки дар навбати худ ба таъмини ягонагӣ ва мутобиқати қонунгузории ҷиноятии миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд. Чунин танзим монеаи ихтилофи меъёрӣ байни санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ мегардад.

Илова бар ин, чунин меъёр кафолат медиҳад, ки низоми ҳуқуқии дохилӣ ҳамеша ба талаботи ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда мутобиқ бошад ва уҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқӣ – ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории миллӣ пурра инъикос ёбанд.

2. Ба моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани ҳадафи татбиқи адолати байналмилалӣ ва таъмини ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ як қадами асосӣ дар татбиқи консепсияи волоияти қонун ва адолат мебошад. Мустаҳкам намудани ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳамчунон таъмин намудании амнияти миллӣ ва байналмилалӣ, зарурияти васеъ намудани вазифаҳои қонунгузории ҷиноятиро ба миён меоварад. Бо ин мақсад ба қисми 1 моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд

чунин вазифаи иловагӣ ворид карда шавад: «ҳимояи муносибатҳои байналмилалӣ ва тартиботи байналмилалӣ»

3. Ҳангоми содир гардидани ҷиноятҳои дорои хусусияти махсусан хавфнок, аз қабили терроризм ё таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иродаи ҷинояткор одатан аз ҳаёт маҳрум намудани инсон равона буда, ҳадафи ниҳоии чунин амалҳо аз ҳамла ба асосҳои сохти конститутсионӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти давлатӣ иборат аст. Бо вуҷуди ин, қонунгузор дар моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳум ё нишондиҳандаҳои ҳуқуқии дахлдореро, ки барои арзёбии дақиқи таркиби чунин ҷиноятҳо заруранд, муқаррар накардааст.

Бо назардошти холигии ҳуқуқӣ ва зарурати фарқгузории возеҳ байни одамкушии умумӣ ва одамкушие, ки дар доираи ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ ё бар зидди намояндагони ҳокимияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ содир мегардад, пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ банди «р» бо чунин муҳтаво илова гардад: «алоқаманд будан бо терроризм ва ё таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

4. Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи соли 2020, мафҳуми экстремизм чунин пешниҳод карда шавад: «Экстремизм ҳамчун як зуҳуроти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки аз вайрон кардани ҳуқуқи инсон ва тарғиб кардани ифодаҳои бадбинӣ ва хусумат миёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, динӣ, миллӣ ё сиёсӣ шакл мегирад ва он ҳамчун амал ё фаъолият, ки ба таҳкими ҷудоандозии ҷамъиятӣ, барангехтани хусумат ва истифодаи зӯроварӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсии ғайриқонунӣ равона шудааст».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии бузург аст, ки метавонад дар як қатор самтҳои муҳим таъсиргузор бошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия метавонанд дар раванди таҳлил ва таҳқиқоти илмии масоили гуногуни илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология кӯмак расонанд. Таҳлили ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва механизми мубориза бо онҳо дар назарияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва илми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, ки сиёсати ҷиноятӣ ва ҳуқуқии давлатро таъмин мекунанд, нақши муҳим доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба такмили фаъолияти қонунгузорӣ, махсусан дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, кӯмак расонанд.

Хулосаву пешниҳодот метавонанд дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ дар ошкорсозии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ (монанди коррупсия, экстремизм) нақши муҳимме дошта бошанд. Хулосаву пешниҳодот зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи илмии масоили таҳқиқшаванда, ки бо истифода аз усулҳои илмии дахлдори қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои илмии соҳавӣ, ибрози андешаҳо ва хулосаҳои илмии муаллиф, инчунин тавсияҳои амалии муаллиф доир ба такмил ва рушди қонунгузории ҷиноятӣ асос ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот на танҳо дар ҷиҳатҳои назариявӣ ва методологии мавзуъ, балки дар татбиқи амалии пешниҳодҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ низ назаррас аст. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти анҷомшуда нишон

медиҳад, ки ӯ бо навгонии илмӣ дар саҳмгузорӣ нисбат ба таҳқиқоти илмию ҳуқуқии мавзуи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ пурра шинос аст ва дар таҳияи мақолаҳо, маърӯзаҳо ва пешниҳодҳо барои беҳтар кардани қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии мамлакат нақш мебозад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои он мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ паҳлуҳои гуногун ва масъалаҳои марбут ба таҳқиқотро дар конфронсҳо, семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизи мудаввар бо маърӯзаҳо баррасӣ намудааст.

Аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– VI-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон – маърӯза дар мавзуи «Классификация преступлений международного характера, связаных с нарушениями основых прав и свобода человека»  – Душанбе, 2023;

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи ҶТ ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Санади олии ҳуқуқии кишвар» – маърӯза дар мавзуи «Тафовут байни мафҳумҳои ҷиноятҳои конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта» . – ш. Бохтар - 2024;

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маърӯза дар мавзуи «Ҷиноятҳои конвенсионӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ». – Душанбе, 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар 8 мақолаи илмии нашркардаи муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 192 саҳифа иборат аст.

## БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ КОНВЕНСИОНӢ

### 1.1. Мафҳумҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалидошта ва ҷиноятҳои байналмилалӣ

«Ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии байналхалқӣ бо номҳои гуногун зикр карда мешаванд, ки дар байни онҳо ҷиноятҳои моддӣ ва расмиро махсусан қайд кардан лозим аст» [88, с. 360]. Бешубҳа, ҳама гуна номгузории ҷиноятҳо аз рӯйи меъёри аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятноки арзиши мустақили назарияви дошта, ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат мекунад.

Ф.Ф. Мартенс навиштааст: «Ҳар як ҷиноят сӯиқасд ба тартиботи умумии ҳуқуқие мебошад, ки тамоми давлатҳоро фаро мегирад» [88, с. 360]. Ф.Ф. Мартенс дар назар дорад, ки ҷиноят танҳо амали ғайриқонунӣ дар доираи як давлат нест, балки ин амал метавонад ба низоми умумии ҳуқуқӣ, ки тамоми давлатҳоро фаро мегирад, зарар расонад. Яъне, ҷиноят на танҳо зидди қонунҳои дохилии як кишвар аст, балки як сӯиқасд ба тартиботи умумии ҳуқуқие мебошад, ки дар сатҳи байналмилалӣ вуҷуд дорад.

Ба ақидаи олими намоёни рус П. Казанский «ҳар давлати комил бояд низоми қонунгузории ҷиноятии худро дошта бошад, ки дар он муқаррароти мушаххасе ҳастанд, ки бо вайрон кардани ҳуқуқи байналмилалӣ алоқаманданд. Ин маънои онро дорад, ки қонунҳои ҷиноятӣ на танҳо барои ҳимояи ҳуқуқи дохилии давлат, балки барои ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи байналмилалӣ низ амал мекунанд» [66, с. 176].

Хулоса, ҳарду коршинос таъкид мекунанд, ки қонунҳои ҷиноятӣ ва амали ҷиноятҳо на танҳо масъалаи дохилии давлатанд, балки таъсири онҳо ба сатҳи байналмилалӣ низ муҳим аст. Ин нуқта дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ аҳаммияти калон дорад.

А. Фердросс дар тақвияти ин андешаҳо иброз медорад, ки «давлатҳо дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ вазифадоранд кирдорҳои муайяни ғайриқонуниеро, ки қисме тариқи ҳуқуқи умумии байналмилалӣ ва қисми

дигар бо шартномаҳои байналмилалӣ танзим карда мешаванд, пайгирӣ намоянд» [126, с. 148].

А. Фердросс чунин ақидаро пеш мегузорад, ки давлатҳо вазифадоранд ба иҷро ва риояи қонунҳои байналмилалӣ дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ диққат диҳанд. Яъне, вақте ки кирдорҳои ғайриқонунии муайян, ки ба таври умум дар ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф шудаанд ё тавассути шартномаҳои байналмилалӣ муайян гардидаанд,  ҳар давлат бояд онҳоро пайгирӣ ва баррасӣ кунад.

Ба таври дигар, ҳуқуқи байналмилалӣ давлатҳоро вазифадор мекунад, ки нисбат ба кирдорҳои номатлуб, ки метавонад ба амнияти умумӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ дар сатҳи байналмилалӣ таҳдид кунад, чораандешӣ кунанд ва онҳоро пайгирӣ намоянд.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ таснифоти расмии ҳуқуқии ҷиноятҳоро, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ пешбинӣ кардаанд, пешниҳод мекунад.

Ба ақидаи И.И. Лукашук «ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии байналхалқӣ ба намудҳои зерин тасниф карда мешавад:

1) ҷиноятҳои мутобиқи ҳуқуқи умумии байналмилалӣ (ҷиноятҳои зидди сулҳ, ҷиноятҳои ҳарбӣ, ҷиноятҳои зидди сулҳу амнияти башарият);

2) ҷиноятҳои конвенсионӣ (терроризм; ғасби гаравгон)» [85, с. 242-243].

И.П. Блишенко қайд мекунад, ки аз як тараф, ҷиноятҳои давлатӣ ва аз тарафи дигар, ҷиноятҳои шахсони алоҳидаро фарқ кардан лозим аст. Инҳо аз ҷиҳати сифатӣ гуногун, бисёрсатҳӣ мебошанд (ҳарчанд дар мавриди ҷиноятҳои байналмилалӣ бо ҳам алоқамананданд). Дар ин ҷо на танҳо субъектҳои ҷиноят ва объектҳои он, балки усулу шаклҳои ҷавобгарӣ низ гуногунанд. Ин ҷиноятҳо дар муқоиса бо ҷиноятҳое, ки аз ҷониби шахсони алоҳида на ҳамчун шахсони мансабдори давлатӣ, балки ҳамчун шахсони мушаххас содир мешаванд, ки давлатҳо бо онҳо якҷоя мубориза мебаранд, аломатҳои хеле муҳимми фарққунанда доранд. Муаллиф қайд мекунад: «Дар адабиёти ҳуқуқии мо, одатан байни ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ ва ё ҷиноятҳои конвенсионӣ ё фаромиллӣ

фарқ гузошта мешавад. Ин гуна амалҳо уҳдадориҳои байналмилалиро, ки барои таъмини манфиатҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳаммияти калон доранд, поймол менамоянд ва онҳо метавонанд ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби шахсони инфиродӣ ҳамзамон содир шаванд. Чунин кирдори ба ҷамъият хавфнок аз назари ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун ҷиноят арзёбӣ мегардад. (ниг. ба моддаи 19 лоиҳаи оид ба масъулияти давлат, ки дар доираи Комиссияи ҳуқуқи байналмилалии СММ таҳия шудааст) [5]. Охирин танҳо аз ҷониби шахсони алоҳида содир карда мешавад ва давлатҳо барои мубориза бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд. Агар давлат уҳдадории шартномавии худро дар назди дигар давлатҳо дар ин соҳа вайрон кунад, пас вай на ҷинояти байналхалқӣ, балки ҷинояти одии байналхалқӣ содир мекунад» [51, с. 25].

Ба ақидаи В.А. Василенко «Кирдори ба ҷамъият хавфноки шахси воқеӣ, ки бо қоидаҳои конвенсионӣ ё одатҳои байналмилалӣ, инчунин бо меъёрҳои ҳуқуқи дохилии давлатӣ (миллӣ), ки бар асоси онҳо таҳия шудаанд, дар мухолифат қарор дорад» [57, с. 280]. Ба андешаи мо, иҷрои ин кор танҳо боре зиёдатӣ ва нолозим аст, он чизи наве намедиҳад ва баръакс масъала дар бораи намудҳои зикршудаи ҷиноятҳоро ба сардаргумӣ мебарад [57, с. 280].

Истилоҳи пешниҳодшуда дақиқан қобили қабул нест. Ибораи «ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ»-ро аз тарафи олимони рус А.Г. Кибалник ва Р.А. Аделханян дар асарҳои худ истифода мебаранд. Онҳо, ин мафҳумро ба амалҳои гунаҳкоронаи шахсоне шабеҳ дониста, хусусиятҳои зиддиҳуқуқии онҳо ва мавҷудияти ҷавобгарӣ барои чунин кирдорҳоро дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ муайян мекунанд [70, с. 320].

Гузашта аз ин, ин истилоҳҳо амалан падидаҳои ба ҳам монандро инъикос мекунанд.

«Мавқеи сеюм, ба таснифи ҷиноятҳо аз рӯйи меъёри объекти онҳо асос ёфтааст. Р.А. Аделханян бар ин назар аст, ки асоси таснифоти навъи ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ бояд объекти умумии ҷиноятӣ ҳамчун як навъ махраҷи ҳамбастаи ҳам вазнинии кирдори содиршуда ва ҳам фарқи он аз дигар ҳамлаҳои ҷиноятӣ бошад» [48, с. 35-34].

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳумҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ ба сифати синонимҳое истифода мешаванд, ки як падидаи ҳуқуқиро ифода мекунанд. Ҳанӯз Д. Ансилоттӣ ҳамаи ин мафҳумҳоро дар як истилоҳ – «ҳуқуқвайронкунии байналмилалӣ» муттаҳид карда, зери он ҳама гуна нақзи уҳдадориеро дар назар дошт, ки тибқи меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ таъйин шудаанд ё бар хилофи ваъдаи як давлат ба давлати дигар мебошанд ва нақзи онҳо боиси кашидан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад [49, с. 394].

Қонунгузории ҷиноятӣ инчунин таснифи ҷиноятҳоеро пешниҳод мекунад, ки онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятии таҷовуз меоранд ва хусусияти глобалӣ доранд. И.И. Карпес «бо дарназардошти ҳуқуқи ҷиноятии байналхалқӣ, ҷиноятҳои байналхалқӣ ва ҷиноятҳои характери байналхалқидоштаро муайян кардааст. Ин ақида, ба назари мо, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дуруст ба назар мерасад, зеро он на танҳо ба меъёри моддии характер ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳо, балки ба пайдоиши меъёрии онҳо, яъне манбаъ ва усули тасдиқи расмии ҳуқуқӣ асос дорад» [68, с. 31-54].

«Ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, ин мафҳум ба ҷиноятҳое дахл мекунад, ки дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва созмонҳои байналмилалӣ муқаррар шудаанд. Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ як шохаи мустақили ҳуқуқ аст, ки дар он мафҳумҳои ҷиноятҳои муайян (масалан, генотсид, ҷиноятҳои зидди башарият, ҷиноятҳои ҷангӣ) ба таври мушаххас ва дақиқ таҳлил мешаванд»[68, с. 31-54].

Баъзе муаллифон дар баробари ду гурӯҳи дар боло нишондода гурӯҳи сеюм – ҷиноятҳои умумиро ҷудо мекунанд, ки «унсури хориҷӣ» онҳоро мураккаб кардааст [174, с. 66]. Ба ибораи дигар, инҳо ҷиноятҳои аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди давлати дигар ё бар зидди хориҷиён содиршуда мебошанд [67, с. 97].

Масаъалаи таснифи ҷиноятҳо дар адабиётҳои соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ чунин пешниҳод карда шудааст:

1) ҷиноятҳо дар доираи ҳуқуқи умумии байналмилалӣ (ҷиноятҳои зидди сулҳ, ҷиноятҳои ҷангӣ, ҷиноятҳо зидди башарият);

2) ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ (терроризм, гаравгонгирӣ ва ғайра) [86, с. 430; 188, с. 191].

Бояд зикр кард ки гурӯҳи аввали пешниҳодшуда ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ягон иртибот надошта, онҳоро дар амал ҷиноятҳои байналмилалӣ меноманд.

Ю.В. Трунсевский ва А.Е. Сунсов дар таҳқиқотҳои худ «тафриқаи ҷиноятҳои байналмилалиро аз ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ пешниҳод карда омилҳои фарққунандаи онро нишон медиҳанд» [171, с. 93-94].

«Меъёрҳои асосии фарқ кардани ҷиноятҳои байналхалқӣ аз ҷиноятҳои характери байналхалқидошта бояд бо унсурҳои зерин эътироф карда шаванд:

1) аз ҷониби давлат вайрон кардани уҳдадориҳои байналмилалӣ;

2) фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятии байналмилалии шахсе (шахсоне), ки дар чунин ҷиноятҳо гунаҳгор буда, аз номи давлат ё на аз номи он, баромад мекунад, вале давлат бинобар он, ки барои пешгирӣ ё рафъи он чораҳо наандешидааст, ҳатман субъекти масъулияти байналмилалӣ мегардад ва барои муқаррар намудани ҷавобгарии байналмилалӣ (ҷиноятӣ) зарур нест, ки ҷиноятҳои байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ ҷиноят эътироф карда шаванд;

3) ҷиноятҳои байналмилалӣ манфиатҳои на танҳо як давлатро поймол мекунанд, балки ба тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ дар маҷмуъ таҳдид мекунанд. Ба ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ ҷиноятҳое, ки нисбат ба онҳо созишномаҳои байналмилалии бисёрҷониба баста шудаанд, дохил мешаванд» [171, с. 93-94].

Ҷиноятҳои баррасишаванда аз ҷониби олимон бо номҳои гуногун зикр мешаванд. Масалан, О.Н. Шибков пешниҳод мекунад, ки ин кирдорҳо ҷинояти байналмилалӣ, А. Светков мегӯяд, фаромиллӣ, [187, с. 75-90; 189, с. 12] А.Г. Кибалник ва Р.А. Аделханян пешниҳод доранд, ки онҳо ҷиноятҳо дар

ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ номида шаванд. Маҷмуи амалҳои ҷиноятие, ки барои ҷомеаи байналмилалӣ таҳдид мекунанд, дар асри XX, махсусан баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, бештар шинохта шуд. Баъди ин ҷанг ва хусусан бо таъсиси судҳои байналмилалӣ (масалан, Судҳои Нюрнберг ва Токио) мафҳуми ҷинояти байналмилалӣ ба миён омад.

Ин мафҳум асосан барои он истифода мешавад, ки амалҳои ҷиноятие, ки шаффофан барои ҳуқуқи умумӣ башар ва сулҳи ҷаҳонӣ хатар доранд, дар сатҳи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Дар адабиётҳои болозикр аз тарафи муаллифони онҳо зикр карда мешавад, ки ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ вобаста ба аломатҳои модиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки ақидаи онҳо қисман боиси дастгирӣ мебошад, чунки ҷиноятҳои мазкур иловатан боз аломатҳои дигари фарққунанда низ доранд.

Масалан, Эъломияи Вена оид ба ҷинояткорӣ ва адолати ҷиноятӣ аз 10 апрели соли 2000 махсусан қайд карда шудааст, «ки давлатҳои аъзои СММ дар баробари нигаронӣ аз таъсири ҷиноятҳои вазнини дорои хусусияти глобалӣ ба ҷомеа, ба зарурати ҳамкориҳои дуҷониба, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятҳо, пешгирии ҷиноят ва адолати ҷиноятӣ итминон доранд» [212]. Яке аз олимони машҳури рус И.И. Лукшук дар асарҳои худ зикр мекунад, дар асоси санадҳои байналмилалӣ ҷиноятҳои махсус зикршудаи конвенсионӣ дар минтақаҳои муаян вуҷуд доранд [85, с. 242-243].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар баробари мафҳуми ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои хусусияти байналмилалӣ ба истилоҳ ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ё ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ инкишоф ёфтааст.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври махсус ҷудо карда нашудаанд. Ин мафҳум барои ифода кардани ягон гурӯҳи кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок истифода намешавад. Маъмулан, сухан дар бораи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, байналмилалӣ, фаромиллӣ ва дигар ҷинояти монанд ба инҳо меравад.

Масалан, ба ақидаи А.Н. Трайнин «деликти байналмилалӣ сӯиқасд ба равобити осоиштаи миёни давлатҳоро дар назар дорад. Ин ҷиноятҳо сӯиқасд ба муносибатҳои осоиштаи байналмилалӣ нестанд. Ба ҳамин сабаб, ҳуқуқвайронкуниҳо (деликт)-е, ки ин аҳдномаҳоро фаро гирифтаанд, наметавонанд байналмилалӣ бошанд. Дар айни замон, шумораи зиёде аз кирдорҳои ба ҷамъият хавфноке мавҷуданд, ки воқеияти онҳо ҷойи баҳс надорад ва ба амнияти миллии мурдуми осоишта таҳдиди ҷиддӣ менамоянд» [121, с. 99-100]. Чунин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок хусусияти байналмилалидошта ба шумор мераванд, аммо новобаста аз аҳаммияти онҳо, берун аз доираи танзими конвенсияҳо қарор доранд [121, с. 99-100].

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ё ҷиноятҳои дорои харктери байналмилалӣ дар шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ гардида, амалҳоеро дар бар мегиранд, ки ба доираи амали ҳуқуқи универсалӣ дахл доранд [65, с. 242].

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ибораи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои тавсифи кирдорҳои хавфноки бар зидди ҷамъият равонашуда фаҳмида мешаванд. Ҷиноят эътироф намудани чунин кирдорҳо маҳз дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ пешбини шуда муайян мегардад. Аслан, шакли ҷиноятҳои зикршуда дар радифи моҳияти ҷиноятҳои дорои характери байналмилалидошта барасси карда шуда оиди онҳо хулосабарори карда мешавад. Масалан, «Д. Ансилотти ин ду гурӯҳи ҳуқуқвайронкуниҳоро, яъне ҷиноятҳои характери байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои конвенсиониро дар мафҳуми умумии «ҳуқуқвайронкунии байналмилалӣ» муттаҳид намудааст» [49, с. 394]. Муаллиф онро ҳама гуна нақзи уҳдадориҳое медонад, ки тибқи меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар шудааст, ё бар хилофи ваъдаи як давлат ба давлати дигар мебошад [49, с. 394]. Ба гуфтаи ӯ, ҳуқуқвайронкунии байналмилалӣ ҳама гуна нақзи уҳдадориҳое мебошад, ки давлатҳо тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қабул кардаанд. Яъне, агар як давлат

қоидаҳои умумии байналмилалиро нақз кунад ё ваъдаашро бар хилоф иҷро кунад, инро ҳуқуқвайронкунии байналмилалӣ мешуморанд.

Ин таъриф як равиши васеъ ва комил барои фаҳмидани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои байналмилалӣ мебошад, ки ҳам ҷиноятҳои умумӣ ва ҳам нақзи шартномавиро дар бар мегирад.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ҳамчун як навъи мустақили ҷиноятҳо дар низоми назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф мешаванд. Онҳо аломатҳои умумии ҷиноятҳои маъмулиро доро буда, ҳамзамон аз баъзе нишонаҳои махсуси худ фарқият низ доранд.

Дар адабиёти илмии назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин хусусиятҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ пешбинӣ карда шудаанд:

1. Дар як навбат ҳам ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам ба муносибатҳои байналмилалӣ хавф доранд;

2. Ҳам дар санадҳои байналмилалӣ ва ҳам дар санадҳои миллӣ ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфнок этироф шудаанд;

3. Муайянкунандаи гунаҳкории шахс дар содир кардани чунин кирдор.

Ин хусусиятҳо нишон медиҳанд, ки ҳуқуқвайронкуниҳои байналмилалӣ на танҳо ҳамчун хатар ба як давлат, балки ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ ба низоми умумии ҳуқуқи байналмилалӣ ва амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта мешаванд.

Аз ин лиҳоз, давлатҳо вазифадоранд, ки чунин кирдорҳоро пайгирӣ, пешгирӣ ва ба ҷавобгарӣ кашанд, то ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини амнияти байналмилалӣ таъмин гардад. «Дар натиҷа, ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун воситаҳои асосӣ барои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ва таъмини ҷавобгарии давлатҳо дар назди ҷомеаи байналмилалӣ хизмат мекунанд» [49, с. 394].

Ғайриқонунӣ будани ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ натанҳо бо манъ шудани онҳо дар санадҳои байналмилалӣ муайян мешавад, балки барои муайян кардани чунин кирдор инчунин муқаррароти қонунгузории ҷиноятии миллӣ низ зарур мебошад. Татбиқи категорияи гуноҳ нисбат ба ташкилоти коллективӣ, аз ҷумла давлатӣ, дар доираи меъёрҳои қабулшудаи

ҳуқуқи ҷиноятӣ натиҷаи якҷониба гирифтан дуруст нест. Баъдан, ҷинояти характери байналмилалидоштаро бе иштироки давлат низ содир кардан имкон дорад.

Ба ақидаи олими тоҷик Т.Т. Мансуров бояд, ки меъёрҳои байналмилалии муайянкунандаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазироӣ карда шаванд [153, с. 60-61]. Ақидаҳаи муаллиф боиси дастгирӣ мебошад, аз оне ки пас аз пазироии санадҳои байналмилалии муайянкунандаи ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои конвенсионӣ имконияти мубориза алайҳи чунин зуҳуроти номатлубро боз ҳам қавитар гардонида баҳри решакан намудани ин кирдорҳо имконияти чораҳои муассир андешидан ба миён меояд.

Ба андешаи А.И. Бойко ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ: 1) аз ҷониби қонунгузории миллӣ ҷазо дода мешаванд; 2) объекти асосии бевоситаи онҳо «умумиҷиноятӣ» ва объекти иловагиашон – байналмилалӣ мебошанд; «3) аз ҷониби шахс барои манфиати шахсӣ ва бо ташаббуси худи ӯ содир мешаванд; зарар ба арзишҳои байналмилалӣ ҳамзамон чун воситаи расидан ба иҷрои вазифаи нисбатан камаҳаммият бар миқёси ҷаҳонӣ расонда мешавад» [54, с. 47-49]; 4) бо дараҷаи хатари ҷамъиятии нисбатан камтар дар муқоиса бо ҷиноятҳои байналмилалӣ тавсиф мешаванд; 5) дар аҳдномаҳо ва созишномаҳои дуҷониба дарҷ шудаанд; 6) субъекти онҳо танҳо шахсони воқеӣ буда метавонанд; 7) ба маънии нақзи меъёрҳои манъшудаи қонунҳои ҷиноятии миллӣ фаҳмида мешавад, ки дар уҳдадориҳои ихтиёран аз ҷониби давлатҳо вобаста ба мубориза бо намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо қабулкарда ифода меёбанд ва барои бисёр кишварҳо зарар ва нооромӣ эҷод мекунанд; 8) ҷавобгарӣ барои онҳо хусусияти сиёсӣ надорад; 9) уҳдадориҳои байналмилалӣ барои таъқиби чунин ҷиноятҳо, ки аз созишномаҳои байналмилалӣ бармеоянд, барои истифодаи ин меъёрҳо чун асоси ҳуқуқӣ масъулияти дохилкунии онҳоро ба қонунҳои миллии ҷиноятӣ талаб мекунад [54, с. 47-49].

Ҷиноятҳои номбурда аввал тартиботи байналмилалӣ ва сипас манфиатҳои дохилии миллиро поймол мекунанд. Бо вуҷуди ин, комилан истисно кардани масъулияти сиёсии давлат барои иҷро накардани уҳдадориҳояш вобаста ба ҳуқуқи байналмилалӣ дуруст нест.

«Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ – сӯиқасдҳо ба равобити муътадили миёни давлатҳо мебошанд, ки дар созишномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ ва дар қонунгузориҳои дохилӣ ҷорӣ шуда, ба ҳамкориҳои осоишта дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳо, инчунин ба фаъолият ва зиндагии созмонҳо ва шаҳрвандон зарар мерасонанд» [223].

Албатта дар асоси гуфтаҳои боло «ва ақидаи олимони соҳа хулоса кардан мумкин аст, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дорои аломатҳои муаяни худ ва ҳамчунин ҳама аломатҳои ҷиноятҳои муқаррариро доранд» [223]. Ҳамзамон ин сӯиқасдҳои мавриди назар хусусиятҳои худро низ доранд.

Нишонаи асосии ҷиноятҳое, ки дорои хусусияти конвенсионӣ мебошанд ин ба эътибор расидани уҳдадории байналмилалӣ дар меъёри дахлдор дар қонунгузории миллӣ мебошад, яъне пас аз тасвиби шартномаи байналмилалии дахлдор дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ пешбинӣ карда мешавад. Ҷавобгарӣ барои чунин ҷиноятҳо дар қонунгузории миллӣ танҳо ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, ки давлат ба дӯш гирифтааст, муқаррар мешавад. Тағйир додани меъёрҳои мавҷудаи Кодекси ҷиноятӣ бо мақсади мутобиқ кардани онҳо ба санадҳои байналмилалӣ, инъикоси иҷроиши санадҳои қабулшудаи байналмилалӣ ба шумор меравад [183, с. 132; 48, с. 12].

Чунин тасаввур мешавад, ки ҳама нишонаҳои ҷиноятро дорои хусусияти конвенсионӣ [69, с. 138] номидан қобили қабул аст ва зери мафҳуми онҳо ҳама сӯиқасдҳои хавфноки ҷамъиятие дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ фаҳмида мешавад, ки қобили татбиқи ҷазо будани онҳо бояд дар қонунгузории миллӣ муқаррар шуда бошад.

«Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ҳам ба ҳаёти шаҳрвандон ва ҳам ба низоми амнияти давлатӣ ва байналмилалӣ хавф дошта бошанд, барои ҳамин онҳо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хавфнок ба ҳисоб меравад» [114, с. 856; 125, с. 765]. Мубориза бо онҳо ва таҳқиқи онҳо дар доираи созишномаҳои байналмилалӣ амалӣ мешавад.

«Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ҳам ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ таъсир мерасонад, онҳо нисбат ба дигар навъҳои ҷиноят хавфи баланди ҷамъиятӣ доранд» [98, с. 603]. Ин маънои онро дорад, ки таъсири онҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ вазнин аст.

Ҳамин тариқ, чунин аломатҳои хоси ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро ҷудо кардан мумкин аст:

- дар робита ба созишномаи байналмилалӣ ба вуҷуд меоянд;
- ба объектҳои мухталиф сӯиқасд мекунанд;
- ҷазо барои онҳо бояд дар қонунгузории миллӣ муқаррар карда шавад.

Ҷудо кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ба гурӯҳи ҷудогона имкон медиҳад, ки мувофиқати меъёрҳои марбути онҳо дар уҳдадории байналмилалӣ ва низоми шаклгирифтаи қонунгузории ҷиноятӣ қабулшуда муайян карда шавад.

Ин консепсия дар умум қобили қабул аст. «Тавре зикр шуд, нуқтаи назаре бартарӣ дорад, ки бар асоси он ҳама ҷиноятҳое марбут ба созишномаи байналмилалӣ ба ҷиноятҳои байналмилалӣ ва дорои хусусияти байналмилалӣ ҷудо мешаванд» [67, с. 98-100; 109, с. 53-60; 98, с. 603; 91, с. 639; 114, с. 856; 125, с. 765]. Ҳардуи ин гурӯҳ боз мумкин аст ба зергурӯҳҳо тасниф шаванд.

Вобаста ба таснифи чунин ҷиноятҳо мавқеи ягона вуҷуд надорад. Олимони гуногун шумораи мухталифи гурӯҳҳоро ҷудо карда, баъзе ҷиноятҳоро аз як гурӯҳ ба дигар мансуб донистаанд.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро вобаста ба воситаи пайдоиши меъёрҳо дар бораи онҳо чунин фарқ ва ҷудо кардан мумкин аст:

– конвенсионӣ – ҷиноятҳое, ки меъёрҳо дар бораи онҳо дар кодекси ҷиноятӣ барои иҷрои созишномаи байналмилалӣ баъди қувваи амал пайдо кардани он ба вуҷуд омадаанд;

– деривативӣ – ҷиноятҳое, ки ҷавобгарӣ барои онҳо дар ибтидо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои алоҳида пайдо шуданд ва баъдан вобаста ба масъалаи монанд созишномаи байналмилалӣ баста шудааст; [217]

– симулярӣ – ҷиноятҳое, ки ҷавобгарӣ барои онҳо дар робита ба созишномаи байналмилалӣ то қабули уҳдадориҳои марбут ба он аз ҷониби давлат муқаррар шудааст; [216]

– татбиқнашуда – ҷиноятҳои дар созишномаи байналмилалӣ пешбинишудае, ки барои давлат қувваи ҳатмӣ дорад ва муқаррароти он дар қонунгузории дохилӣ татбиқ нашудааст.

Таснифоти мазкур қисман қобили қабул буда дар он нишонаҳои ҷиноятҳои мавриди таҳқиқ ва намудҳои мушахаси онҳо оварда шудаанд. Ҷиноятӣ дорои хусусияти конвенсионӣ гуфта, кирдоре фаҳмида мешавад, ки КҶ ҶТ бо таҳдиди додани ҷазо дар ҳудуди амалӣ он ва уҳдадориҳои дар асоси созишномаи байналмилалӣ (ҳам дорои хусусияти умумӣ ва ҳам санадҳои махсус)-и тасвибшуда қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқ дар ин кодекс манъ кардааст.

«Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ кирдорҳои хавфноки ҷамъиятие мебошанд, ки барои онҳо дар қонунгузории миллӣ ба сабаби иҷрои уҳдадориҳои қабулкардаи давлат дар асоси созишномаи байналмилалӣ ҷавобгарӣ муқаррар шудааст» [98, с. 460]. Аз ин рӯ, танҳо кирдорҳои ба ҷамъият хавфноке ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ дониста мешаванд, ки меъёрҳо дар бораи онҳо дар қонуни ҷиноятӣ баъди қувваи амал пайдо кардани ин ё он уҳдадории байналмилалӣ барои Тоҷикистон пайдо шудаанд.

Таснифи ягонаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар адабиёти соҳа вуҷуд надорад. Ин ҷиноятҳо вобаста ба асосҳои мухталиф метавонанд гурӯҳбандӣ шаванд. Масалан, вобаста ба хусусияти созишномаи байналмилалӣ, ки ҷинояти конвенсиониро фаро мегирад ва дараҷаи

мушаххас будани таркиби ҷиноят дар он чунин навъҳои ин ҷиноятҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1) ҷиноятҳои конвенсионие, ки дар пайи қабули уҳдадории марбут ба созишнома ба вуҷуд омадаанд, аҳаммияти хоси ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ надоранд, аммо уҳдадории умумии давлатро барои муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои он фаро гирифтаанд. Аз ҷумлаи чунин созишномаҳо Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, аз 10 декабри соли 1948, мебошад [98, с. 460];

2) ҷиноятҳое, ки пас аз тасвиби созишномаи байналмилалии дар умум ба масъалаҳои ғайриҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст, аммо таркиби мушаххаси ҷиноятро фаро мегирад. Масалан, Аҳднома дар бораи баҳри озод ва Аҳдномаи СММ дар бораи ҳуқуқи баҳргардӣ таркиби роҳзании баҳриро таҳия кардаанд;

3) ҷиноятҳое, ки пас аз қабули уҳдадориҳои марбут ба созишномае ба вуҷуд омадаанд, ки дар умум ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бахшида шудааст, аммо таркиби мушаххаси ҷиноятро дар худ фаро нагирифтааст;

4) ҷиноятҳое, ки дар КҶ ҶТ пас аз тасвиби созишномаи ба ҷиноятҳои мушаххас бахшидашуда муқаррар шудаанд ва таркиби чунин ҷиноятҳоро дақиқ шарҳ додаанд [116, с. 280].

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ аз рӯйи шакли гуноҳ тасниф карда намешаванд, чунки онҳо аксаран барқасдона содир мешаванд.

Л.Н. Шестаков ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро ҳамчун ҷиноятҳои фаромиллӣ номида ба онҳо ҷиноятҳои умумиеро дохил мекунад, ки ба тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ сӯиқасд намекунанд ва онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятии дохилидавлатӣ ва байнидавлатӣ таҷовуз менамоянд [93, с. 340].

Дар як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро ҳамчун ҷиноятҳои фаромиллӣ ном мебаранд

Мафҳуми ҷинояти фаромиллӣ ҳам аз мафҳуми ҷинояти байналмилалӣ, дар гузориш аз ҷониби Маркази байналмилалии пешгирии ҷиноятҳо барои Созмони Милали Муттаҳид қайд карда мешавад: «Хусусияти маъмултарини

фарққунандаи ҷиноятҳои фаромиллӣ дар он аст, ки он убури сарҳадҳо ё берун аз тобеияти давлатҳоро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, он метавонад интиқоли иттилоотро дар бар гирад, ки дар муқоиса бо убури ҷисмонӣ аз сарҳад аслан «виртуалӣ» аст. Дар бораи худи ҷиноятҳо низ баъзе номуайянӣ вуҷуд дорад. Дар ниҳоят низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ амалҳои гуногунро ҷиноят мешуморанд ва барои онҳо ҷазоҳои гуногун муқаррар мекунанд. Новобаста аз он, ки шумораи зиёди санадҳо ба конвенсияҳои байналмилалӣ дохил мешаванд, бидуни онҳо амалӣ кардани адолат бо ягон натиҷа дар корҳои байналмилалӣ қариб ғайриимкон аст. Ин конвенсияҳо, шояд аз ҳама маълум Конвенсияи СММ бар зидди тиҷорати ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар соли 1988 бошад, ки фаҳмиши муштаракро байни давлатҳо дар бораи он, ки баъзе амалҳо бояд танзим, мамнуъ ё ҷиноят эътироф шаванд, инъикос мекунанд» [134, с. 18]. Ҳарчанд ҳамаи ин масъалаҳо барои омӯзиши ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ мушкилоти ҷиддие ба миён меоранд, онҳо, албатта, барои давлатҳое, ки роҳҳои ҳалли ҳуқуқии мубориза бо ин навъи ҷиноятҳоро таҳия мекунанд, монеаи бартарафнашаванда мебошанд.

Фаромиллӣ (Transnational Crime) – ин мафҳум дар охири асри XX, вақте ки ҷиноятҳо афзоиш ёфта, танҳо ба як давлат маҳдуд намешуданд, балки аз сарҳадҳои давлатӣ мегузаштанд, ба вҷуд омад. Масалан, тиҷорати ғайриқонунии маводи мухаддир, савдои одамон, терроризм ва ғайра.

А. Светков ва дигарон ин намуди ҷиноятҳоро «фаромиллӣ» номиданд, зеро онҳо на танҳо ҷиноятҳои дохилии як давлат, балки амалҳое мебошанд, ки дар байни кишварҳо ва марзҳо рух медиҳанд ва ба ҳамдигар пайвандӣ доранд.

Олимони соҳа дар асарҳои худ зикр кардаанд, ки ҷиноятҳои фаромиллӣ «кирдорҳое эътироф карда мешаванд, ки содиршаваии онҳо фарогири якчанд давлат мебошад, онҳо дар вазъияте содир мешаванд, ки ҷиноят дар як давлат оғоз шуда оқибатҳои он ва ё хотимаи он дар давлатҳои дигар анҷом

меёбад»[112, с. 15]. Масалан, савдои одамон ва ё ҷиноятҳои дорои хусусияти терористӣ ва ё экстремистидошта [112, с. 15].

А.Э. Сунсов ва Ю.В. Трунсевский ақидаи худро оид ба масъалаи таҳқиқшаванда иброз мекунанд: «ба гурӯҳи махсуси ҷиноятҳое, ки объекти хавфнокии зидди ҷамъият мебошанд, метавонанд ба таври шартӣ ҷиноятҳои фаромиллиро дар бар гиранд, ки унсурҳои онҳо ба мафҳуми ҷиноятҳои байналхалқӣ дохил карда нашудаанд. Ин кирдорҳои ҷиноятие мебошанд, ки аз ҳудуди як давлат берун баромада, танҳо дар вазъияти мушаххас бо сабаби пайдо шудани унсури байналмилалӣ, бегона дар ҷиноят (дуздӣ, қаллобӣ, дуздии кӯдакон ва ғайра) характери байналмилалӣ пайдо мекунанд» [84, с. 69].

Масалан, «дуздӣ ва содироти ғайриқонунии сарватҳои фарҳангӣ мутобиқи Конвенсияи Гаага дар бораи ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ дар соли 1954» [193], инчунин «Конвенсияи ЮНЕСКО аз соли 1970 дар бораи манъи воридот, содирот ва интиқоли ғайриқонунии моликият ва сарватҳои фарҳангӣ» [29].

Воситаи муҳимми муборизаи ҳуқуқӣ бо истисмори шаҳвонӣ «Конвенсия оид ба мубориза бар зидди савдои одамон ва истисмори танфурӯшӣ соли 1949 буд, ки дар он кишварҳои ширкаткунанда барои ҷилавгирӣ аз ҳама шаклҳои қочоқи занон ва танфурӯшии занон тамоми чораҳои дахлдор, аз ҷумла чораҳои қонунгузориро бояд андешанд» [28]. Кӯдакон махсусан дар «Эъломияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак ва баъдан дар Конвенсияи соли 1989 дар бораи ҳуқуқи кӯдак, м. 34 кишварҳои узвро вазифадор мекунад, ки ҳифзи кӯдаконро аз ҳама шаклҳои истисмори ҷинсӣ кафолат диҳанд» [30]. «Созмони Милали Муттаҳид як барномаи муҳимми ислоҳотро оғоз кард: пешгирии хариду фурӯши кӯдакон аз ҷониби UNCICP дар Вена махсусан баррасӣ шуд. Ин ниҳод дар ин самти муҳим фаъол хоҳад буд, чуноне ки дар Комиссияи шашуми СММ оид ба пешгирии ҷиноятҳорӣ ва адолати ҷиноӣ дар соли 1997 дар Вена, ки дар он масъалаи таҳияи конвенсияи байналмиллалии зидди фурӯши кӯдакон баррасӣ шуд, барномаи

пешгирии фурӯши кӯдакон, танфурӯшии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон, ки соли 1992 аз ҷониби Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи башар қабул шуда буд, ки дар ин соҳа амал мекунад».

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷиноятҳои фаромиллӣ аз рӯйи моҳияти расмии ҳуқуқии худ бо ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта ва ё ҷиноятҳои конвенсионӣ якхелаанд.

Дар адабиёти соҳавӣ ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ одатан якҷоя омӯхта мешаванд, зеро ҳар ду ҷузъи як падидаи конвенсионӣ мебошанд. Ҷиноятҳои фаромиллӣ ҳамчун он намудҳои алоҳидаи ҷиноят ҳисобида мешаванд, ки аз ҳудуди як давлат берун меравад ва унсури «бегона» доранд.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ таҳлил мешаванд ва барои муқобила бо онҳо низ ҳамкории байналмилалӣ зарур аст [97, с. 356].

П.Н. Бирюков ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалиро чунин таъриф додааст: «Амали шахси воқеие, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ду ё зиёда давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ сӯиқасд мекунад».

Ин ҷиноятҳо: 1) ба манфиатҳои ду ё зиёда давлатҳо, шахсони ҳуқуқӣ ё шаҳрвандон дахл доранд; 2) аз ҷониби шахсони алоҳида бе алоқамандӣ бо сиёсати давлат содир мешаванд; 3) дар доираи қонунҳои миллӣ ҷавобгарии ҷиноятии фардии ҳуқувайронкунандаро дар пай доранд.

Ба андешаи Ю.С. Ромашев ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ: 1) иборат аз кирдорҳое мебошанд, ки «дар шартномаҳои умумии байналмилалӣ ҷиноят эътироф шудаанд ва ин ҳолат зарурати ҳамкории давлатҳоро барои ҳифзи якҷояи манфиатҳои худ ба миён меорад; 2) хавфи дараҷаи баланди ҷамъиятии миқёси байналмилалиро ба вуҷуд меоранд» [166, с. 71].

Манъ будани ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалиро танҳо вобаста ба шартномаҳои умумии байналмилалӣ асоснок кардан дуруст нест, зеро дар

ин ҳолат шумораи манбаъҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии манъкунанда беасос маҳдуд карда мешавад.

Фарқ байни ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳое, ки хусусияти байналмилалӣ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ гуногун оварда шудаанд, авалан фарқияти якум дар он аст, ки ҷиноятҳои байналмилалӣ бештар характери универсали доранд ва нисбати онҳо мумкинаст аз ҷониби суди байналмилали ҷавобгарии ҷинояти муқарар карда шаванд, намуди дуюм яъне ҷиноятҳои хусусияти байналмилали дошта дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шудааст. Ҳарду намуди сӯиқасд ҳам тартиботи ҳуқуқии миллӣ ва ҳам байналмилалиро нақз мекунанд [166, с. 71].

Чунин фарқгузорӣ дар маҷмуъ асоснок ба назар мерасад. Аммо, ба андешаи мо, мафҳумҳои истифодашуда номувофиқанд. Бори маънои истилоҳҳои «ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ» ва «ҷиноятҳои байналмилалӣ», тақрибан баробар буда, байни онҳо амалан фарқияте дида намешавад.

«Ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун кирдорҳои ба ҷамъият хавноке фаҳмида мешаванд, ки дар санадҳои эътирофшудаи байналмилалӣ пешбинӣ шуда, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва амнияти дохили давлатӣ таҷовуз мекунанд» [68, с. 149].

А.Г. Богатирев пешниҳод кардааст, ки ин мафҳум бо зикри матлаби зерин пурратар карда шавад: 1) субъекти ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ шахсони воқеӣ мебошанд; 2) мубориза бар зидди чунин сӯиқасдҳо воситаҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалиро дар якҷоягӣ фаро мегирад. «Ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ моҳиятан ҷиноятҳои байналмилалие мебошанд, ки ҷазо барои онҳоро қонунгузории миллии давлатҳо муқаррар кардааст.

Хусусияти байналмилалии чунин ҷиноятҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо аз тарафи санадҳои байналмилалӣ ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфнок эътироф шуда, ба мунисибатҳои дохили давлатӣ таҷовуз меоранд. Алоқамандӣ бо унсури хориҷӣ барои онҳо иловагӣ (ғайриҳатмӣ) аст. Ин

ҷиноятҳо мумкин аст аз ҷониби шаҳрванди ҳамин кишвар, яъне бе иштироки унсури хориҷӣ, бе убур кардани сарҳад содир карда шаванд.

Ҷиноятҳоеро, ки унсури «хориҷӣ» доранд, «фаромиллӣ» ва «фаромарзӣ» номидан дурусттар аст. Чунин кирдорҳо мумкин аст тибқи созишномаи дахлдор таҷассуми ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ҳам надошта бошанд, балки фақат тавассути қонуни миллӣ таъқиб шаванд. Ҷиноятҳои байналмилалӣ ба амнияти давлатӣ ё худ ба амнияти миллии давлатҳо хавфи калон дорад. Амалан ҷиноятҳои байналмилалӣ ба сулҳу амнияти башарият таҷовуз оварда суботу амнияти давлатҳоро коҳиш медиҳад. Таснифи ҷиноятҳои байналмилалӣ ҷиноятҳоеро дар бар мегирад, ки ба амнияти давлатҳо, миллатҳо хатар эҷод мекунад. Ин ҷиноятҳо дар санадҳои байналмилалӣ пешбинӣ шуда, давлатҳои аъзоро уҳдадор мекунанд, ки дар қонунгузории ҷиноятии худ нисбат ба онҳо ҷазоҳои мушаххас пешбинӣ карда шаванд.

Ҷинояткории байналмилалӣ падидаи ҳуқуқии мураккаб мебошад. Ҷинояткории байналмилалӣ кирдоре мебошад, ки аз ҷониби субъекти муайян содир шуда, ҳамаи нишонаҳои таркиби ҷиноятро дар бар мегирад. Дар миёни чунин кирдорҳо, ҷиноятҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи махсусро доро аст.

Ҷинояти байналмилалӣ ҳамчун кирдоре эътироф карда мешавад, ки ба меъёрҳо ва принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ таҷовуз меорад. Ин ҷиноятҳо метавонанд аз ҷониби шахсони мукаллафи ҷисмонӣ, гурӯҳҳои муташаккил ва мақомҳои давлатӣ содир карда шаванд. Хусусияти фарқкунандаи онҳо дар он аст, ки чунин кирдорҳо ба сулҳу амнияти байналмилалӣ зарар оварда, бо сабаби оқибатҳои вазнинашон ба вокуниши ҷомеаи ҷаҳонӣ оварда мерасонанд.

«Дар давраи то инқилоби Октябр амалҳои зерин ба ҷинояти байналмилалӣ дохил мешуданд: талошҳои як давлат барои тобеъ кардани давлати дигар ва ҳокимиятро дар тамоми дунё дар ихтиёр гирифтан, ҳамла бе эълони ҷанг ё бе сабаби ҷиддӣ ва баҳонаи асоснок, риоя накардани аҳдномаҳои байналхалқӣ» [102, с. 50].

Дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мафҳуми ҷинояти байналмилалӣ бо тафсирҳои гуногун пешбинӣ карда шудааст. Мафҳум, аломатҳо, таркиб ва хусусиятҳои ҷинояти байналмилалӣ то ҳол дар ягон санади дорои қувваи ҳуқуқии умумӣ ба таври дақиқ ва мукаммал муайян карда нашудааст.

«Дар амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ кӯшишҳои таҳия, тадвин ва татбиқ (кодификатсия)-и ҷиноятҳои байналмилалӣ сурат гирифтаанд. Аз ҷумла, аз ҷониби Комиссияи ҳуқуқи байналмилалии СММ соли 1970 Лоиҳаи кодекси ҷиноятҳои алайҳи сулҳ ва амният, инчунин тартиби ба ҷавобгарӣ кашидани ашхоси онҳоро содиркарда таҳия шудааст» [227].

Д.Б. Левин «мафҳуми ҷинояти байналмилалиро ҳамчун маҷмуи кирдорҳое пешбинӣ мекунад, ки ба озодии миллатҳо, манфиатҳои умумибашарӣ ва ҳуқуқу манфиати тамоми давлатҳо таҷовуз меорад» [83, с. 56]. Ин гуна мафҳум то андозае мукаммал набуда, моҳияти ҳодисаи пурраи ҷиноятҳои байналмилалиро инъикос намекунад, зеро чунин ҷиноятҳо дорои хусусияти хавфнок буда, ба сулҳ ва амнияти байналмилалӣ оқибатҳои сангин ба миён меоранд.

Ҷиноятҳои байналмилалӣ ба гурӯҳи амалҳое мансубанд, ки таъсири онҳо ба сатҳи як давлат маҳдуд намешавад; баръакс, онҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар маҷмуъ зарар мерасонанд ва аз ин рӯ, мавриди таваҷҷуҳи муназзами мақомоти байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи умумибашарӣ қарор мегиранд [83, с. 56].

Ба ақидаи П.С. Ромашкин ҷиноятҳои байналмилалӣ сӯиқасди ҷиноятие мебошад, ки ба муносибатҳои байналмилалӣ таҷовуз меоранд. Муаллиф зикр мекунад, ки зимни содир шудани ҷиноятҳои байналмилалӣ муносибатҳои байналмилалӣ зери хатар қарор дода шуда, оқибатҳои вазнинро ба миён меорад. Ин ҷиноятҳо ба принсипҳои муносибати байни давлатҳо низ таҷовуз оварданашон мумкин аст [168, с. 28]. Чунин ҷиноятҳо дар шакли кирдорҳои хавфноке амалӣ карда мешаванд, ки ба манфиатҳои созмонҳои байналмилалӣ, давлатҳо ва миллатҳо таҷовуз оварда, амнияти

миллатҳои алоҳидаро зери хавф қарор диҳанд.

Мафҳуми сода ва бисёр пурмазмуни ҷиноятҳои байналмилалӣ аз ҷиноби А.Н. Трайнин пешниҳод шудааст. Ӯ ҷиноятҳои мазкурро бо номи ҷиноятҳо муқобили башарият этироф карда, онро ҳамчун кирдори сӯиқасд ба ҳаёт ва зиндагии халқҳо этироф мекунад [122, с. 898].

Албатта, мафҳумҳои овардашуда хусусиятҳои алоҳидаи ҷиноятҳои байналмилалиро инъикос мекунад, вале онҳо аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ комил нестанд. Дар мафҳуми ҷиноятҳои байналмилалӣ дар баробари нишонаҳои зикршуда, бояд дигар нишонаҳои умумии ҷиноятро дарбаргиранда бошад. Бо дарназардошти фикру ақидаи олимони соҳа ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мумкин аст мафҳуми академии ҷиноятҳои байналмилалиро пешниҳод кард:

«Ҷиноятҳои байналмилалӣ ҳамчун поймолкунандаи принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба дигар ҷиноятҳои умумӣ хавфнок ба ҳисоб мераванд. Ҷиноятҳои байналмилалӣ ба сулҳу амнияти инсоният сӯиқасд карда, барои робитаҳои муътадили миёни давлатҳо новобаста аз шароити иҷтимоӣ-сиёсии онҳо хатари ҷиддӣ эҷод мекунанд»[144, с. 172-177].

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда мумкин аст нишонаҳои ҷиноятҳои байналмилалиро муқаррар кард:

1. Зери хатар гузоштани амнияти байналмилалӣ, сулҳу суботи ҷаҳонӣ, асосҳои мавҷудияти ҷомеаи башарӣ;

2. Ҷинояти байналмилалӣ дар сурати зикр шудан дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ этироф мешавад;

3. Гунаҳкорӣ дар содир кардани ҷиноят.

Таркиби ҷинояти байналмилалӣ аз маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективӣ иборат буда, онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ пешбинӣ карда шудаанд [144, с. 172-177].

Унсури муҳимми таркиби ҷиноят дар қонунгузории дохилии кишварҳо объект мебошад.

Ба андешаи Е.А. Коровин «шумораи манфиатҳои тибқи санадҳои

ҳуқуқии байналмилалӣ ҳифзшаванда ба кадом миқдоре, ки бирасад, кирдорҳои зиддиҳуқуқии байналмилалӣ низ ҳамон андоза хоҳад буд» [75, с. 27-28]. Мавқеъгирии Л. Оппенгейм низ чунин аст, ки мегӯяд: «Ҷиноятҳои байналмилалӣ нисбат ба объектҳои мухталифе содир мешаванд, ки шумор кардани онҳо аз имкон берун аст» [107, с. 316].

Ба ақидаи И.И. Карпетс «ба сифати объекти ҷиноятҳои байналсилалӣ муносибати осоишта байни давлатҳо ва шароити мусоид баромад мекунад» [68, с. 46]. «Нақзи чунин қоидаҳо метавонанд иборат аз таҷовуз ё тааррузи як давлат нисбат ба истиқлол ва тамомияти арзии давлати дигар бошанд, ки сулҳу тартиботи байналмилалиро вайрон мекунанд. Ба ғайр аз ин, ин гуна ҷиноятҳо метавонанд ҳамлаву таҷовузҳои байнидавлатиеро ба мисли ҳамлаҳои киберӣ, хакерӣ, иқдомоти ҳарбӣ ва пуштибонии терроризм бо ҳадафи ноамн ва хароб кардани муносибатҳо ва тартиботи байналмилалиро низ дар бар гиранд. Ин гуна дидгоҳ нисбат ба мафҳуми ҷиноятҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳро ба зарурати риояи меъёрҳо ва созишномаҳои байналмилалие равона мекунад, ки барои ҳифзи сулҳу субот миёни давлатҳо тасвиб шудаанд» [68, с. 46].

Дар асарҳои даврони шуравӣ вобаста ба объекти ҷиноятҳои таҳқиқшаванда назари махсус вуҷуд дошт. Масалан А.Н. Трайнин зикр мекунад, ки объекти ин ҷиноятҳо инкишофи осоиштаи халқҳо, шароити зиндагии ором мебошад [120, с. 24]. Ба ин ақида наздиктар Ю.С. Рамашев низ ақидаҳи худро зикр кардааст. Муаллиф дар асарҳои худ қайд кардааст, ки дар натиҷаи содиршудани ҷиноятҳои мазкур мавҷудияти давлати муаян зери хатар гузошта мешавад [167, с. 197]. Ақидаи мазкур «барои соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли он дар арсаи байналмилалӣ пайомадҳои бисёр харобиовар доранд. Ин ҷиноятҳо метавонанд иборат аз амалҳои таҷовузкоронаи ҳарбӣ ва ҳамчунин кӯшиши тағйир додани сохтори давлатӣ ба воситаи таъсири хориҷӣ ё ғасби мусаллаҳонаи ҳокимият бошанд. Чунин амалҳо ба барҳам задани истиқлолияти давлат ва таҳдид ба соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии он равона шудаанд. Ҳамчун сӯиқасд ба мавҷудияти давлат ё миллат

фаҳмидан ва қабул кардани ҷиноятҳои байналмилалӣ муҳим будани ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти ҳар давлатро дар чаҳорчӯби тартиботи ҳуқуқӣ ва равобити байналмилалӣ собит мекунад» [167, с. 197].

Ю.А. Решетов объекти ҷиноятҳои байналмилалӣ гуфта уҳдадориҳоеро дар назар дорад, онҳо барои ҳаёти осоиштаи ҳамаи давлатҳо зарур буда аҳамияти баланди сиёси доранд [177, с. 23].

И.П. Блишенко нисбати объекти ин ҷиноятҳо васеътар назар карда қайд мекунад, ки ба сифати онҳо на танҳо соҳибистиқлолии давлатҳо баромад мекунад, балки ҳуқуқ озодиҳои инсон низ объекти бевоситаи онҳо мебошанд [51, с. 25]. Вобаста ба гуногунандешагӣ дар атрофи объекти ҷиноятҳои байналмилалӣ, метавон гуфт, ки чунин кирдорҳо принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалиро поймол карда, ҳамзамон манфиатҳои ҳаётан муҳимми тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ва амнияти башариятро таҳдид мекунанд.

Хусусияти фарққунандаи ҷиноятҳои байналмилалӣ аз дигар ҷиноятҳо дар таҳдид барои тамоми инсоният муаррифӣ мешавад. Яъне, ин гуна кирдорҳо на танҳо ба шахсони алоҳида ё давлатҳо, балки ба низоми умумиҷаҳонии ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ хатар меоранд.

Бо таваҷҷуҳ ба омӯзиши ҷиноятҳои байналмилалӣ, хусусиятҳои умумии онҳо, намудҳои ҷиноятҳо дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва танзими ҳуқуқии онҳо, ҷиноятҳои байналмилалиро метавон навъи махсуси ҳуқуқвайронкунии байналмилалӣ ҳисоб кард, ки барои ҷомеаи башарӣ ва низоми байналмилалӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад.

С.В. Черниченко чунин мешуморад, ки агар дар шартномаи байналмилалӣ барои содир намудани ин ё он кирдор ҷавобгарӣ муқаррар шуда бошад, пас ин маънои манъи содир намудани ин кирдорро, ки бевосита ба фарди алоҳида равона шудааст, надорад, балки уҳдадории мутақобилаи иштирокчиёни аҳдномаҳоро дар хусуси ҷазо додани шахсони гунаҳкор дар вайрон кардани онҳо бо роҳи муқаррар намудани меъёрҳои манъкунандаи зарурӣ дар қонунгузории дохилии онҳо ифода меёбад, ки баъдан бевосита нисбат ба ашхоси ҷудогона татбиқ карда мешаванд [129, с. 88; 56, с. 253 ].

Агар шартномаи байналмилалӣ барои як амал ҷавобгарӣ муқаррар кунад, ин маънои манъи бевоситаи он амал ба шахсони алоҳидаро надорад. Яъне, шартнома худ ба худ шахсро ҷазо намедиҳад, балки масъулияти таъмини риояи он ва ҷазо додани гунаҳкорон ба кишварҳост.

Андешаи муқобил низ вуҷуд дорад, ки он консепсияи ҷавобгарии ҷиноятии шахс аст: «ба таври умум эътироф шудааст, ки амалҳо ё беамалиҳои ҷиноятие вуҷуд доранд, ки қонуни байналмилалӣ барои онҳо шахсони гунаҳкорро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб мекунад» [179, с. 262-275].

Консепсияи ҷавобгарии ҷиноятии давлат дар ҳуқуқи байналмилалӣ қобили қабул нест. Созмону ташкилотҳо низ субъектҳои ҷавобгарии ҷиноятии байналмилалӣ буда наметавонанд. Танҳо фард метавонад чунин ҷавобгарӣ дошта бошад [179, с. 262-275].

Иловатан дар адабиёти ҳуқуқӣ зикр шудааст, ки нисбат ба ҷиноятҳои байналмилалӣ ҷавобгарии дуҷониба мавҷуд мебошад. Яъне ба истиснои ҷавобгарии тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ боз ҷавобгарӣ мутобиқи қонунгузории миллӣ низ мавҷуд мебошад [91, с. 638]. Албатта бо чунин ақида розӣ шудан ғайриимкон аст, чунки ин духӯрагӣ ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мухолифат мекунад. Вобаста ба субъектони чунин ҷиноятҳо низ дар адабиёти ҳуқуқӣ духӯрагӣ мавҷуд мебошад, яъне аз тарафи гурӯҳи олимон давлат низ субъекти ҷиноятҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, аммо гурӯҳи дуюм дар он ақидаанд, ки на давлат, балки роҳбари мақомҳои идоракунӣ ба сифати субъекти ҷиноятҳои байналмилалӣ баромад мекунанд [92, с. 445; 177, с. 48-49].

И.И. Карпетс пешниҳод мекунад, ки танҳо ҳамон кирдорҳое ҷинояти байналмилалӣ ҳисобида шаванд, ки барои мавҷудияти муносибатҳо ва ҳамкории байни давлатҳо, сарфи назар аз сохти ҷамъиятию сиёсии онҳо хавфи зиёд доранд [146, с. 45-56]. Бояд ёдовар шуд, ки маъмулан ҷиноятҳои байналмилалиро муаллифони дигар низ чун гурӯҳи махсус ҷудо карда буданд, вале он шарҳу эзоҳҳои номуносиб гирифта буд. Масалан, П.С. Ромашкин чунин ҷиноятҳоро сӯиқасд ба пояҳои равобити байналмилалӣ

мешуморад (дар яке аз таълифоти худ ин гуна ҷиноятҳоро ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва башарият низ номидааст) [168, с. 26]. «Сарфи назар аз баъзе фарқиятҳо дар таърифҳои додашуда, муаллифони дар боло зикршуда дар ин масъала ҳамфикранд, ки ба гурӯҳи ҷиноятҳои байналмилалӣ бояд инҳо дохил карда шаванд: ҷиноятҳои муқобили сулҳ; ҷиноятҳои ҷангӣ; ҷиноятҳои ба муқобили башарият (одамкушӣ, нобуд кардан, ба ғуломӣ додан, табъиз ва дигар бераҳмиҳо нисбат ба афроди мулкӣ пеш аз ҷанг ё дар давраи ҷанг ё таъқиб дар заминаи ангезаҳои сиёсӣ)» [168, с. 26].

Ин андеша, ки давлат барои кирдорҳои шахсони алоҳида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, ба амалияи муқарраргардидаи байналмилалӣ бештар мувофиқ аст. Аммо дар баъзе мавридҳо масъулияти байналмилалии ҳуқуқии давлат метавонад ба фаъолияти шахсони алоҳида вобаста бошад. Масалан, агар ба ҷони сафири хориҷие сӯиқасд сурат гирад, давлат ба ҷавобгарии ҳуқуқии байналмилалӣ кашида мешавад, агар мақомоти давлатӣ барои ҳифзи ин намояндаи дипломатӣ чораҳои зарурӣ наандешида бошанд. Асоси ба ҷавобгарӣ кашидани давлат иҷро накардани уҳдадориҳояш вобаста ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мегардад. Ҳамин тариқ, давлатҳо метавонанд ва бояд ҷавобгарии сиёсӣ ва моддӣ дошта бошанд, вале фақат шахсони алоҳида метавонанд субъектҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ бошанд [123, с. 24; 120, с. 51].

Бояд ёдовар шуд, ки муаллифоне, ки ҷонибдори андешаи ҷавобгарии ҷиноятии давлатҳо барои ҷиноятҳои байналмилалӣ ҳастанд, мисли тарафдорони мавқеи муқобил бар ин назаранд, ки ин гуна кирдорҳоро аз ҷиноятҳо «ба муқобили ҳуқуқи байналмилалӣ», ки барои онҳо шахсони алоҳида ҷавобгар мебошанд, фарқ кардан лозим аст.

Дар ҳуқуқи муосир, чи тавре аллакай гуфта шуд, маъмултарин нуқтаи назар аз он иборат аст, ки ду намуди амалҳои ғайриқонунии байналмилалӣ мавҷуданд, ки боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегарданд: ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ба истилоҳ ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ.

«Ҷиноятҳои байналмилалӣ ин сӯиқасд ба муносибатҳои осоиштаи байни халқҳо ва давлатҳо, ба манфиатҳои тамоми инсоният ва дигар амалҳое мебошанд, ки барои тамоми миллатҳо хавфноканд ва тибқи санадҳои байналмилалӣ манъ карда шудаанд» [170, с. 83]..

Объекти ин ҷиноятҳо «тамоми низоми муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, яъне тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад, ки зери он низоми ягонаи муносибатҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки дар асоси низоми мавҷудаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ байни дорандагони ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ вуҷуд доранд» [155, с. 25; 170, с. 83; 132, с. 7]. Албатта, барои муайян намудани ҷиноятҳои байналмилалӣ мавқеи объекти ҷиноят кофӣ нест, чунки хавфи ҷинояти байналмилалӣ нисбатан хусусияти ин ҷиноятҳоро ҳамчун ҷинояти ҳуқуқӣ байналмилалӣ муқаррар мекунад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ шудааст [141, с. 118].

Таърифи ҳар мафҳум бо хусусиятҳои он пайванди ногусастанӣ дорад. Муаллифони гуногун зимни баррасии хусусияти ҷиноятҳои байналмилалӣ ба шаклҳои мухталиф масъалагузорӣ мекунанд. Масалан Г.В. Игнатенко пешниҳод кардааст, «ки кирдорҳои шахсони алоҳида ё гурӯҳи ашхосе, ки бевосита бо ҷиноятҳои байналмилалии давлатҳо алоқамандаңд, чун ҷиноятҳои байналмилалӣ (ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ) эътироф шаванд» [81, с. 187]. «Ҳама амалҳои ғайриқонунии давлатҳо бевосита дар кирдори иҷрокунандагони муайяни сиёсати ҷиноятии давлат зоҳир мешаванд» [81, с. 187].

С.В. Черниченко ҳам ба ин андеша мувофиқ аст ва кирдорҳои мавриди таҳлилро «танҳо он амалҳои давлатро дар назар дорад, ки нақзи ҷиддии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд ва ба муқобили ҷомеаи ҷаҳонӣ равона шудаанд» [130, с. 406-419].

И.И. Лукашук ақидаҳои болозикрро таҳқиқ карда, хулоса мекунад, ки ҷиноятҳои болозикр ҳамчун ҷиноятҳои вобаста ба ҳуқуқи умумии байналмилалӣ номида шаванд [85, с. 426].

Эътироф кардани ҷавобгарии шахсӣ барои содир намудани чунин ҷиноятҳо дар сурате амали карда мешавад, ки ин меъёрҳо бояд дар қонунгузории дохилидавлатӣ таҷасум ёфта бошанд. Мутобиқи Кодекси ҷиноятӣ ва қобили ҷазодиҳӣ будани кирдор, инчунин дигар оқибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқиро танҳо ҳамин Кодекс муайян мекунад. Бинобар ин, он мавқее дурусттар аст, ки тибқи он ҷиноятҳои байналмилалӣ кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишудае дониста мешавад, ки ба сулҳу амнияти байналмилалӣ сӯиқасд мекунанд ва ба манфиатҳои ҳаётии ҷомеаи чаҳонӣ осеб мерасонанд [82, с. 8].

Бо назардошти ин гуфтаҳо М.Г. Янаева зикр мекунад, ки барои содир кардани ҷиноятҳои байналмилалӣ ҷавобгарии махсус бояд пешбинӣ карда шавад, ки он дар шакли ҷавобгарии сиёсӣ ва модии давлатҳо амалӣ карда шаванд [191, с. 28]. Ҷиноятҳои байналмилалӣ бо ба вуҷуд омадани робитаи дуҷониба байни зарардида ва содиркунандаи ҷиноят маҳдуд намешаванд. Дар ин маврид дар байни содиркунандаи ҷиноят ва ҳама давлатҳои узви ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд.

В.В. Фисенко бо назардошти таркиби ҷиноятҳои байналмилалӣ хусусиятҳои онҳоро чунин тавсиф кардааст: 1) ба ҷамъият хавфнокии вобаста ба объекти ҷиноят; 2) поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои дигар халқу миллатҳо ва давлатҳо; «3) зарурати аз тарафи гурӯҳҳои асосии давлатҳо ҳамчун ҷиноят эътироф намудани чунин кирдор, яъне ин амал дар умум аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиноят дониста мешавад» [143, с. 275; 127, с. 13-16]; 4) нақзи уҳдадорӣ бояд хусусияти вазнин дошта бошад [143, с. 275; 127, с. 13-16].

Л.П. Рассказов, И.В. Упоров ва Ю.В. Трунсевский зери мафҳуми ҷиноятҳои байналмилалӣ кирдорҳоеро мефаҳманд, ки ба асосҳои тартиботи байналмилалӣ, муносибатҳои барқароршудаи байналмилалӣ, муҳимтарин манфиатҳои дар умум эътирофгардидаи ҷомеаи чаҳонӣ сӯиқасд мекунанд ва маъмулан бо таҳдид ба тамомияти арзӣ, ҳаёт ва саломатии аҳолии як ё якчанд мамлакат алоқаманд мебошанд. Ҷавобгарӣ барои чунин ҷиноят, пеш

аз ҳама, тибқи созишномаҳои байналмилалӣ ва тибқи қонунгузориҳои миллӣ ба вуҷуд меояд.

Муаллифон пешниҳод мекунанд, ки аломатҳои зерини ҷиноятҳои байналмилалӣ ҷудо карда шаванд: «1) аз ҷониби давлат риоя накардани уҳдадориҳои байналмилалӣ; 2) ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятии байналмилалӣ нисбати шахси гунаҳкор дар содир кардани чунин ҷиноятҳо, ки мумкин аст ҳам аз номи давлат ва ҳам ғайри он амал кунад» [112, с. 15; 53, с. 46]; 3) ҷиноятҳои байналмилалӣ дар умум тартиботи ҳуқуқии байналхалқиро таҳти хатар қарор медиҳанд [112, с. 15; 53, с. 46].

А.И. Бойко бе таъриф додани ҷиноятҳои байналмилалӣ ба «аёният ва мухтасарӣ» бартарӣ дода, «назари худро дар шакли ҷадвал» пешниҳод кардааст. Дар муқоиса бо дигарон, муаллиф шумораи бештари аломатҳои ҷиноятҳои байналмилалиро зикр мекунад, ки иборат аз кирдорҳои зерин мебошанд: 1) аз ҷониби адлияи байналмилалӣ таъқиб мешаванд, яъне фақат аз ҷониби қувваҳои адлияи ҷаҳонӣ ба таври истисно ва бе ягон алтернатива (ивазкунанда); «2) ба муносибатҳои байналмилалӣ, ба манфиатҳои тамоми башарият (арзишҳои олӣ) суиқасд мекунанд; 3) ба нақзи қоидаҳои умумии муқарраршудаи муошират ва сулҳу осоиши байналмилалӣ равона шудаанд»[53, с. 47-49]; 4) дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятӣ доштани онҳо; 5) сабаби ин ҷиноятҳо аз нақзи меъёрҳои императивӣ, яъне уҳдадориҳои бебозгашт ва ғайри қобили баррасӣ иборатанд, ки нисбат ба ҳамаи аъзои Созмони Милали Муттаҳид татбиқ мешаванд; 6) ҷавобгарӣ барои онҳо, пеш аз ҳама, мазмуни сиёсӣ ва баъдан хусусияти ҳуқуқӣ дорад; 7) манбаъҳое, ки ба онҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ асос ёфтааст, худиҷрошаванда мебошанд, яъне татбиқи амалиро дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ талаб намекунанд [53, с. 47-49].

На ҳама аломатҳои дар бораи ҷиноятҳои байналмилалӣ пешниҳодкардаи А.И. Бойко баҳснопазиранд. Масалан, таъқиби амалҳои зикршуда аз ҷониби адлияи байналмилалӣ қобили баҳс аст. Албатта, судҳои байналмилалӣ парвандаҳои нисбатан вазнинтари ҷиноятҳои байналмилалиро баррасӣ

мекунанд, аммо ин ҳуқуқ ба судҳои миллӣ низ дода шудааст. Кодекси ҷиноятӣ барои ба нақша гирифтан, омода кардан, оғоз кардан ё бурдани ҷанги таҷовузкорона, инчунин даъватҳои оммавӣ барои шуруъ кардани ҷанги таҷовузкорона; таҳия, истеҳсол, захира, харид ё фурӯши силоҳи қатли ом; истифодаи восита ва услубҳои манъшудаи ҷанг ва ғайра ҷавобгарӣ пешбинӣ мекунад.

Эътирофи хусусияти ҳатмӣ доштани иштироки давлатҳо дар чунин сӯиқасдҳо ба мафҳумҳои муосири ҷиноятҳои байналмилалӣ мувофиқат намекунад. Албатта, давлат дар шахси мақомоти расмии худ ва шахсони мансабдори он мумкин аст дар содиркунии чунин ҷиноятҳо иштирок дошта бошад. Вале дар ҳар сурат дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷавобгарии сиёсӣ (маънавӣ) хоҳад дошт, зеро уҳдадориҳои қабулкардаашро дар умум ё ба таври лозим иҷро накардааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад на танҳо ба шахсони мансабдор ва шахсони дигаре, ки мақоми дахлдори расмӣ надоранд, татбиқ шавад.

Бо зикри ин ки асоси меъёрии ҷиноятҳои байналмилалӣ санадҳои умумие мебошанд, ки аз ҷониби ҳама аъзои СММ қабул шудаанд ва қайду шарте барои онҳо қобили қабул нест. А.И. Бойко доираи амали шартномаҳои байналмилалиро, ки масъалаҳои ҷавобгариро барои ин гуна сӯиқасдҳо танзим мекунанд, беасос маҳдуд кардааст. Созмони Милали Муттаҳид шартномаҳоеро қабул кардааст, ки аз ҷониби баъзе аъзои он эътироф нашудаанд [54, с. 280]. Илова бар ин, шумораи хеле ками шартномаҳо шарту тавҳезотеро иҷозат намедиҳанд.

Шахсони алоҳида барои ин ҷиноятҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва давлатҳо ба ҷавобгарии сиёсӣ (маънавӣ) ҷалб мешаванд. Ин ҷиноятҳо хавфи бисёр баланди ҷамъиятӣ доранд, зеро ба манфиатҳои на танҳо як давлати муайян, балки ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ сӯиқасд мекунанд.

## 1.2. Таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ

Созишномаҳо ва шартномаҳо муҳимтарин ниҳодҳои муошırати инсонӣ

ба шумор меравад. Бо ёрии онҳо амалҳои муштарак ҳамоҳанг ва ихтилофҳо ҳаллу фасл карда мешаванд. Ягон тамаддун, қабила ё давлате натавонистааст бе онҳо вуҷуд дошта бошад. Аз ин рӯ, бастани шартномаҳо миёни давлатҳо хеле пештар аз зуҳури ин андеша, ки муносибатҳои байнидавлатӣ низ бояд тариқи ҳуқуқ танзим шаванд, тасодуфӣ нест. Ҳар қадаре масъалаҳои муҳим тариқи шартнома ҳал шаванд, иҷрои он мушкилтар ва нақши он муҳимтар мешавад. Мутобиқи моддаи 26 Аҳдномаи Вена дар бораи ҳуқуқи созишномаҳои байналмилалӣ ҳар созишномаи амалкунанда барои иштирокчиёни он ҳатмист ва бояд сидқан аз ҷониби онҳо иҷро карда шавад [192]. Татбиқи созишномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби иштирокчии созишнома фаъолияти мақсадноки субъектҳо мебошад, ки ҳадафи он таъмини амалишавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад [138, с. 199].

«Маъмулан таркиби ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар аҳдномаҳое, ки давлатҳои иштирокчиро барои ворид кардани меъёрҳои дахлдор ба қонунгузории ҷиноятии миллии он уҳдадор мекунад ва дар заминаи он дар сурати содиршавии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ҷазо дар асоси ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ бароварда мешавад, пешбинӣ шудаанд» [150, с. 44]. Ин аҳдномаҳо ҳамчунин муқаррароте доранд, ки давлатҳои иштирокчиро уҳдадор мекунанд, ҳамаи чораҳои пешгирии ҷиноятҳои мазкурро амалӣ кунанд. Рӯйхати ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ нисбат ба ҷиноятҳои байналмилалӣ хеле фарогиртар аст, аз ин рӯ, таснифи онҳо лозим дониста мешавад.

П.Н. Бирюков ва В.Л. Василенко хусусияти ин ҷиноятҳоро чунин пешбинӣ кардаанд: 1) хатари байналмилалии ҷамъиятӣ; 2) зиддиҳуқуқӣ будан мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ; 3) гунаҳкории давлат; 4) дар шакли амал ё беамалии мақоми давлатӣ инъикос шудан; 5) ба миён омадани оқибатҳо дар шакли расонидани зарар ба субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ [100, с. 24].

Олими тоҷик Т.Т. Мансуров зикр мекунад, ки эътирофи санадҳои байналмилалие, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро пешбинӣ

мекунад, бояд аз ҷониби аксари давлатҳо эътироф карда шаванд [153, с. 60-61; 24, с. 202]. «Дар қонунгузории миллӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ пас аз қабул шудани ин санадҳо аз ҷониби давлат дарҷ карда мешаванд, ки ин як шакли иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии давлатро инъикос мекунад» [2]. Ҳатто агар давлат созишномаро имзо карда бошад, аммо раванди тасвиб амалӣ нагашта бошад, яъне созишнома барои давлат қувваи амал пайдо накарда бошад, меъёри дар ин давра бавуҷудомадаи қонуни ҷиноятӣ дар бораи ҷинояти монанд ба оне, ки тавассути созишномаи байналмилалии мавриди назар манъ шудааст, он хусусияти конвенсионӣ нахоҳад дошт, он намуди ҷинояти конвенсионалӣ симулярӣ хоҳад буд.

Нисбат ба содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ҷавобгарӣ дар қонунгузории миллӣ барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ муқаррар мешавад. Бо вуҷуди ин, чунин меъёри қонуни ҷиноятӣ нав ба ҳисоб меравад. Тағйир додани меъёри вуҷуддоштаи КҶ ҶТ ҳангоми мувофиқат кардани он бо санади байналмилалӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ «ҷиноятӣ коммутатсионӣ» аз нигоҳи ҳуқуқшиносӣ носозгор аст, зеро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми «коммутатсионӣ» вуҷуд надорад. Эҳтимолан дар назар дошта шудааст «трансформатсионӣ, яъне ҷиноятe, ки аз меъёрҳои байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ интиқол меёбад (дар натиҷаи трансформатсия) конвенсиониро ба вуҷуд намеорад, чунки чунин ҷиноят коммутатсионӣ хоҳад буд» [157, с. 54; 26, с. 457; 21, с. 5493; 23, с. 3947].

Маҳдудиятҳое, ки дар санадҳои байналмилалӣ муқаррар шудаанд, танҳо дар ҳолате ҷиноят эътироф мешаванд, ки чунин муқаррарот дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мустақиман дар низоми ҳуқуқи дохилии давлат амал намекунанд, вале меъёрҳои қонунгузории миллӣ метавонанд ҳамчун воситаи таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии давлат истифода шаванд [128, с. 35].

«Иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар сурате амалӣ карда мешавад, ки меъёрҳо оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар қонунгузории

миллӣ ворид шуда бошанд» [178, с. 82]. Воридкунӣ дар шакли қабули меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ, ки барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ равона шудаанд, фаҳмида мешавад [178, с. 82].

Дар мавриди воридкунии меъёрҳои инъикоскунандаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ба қонунгузории ҷиноятии миллӣ, мутобиқати он бо санадҳои байналмилалӣ аҳаммияти калон дорад. Ин шакли воридкунӣ дар ду намуд амалӣ мегардад: Санади байналмилалӣ танҳо меъёри умумиро муқаррар карда таркиби мушаххаси ҷиноятро пешбинӣ намекунад, вале қонунгузории миллӣ ҳуқуқ дорад меъёри ҷиноятиро мустақилона таҳия намуда, аломатҳои таркиби ҷиноятро муайян кунад. Дуюм, меъёри манъкунандаи ҳуқуқи байналмилалӣ бе тағйир ба қисми таркибии қонуни миллӣ ворид карда мешавад [98, с. 460-464; 25, с. 99-105].

«Ҳангоми воридкунии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории ҷиноятии миллӣ мумкин аст таркиби меъёри байналмилалӣ дар шакли мухтасар ё васеъ ворид карда шавад» [178, с. 82]. Мухтасарсозии баъзе аломатҳои ҷудогонаи кирдори ба ҷамъият хавфнок ба назар гирифта намешаванд ё барои пешгирӣ аз рақобати меъёрҳо хориҷ карда мешаванд, аз ҷумла вақте ки унсурҳои дахлдор аллакай дар меъёрҳои дигари қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Васеъ кардани таркиби меъёри байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ мумкин аст тавассути ҷиноят эътироф намудани кирдорҳое сурат гирад, ки мустақиман дар санадҳои байналмилалӣ қисман пешбинӣ шудаанд. Масалан, таҷрибаи татбиқи санадҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо экстремизм истифода мегардад.

Воридсозӣ ба чунин усулҳо монеаи иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалӣ намегардад. Воридкунии меъёрҳои байналмилалӣ ба қонунгузории ҷиноятии миллӣ бояд бо дарназардошти анъанаҳои ҳуқуқӣ, хусусиятҳои миллӣ ва ниёзҳои амалии мубориза бо ҷинояткорӣ амалӣ карда шавад [132, с. 30].

Таснифи ягонаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар адабиёти соҳа вуҷуд надорад. Ин ҷиноятҳо вобаста ба асосҳои мухталиф метавонанд

гурӯҳбандӣ шаванд. Дар асоси хусусияти санадҳои байналмилалӣ ва мушаххасияти таркиби ҷиноят, ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ мумкин аст ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда шаванд. Масалан, ҷиноятҳое, ки дар натиҷаи қабули уҳдадориҳо аз санадҳои дорои аҳаммияти умумӣ (бе муқаррар намудани таркиби мушаххаси ҷиноят), аз санадҳое, ки ба соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудаанд ва таркиби ҷиноятро пешбинӣ мекунанд, аз санадҳои байналмилалии умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ бе тавсифи дақиқи ҷиноят, инчунин аз созишномаҳои махсуси ба ҷиноятҳои мушаххас бахшидашуда вобастагӣ доранд.

Аз рӯйи шакли гуноҳ, таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ аҳаммияти калон доранд, зеро чунин ҷиноятҳо аксаран бо қасди бевосита содир карда мешаванд. Ҷудокунии онҳо вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ низ якхел нест, зеро дар санадҳои байналмилалӣ мафҳумҳо ва меъёрҳои гуногуни ҷиноятҳо истифода мешаванд [27, с. 280-290].

Тақсими ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ вобаста ба объекти сӯиқасд аҳаммияти хос дорад (бо ҳадафҳои методӣ, яъне бо мақсади муайян кардани таносуби кирдорҳои баррасишаванда бо санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ дар асоси таносуби КҶ ҶТ). Аз рӯйи ин асос ҷиноятҳоро чунин тақсим кардан мумкин аст:

– ҷиноятҳо муқобили шахсият (моддаҳои 104-178 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– ҷиноятҳои зидди амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ (моддаҳои 179-199; 200-211 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– (моддаҳои 220-233 КҶ ҶТ);

– ҷиноятҳои муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ (моддаҳои 234-243 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– ҷиноятҳо муқобили моликият ва дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (моддаҳои 244 -297 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ (моддаҳои 298-304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҷиноятҳо муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ (моддаҳои 305-313 КҶ ҶТ);

– (моддаҳои 314-327 КҶ ҶТ);

– (моддаҳои 366-393 КҶ ҶТ);

– (моддаҳои 395-405 КҶ ҶТ) [223].

Таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар қонуни ҷиноятии миллӣ аҳаммияти махсус дошта, зарурати таҳлили назариявӣ ва амалӣ дорад. Г.В. Игнатенко бо назардошти асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ зикр карда буд, ки меъёри муқарраркунандаи мафҳуми ҷиноят хусусиятҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро бевосита инъикос намекунад. Ба андешаи муаллиф хусусияти ҳамаи ҷиноятҳо бояд дар меъёре, ки мафҳум ва аломатҳои умумии ҷиноятро муайян мекунад, пешбинӣ карда шавад, то хусусияти байналмилалии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ равшан ифода ёбад [4 ].

Ба ақидаи И.И. Лукашук «ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии байналхалқӣ ба намудҳои зерин тасниф карда мешаванд:

1) ҷиноятҳои мутобиқи ҳуқуқи умумии байналмилалӣ (ҷиноятҳои зидди сулҳ, ҷиноятҳои ҳарбӣ, ҷиноятҳои зидди сулҳу амнияти башарият);

2) ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ (терроризм; ғасби гаравгон; ғайриқонунӣ соҳиб шудани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш ва ғ.). Ҷиноятҳои мутобиқи ҳуқуқи умумии байналмилалӣ монанди ҷиноятҳои зидди сулҳ, ҷиноятҳои ҳарбӣ ва ҷиноятҳои зидди инсоният, ҷиноятҳои дорои сирф умумибашарӣ ва универсалӣ мебошанд» [85]. Онҳо мустақиман аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии умумӣ (одатӣ) бармеоянд ва барои таъқиби онҳо имзои санади махсус шарт нест. Масъулияти ҷиноятии шахсӣ барои чунин кирдорҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст ва татбиқи принсипи универсалӣ имкон медиҳад, ки гунаҳкор дар ҳар давлати ҷаҳон таъқиб гардад.

Дар баробари ин, ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар асоси созишномаҳои байналмилалӣ эътироф ва муқаррар мешаванд. Танҳо пас аз

имзои ин конвенсияҳо ва ворид кардани меъёрҳои дахлдор ба қонунгузории миллӣ, чунин кирдорҳо дар сатҳи дохилӣ ҳамчун ҷиноят эътироф мегарданд. Ҳамин тавр, механизми амалисозии онҳо асосан миллӣ, вале дорои заминаи байналмилалӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, таснифи И.И. Лукашук равшансоз ва асоснок аст, зеро он табиати дугонаи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалиро инъикос мекунад: «аз як ҷониб, мавҷудияти меъёрҳои универсалӣ ва ҳатмии умумибашарӣ, аз ҷониби дигар, ҳамкории шартномавии давлатҳо барои пешгирӣ ва ҷазои ҷиноятҳое, ки ба манфиатҳои байналмилалӣ таҳдид мекунанд» [86]. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои иштирокчии ҷомеаи ҷаҳонӣ, фаҳмиши дурусти ин тасниф имкон медиҳад, ки раванди мутобиқсозии қонунгузории ҷиноятӣ ба санадҳои байналмилалӣ самаранок сурат гирад ва масъулияти байналмилалӣ ва миллӣ дар мубориза бо ҷиноятҳои вазнин пурра амалӣ гардад.

Дар адабиётҳои хориҷӣ зикр карда шудааст, ки «Дар адабиёти ҳуқуқии мо одатан байни ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ фарқ гузошта мешавад. Аввалин чунин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок мумкин аст ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби шахсони воқеӣ содир шуда, уҳдадориҳои байналмилалиро вайрон намоянд. Поймол шудани чунин уҳдадориҳо аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун ҷиноят арзёбӣ мегардад. Охирин танҳо аз ҷониби шахсони алоҳида содир карда мешавад ва давлатҳо барои мубориза бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд. Агар давлат уҳдадории шартномавии худро дар назди дигар давлатҳо дар ин соҳа вайрон кунад, пас вай на ҷинояти байналхалқӣ, балки ҷинояти одии байналхалқӣ содир мекунад» [52, с. 320; 68, с. 31-54]. Қонуни ҷиноятӣ инчунин таснифи ҷиноятҳоеро пешниҳод мекунад, ки бештар бо арзёбии хусусияти глобалии таҳдиде, ки санадҳои дахлдор доранд, алоқаманд аст. Ба ақидаи И.П. Блишенко ҷиноятҳои байналмилалӣ, ҳам аз ҷониби шахси воқеӣ ва ҳам аз ҷониби давлат содир мешавад (ниг. ба моддаи 19 лоиҳаи Комиссияи ҳуқуқи байналмилалии СММ оид ба масъулияти давлатҳо) [196]. Дар ҳоле ки дар

ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ давлат танҳо субъекти уҳдадориҳои шартномавӣ, на ҷинояткор мебошад [52, с. 320].

Аз ин рӯ, андешаи муаллиф дар доираи назарияи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ пурра қобили қабул ва илман асоснок аст. Мавқеи И.П. Блишенко аз ҷиҳати ҳуқуқи ҷиноятӣ дуруст ва далелнок аст, зеро он ба мо имкон медиҳад дақиқ муайян кунем, ки кадом кирдорҳо таҳдиди мустақим ба низоми умумибашарӣ доранд ва кадомашон танҳо соҳаи ҳамкории байнидавлатиро фаро мегиранд. Ин тасниф барои рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

И.И. Карпетс тамоми ҷиноятҳое, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ пешбинӣ карда шудаанд, ба ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои характери байналмилалидошта тасниф кардааст. Ин ақида, ба назари мо, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дуруст ба назар мерасад, зеро он на танҳо ба меъёри моддии характер ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳо, балки ба «пайдоиш» меъёрии онҳо, яъне манбаъ ва усули тасдиқи расмии ҳуқуқӣ асос дорад. Муқаррар намудани ҷой дар таснифи ҷиноятҳое, ки ба тобеияти ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ тааллуқ доранд, ба истилоҳи ҷиноятҳои фаромиллӣ манфиатдор аст. Ба ақидаи И.И. Карпетс, ҷиноятҳои байналмилалӣ ё ҷиноятҳои характери байналмилалӣ ба ҳисоб намераванд, агар онҳо дар қонуни ҷиноятии миллӣ пешбинӣ шуда бошанд [68, с. 30].

Ба ақидаи Р.А. Аделханян бо назардошти назарияи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ таснифи ҷиноятҳои мазкур дар асоси объекти умумии ҷиноят, ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии он инчунин тафриқагузори аз дигар ҷиноятҳои умуми ба роҳ монда шавад. Аз назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, фикри Р.А. Аделханян қобили қабул нест, зеро он ба зарурати муайян кардани таснифоти ҷиноятҳои байналмилалӣ аз рӯйи объекти умумии ҳимоя такя мекунад, ки яке аз принсипҳои классикии илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ мебошад. Ин усул бештар ба анъанаи ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ хос аст, паҳн намудани он дар сатҳи байналмилалӣ таҳкими асосҳои назариявии ҳуқуқи ҷиноятии

байналмилалӣ ва фаҳмиши дақиқтари табиати иҷтимоии ҷиноятҳои умумибашариро маҳдуд менамояд.

Ю.В. Трунсевский зикр мекунад, ки «Асосҳои байналмилалии қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод шаванд. Ин меъёрҳо метавонанд ҳамчун принсипҳои роҳбарикунанда ҳангоми тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятие, ки аз санадҳои байналмилалӣ сарчашма мегиранд, хизмат намоянд» [171, с. 93]. «Ҳамчунин муаллиф пешниҳод мекунад, ки муқаррароти санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятиро танзим мекунанд, бо зикри номи моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ, ба асосҳои мазкур ворид карда шаванд» [171, с. 94]. Ин омил барои мутобиқати қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ асос мешавад.

Ю.В. Трунсевский ва А.Э. Сунсов вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда ва боназардошти мавқеи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба муқовимат бо ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ, давлатҳо созишномаҳои дуҷониба оид ба ёрии ҳуқуқӣ ба имзо мерасонанд. Ин санадҳо ба пешгирии ҷиноятҳо, пинҳон шудани ҷинояткорон аз адолати судӣ, боздошт ва пешгирии фурӯши амволи дуздидашуда ва шустушӯи даромадҳои ҷиноятӣ дар хориҷ равона карда мешаванд. Механизмҳои мазкур имкон медиҳанд, ки давлатҳо ҳамкорӣ ва муборизаи муштарак бо ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалиро дуруст ба роҳ монанд [171, с. 93-94].

Масалан, дуздӣ ва содироти ғайриқонунии сарватҳои фарҳангӣ мутобиқи Конвенсияи Гаага дар бораи ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ дар соли 1954, инчунин Конвенсияи ЮНЕСКО дар бораи воситаҳои манъ ва пешгирӣ аз соли 1970 ҷиноят арзёбӣ мешавад. Воридот, содирот ва интиқоли ғайриқонунии моликият ва сарватҳои фарҳангӣ. «Иттиҳоди Аврупо, ки дар роҳи ба вуҷуд овардани бозори ягона пеш меравад, якчанд директиваҳо ва қоидаҳои якхеларо интишор дод. Дар ин самт муассисаҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ низ фаъолият мекунанд. Моҳи июни соли 1995 Институти Байналмилалии Муттаҳидсозии Ҳуқуқи Хусусӣ, як созмони мустақили байниҳукуматӣ, ки дар Рим ҷойгир аст, Конвенсияро дар бораи баргардонидани байналмилалии

молу мулки фарҳангии дуздидашуда ё ғайриқонунӣ содирот кардашуда қабул кард» [211]. Қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳо то ҳол баъзе муқаррароти санадҳои байналмилалии тасдиқшударо ба қонунҳои ҷиноятии миллӣ ворид накардааст. Бо дарназардошти ин зарурати омода намудани номгӯи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва омӯзиши амалияи татбиқи онҳо аҳаммияти махсус дорад. Муайянкунии номгӯи чунин ҷиноятҳо бе нашри санадҳои иловагӣ танҳо тавассути истифодаи меъёрҳои ҷиноятии амалкунанда имконпазир аст.

Бо воридсозии муқаррароти созишномаҳои байналмилалӣ ба қонунҳои дохилӣ, қонунгузор онҳоро дар қисми махсуси КҶ ба таври пароканда ҷойгир карда, меъёрҳои аз назари мазмун то андозае ба ҳам мувофиқро дар бобҳои мухталиф ҷой додааст. Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ба уҳдадориҳои ҳуқуқӣ байналмилалии давлат ва иҷрои вазифаҳои қабулкардаи он зарар мерасонанд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки чунин ҷиноятҳо бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ, махсусан дар қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ бо дарназардошти моддаҳои алоҳида дар шакли мафҳум ва номгӯи онҳоро пешбинӣ карда шаванд. Масалан, ба монанди моддаи 23-и КҶ ҶТ, ки дар он номгӯи ҷиноятҳо ва ҷавобгарӣ барои содир намудани онҳо, ки аз синни 14-солагӣ татбиқ мешаванд, пешбинӣ гардидааст. Бо назардошти ин гуфтаҳо пешниҳод мешавад, ки дар КҶ моддаи алоҳида бо номи «Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» бо чунин мазмун ворид карда шавад:

«1. Ҷинояти конвенсионӣ он кирдори ҷиноятии гунаҳкоронаи содиршудаи ба ҷамъият хавфнок ва ҷазододашавандае мебошад, ки меъёр дар бораи он ба КҶ барои иҷрои уҳдадориҳои қабулкардаи давлат дар асоси созишномаи тасвибшудаи байналмилалӣ ворид шудааст ва ба муносибатҳои марбут ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ сӯиқасд мекунад.

2. Ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дохил мешаванд: моддаи 130; моддаи 130.1; моддаи 143 (1); моддаи 167; моддаи 179; моддаи 179 (1); моддаи 179 (2) ; моддаи 179 (3); моддаи 183; моддаи 184 (1); моддаи 184 (2); моддаи 184 (3); моддаи 193; моддаи 194; моддаи 194 (1); моддаи 194 (2);

моддаи 194 (3); моддаи 194 (4); моддаи 194 (5); моддаи 195 (1); моддаи 200; моддаи 201; моддаи 202 (1); моддаи 239; моддаи 241 (1); Моддаи 241 (2); моддаи 242; моддаи 262; моддаи 273; моддаи 278 (1); моддаи 290; моддаи 307 (1); моддаи 307 (2); моддаи 335 (2); моддаи 395; моддаи 396; моддаи 397; моддаи 398; моддаи 399; моддаи 400; моддаи 401; моддаи 402.

Дар баробари ин, дар моддаи 1 КҶ ҶТ қисми 3 чунин муқаррарот ворид кардан лозим аст: «Зимни тасвиби созишномаи байналмилалие, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дорад, муқаррароти ин созишнома бояд ба ҳамин Кодекс ворид карда шавад». Чунин ишора имкон медиҳад, ки қонунгузор сари вақт меъёрҳои нави аз созишномаҳои байналмилалӣ сарчашмагирифтаро, ки барои ҶТ ҳатмӣ мебошанд, вориди низоми ҳуқуқии дохилӣ кунад.

Ворид намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ба Кодекси ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки давлат уҳдадориҳои байналмилалиашро ба таври назаррас иҷро намояд. Ин омил ба қонунгузор ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконият медиҳад, ки хатари ҷамъиятии чунин кирдорҳоро, ки дар санадҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, ба таври дуруст ва комил арзёбӣ кунад.

Ҳамчунин ба қисми 1 моддаи 2 КҶ ҶТ бояд чунин таҳрир ворид карда шавад: «Вазифаҳои Кодекси мазкур иборатанд аз: ҳифзи муносибатҳои байналмилалӣ ва тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, муҳити зист, сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сӯиқасдҳои ҷиноятӣ, таъмини сулҳу амнияти башарият, инчунин пешгирии ҷиноятҳо».

Ба шумори вазифаҳои КҶ ҶТ ворид кардани ҳифзи муносибатҳои байналмилалӣ ва тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ имкон медиҳад, ки хусусияти объектҳои зикршудаи сӯиқасдҳо ҷудо ва инъикос карда шуда, татбиққунандаи ҳуқуқ ва зарурати ба назар гирифтани муқаррароти дахлдори санадҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ кунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ на танҳо ҷузъи муҳимми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ, балки пояи асосии ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалиро

ташкил медиҳанд. Ин ҷиноятҳо бо мақсади таъмини амнияти ҷамъиятӣ дар сатҳи байналмилалӣ тариқи созишномаҳои байналмилалӣ муайян ва манъ карда мешаванд. Мутобиқи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, бахусус моддаи 26-и Аҳдномаи Вена оид ба ҳуқуқи созишномаҳои байналмилалӣ, давлатҳо вазифадоранд созишномаҳоро пурра иҷро намоянд.

Ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ тавассути ташаккул додани рӯйхати васеи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки хатари ҷиддии байналмилалиро ифода менамоянд, ба пешгирӣ ва ҷазо додани онҳо кумак мерасонад. Ин ҷиноятҳо дорои хусусиятҳои мушаххас буда, алайҳи суботи байналмилалӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷамъиятии давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ равона шудаанд. Бо ин васила, давлатҳо вазифадоранд на танҳо меъёрҳои ҳуқуқии дохилиро мувофиқи уҳдадориҳои байналмилалии худ навсозӣ кунанд, балки бо тадбирҳои муассир пешгирии ҷиноятҳои мазкурро таъмин намоянд.

Таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бояд ҳам фарогир ва ҳам дақиқ бошанд. Аз як тараф, онҳо метавонанд ба гурӯҳҳои гуногун вобаста ба ҳудуд, объект ва хусусияти ҳуқуқии таъсир тақсим шаванд, мисли ҷиноятҳои фаромиллӣ бо таъсири байналмилалӣ, ҷиноятҳои зидди инсоният ва амнияти байналхалқӣ. Аз тарафи дигар, ин тасниф бояд ба таври эластикӣ имкон диҳад, ки тағйирот ва таҳаввулоти санадҳои байналмилалӣ ба низоми қонунгузории миллӣ зуд ворид гардад.

Дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ аксар вақт дар созишномаҳои байналмилалӣ таҳия ва муайян карда мешаванд, ки меъёрҳои умумӣ ва махсусро пешниҳод мекунанд. Аз ин рӯ, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таъкид мешавад, ки барои амалӣ намудани уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ҳимояи ҳуқуқи байналмилалӣ зарур аст, ки як боби махсус ё қисми алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар сатҳи миллӣ таъсис ёбад. Ин боиси баландшавии ҳамоҳангӣ ва мутобиқати санадҳои миллӣ бо талаботи байналмилалӣ

гардида, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судиро дар мубориза бо ҷиноятҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад.

Хулоса, таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ як нуқтаи калидӣ барои таъмини самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ин тасниф бояд ҳам хусусиятҳои илмӣ ва ҳам ниёзҳои амалии давлатҳоро дар бар гирад ва барои таҳияи сиёсати ҷиноятии миллӣ ва байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам оварад.

Таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ

Аз рӯйи сатҳи таъсир ва ҳудуд:

Ҷиноятҳои фаромиллӣ: ҷиноятҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо дар санадҳои байналмилалӣ муайян карда шуда, дар ҳудуди ду ва ё зиёда давлатҳо содир шуда, ба амнияти миллии ду ва ё зиёда давлатҳо хатари ҷиддӣ эҷод мекунад.

Ҷиноятҳои миллӣ бо характери байналмилалӣ: ҷиноятҳое, ки дар дохили як давлат содир мешаванд, вале бо таъсири фаромиллӣ ё иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ марбутанд (масалан, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир).

Аз рӯйи хусусияти ҳуқуқӣ ва манбаи эътирофи байналмилалӣ:

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ: ҷиноятҳое, ки дар созишномаҳои байналмилалӣ ё конвенсияҳои байналмилалӣ таъйин шудаанд (мисли Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бо коррупсия, Конвенсияи СММ бар зидди терроризм).

Ҷиноятҳои ҳифзшуда бо меъёрҳои умумиҷаҳонӣ: ҷиноятҳое, ки дар асоси принсипҳои умумиҷаҳонии ҳуқуқи байналмилалӣ қабул шудаанд, ҳатто агар созишномаи махсус набошад (масалан, ҷиноятҳои зидди инсоният, ҷиноятҳои ҷангӣ).

Аз рӯйи объекти ҳимояшаванда:

Ҷиноятҳои зидди амният ва сулҳи байналмилалӣ: мисли терроризм, ҷанг ва таҷовузҳои байналмилалӣ.

Ҷиноятҳои зидди ҳуқуқҳои инсон: мисли генотсид, қочоқи одамон, шиканҷа.

Ҷиноятҳои зидди иқтисоди байналмилалӣ ва молия: мисли коррупсия, фасод, гардиши ғайриқонунии молу ашё.

Аз рӯйи шакли ҷиноят (таркиби ҷиноятӣ):

Ҷиноятҳои одӣ бо хусусияти конвенсионӣ: ҷиноятҳое, ки таркиби анъанавии ҷиноятиро доранд, вале хусусияти байналмилалӣ доранд (мисли қочоқи маводи мухаддир).

Аз рӯйи шакли иштирок ва механизмҳои содиркунӣ:

Ҷиноятҳои мустақим: ба воситаи шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои террористӣ содиршуда.

Ҷиноятҳои муташаккил (қатрагӣ), ки тавассути шабакаҳои фаромиллӣ ва ташкилотҳои ҷиноятӣ содир мешаванд.

## БОБИ 2. РОБИТАИ МЕЪЁРҲОИ ҚИСМИ МАХСУСИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

### 2.1. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки бо сӯиқасд ба ҳаёт ва ё аз ҳаёт маҳрум сохтани одам алоқаманданд

Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, ки тариқи аҳдномаҳо, эъломияҳо ва қатъномаҳои созмонҳои байналмилалӣ муаррифӣ мешавад, натанҳо муносибатҳои байнидавлатиро танзим мекунад, балки ба рушди низоми ҳуқуқии миллӣ низ таъсир мегузорад, ки дар бештари мавридҳо дар «мустақиман ворид шудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба таркиби соҳаҳои ҳуқуқи миллӣ» инъикос меёбад.

Агар доктринаҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ дар бораи дахлнопазирии шахсӣ ҳамчун ҳуқуқи инсон сухан гуфта бошанд, КҶ ҶТ ин неъматҳоро ҳамчун объекти алоҳидаи ҳифзшаванда ҷудо кардааст. Дар воқеъ сӯиқасдро ба ҳаёт ё саломатии инсон бе алоқамандӣ бо сӯиқасд ба дахлнопазирии шахсӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Ҷиноятҳои муқобили ҳаёт мафҳуми васеъ доранд: ин ҷиноятҳо на танҳо ба кирдорҳое, ки бо ба марг расонидани ашхос алоқаманданд, фаҳмида мешаванд. Албатта, ҷиноятҳо муқобили ҳаёт бештар шакли муайяни одамкуширо ифода мекунанд. Бо дарназардошти ин омил таркиби ҷиноятҳо муқобили ҳаёт ҳамчун воситаи махсус барои муайян кардани хусусиятҳо ва мушкилоти татбиқи меъёрҳои қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ хизмат мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи мазкур бисёр маҳдуд таҳқиқ карда шудааст. Баъзе масъалаҳои он аз тарафи А.В. Наумов [159, с. 8-11], А.Г. Кибалник [69, с. 271] ва И.Г. Соломоненко баррасӣ гардидааст. «Хулосаҳои овардашуда ва тавсияю пешниҳодҳои зикршуда дар аоси мазмуну мундариҷаи санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла маводи Комиссия доир ба ҳуқуқи инсони СММ» [219], «тафсири расмӣ ба Аҳдномаҳои Женева, аз 12 августи соли 1949» [197], асос ёфтаанд.

Тибқи қоидаҳои умумии ҳалли масоили ҳуқуқӣ аксари сӯиқасдҳо ба ҳаёт дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ муайян карда мешаванд. Аммо муайян кардани қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани одами дигар на дар ҳама ҳолатҳо тибқи моддаи 104 КҶ ҶТ муайян карда мешавад. Масалан, ҳангоми содир кардани амали акти террористӣ (Моддаи 310) [223] кирдори шахс ба аз ҳаёт махрум кардани инсон равона карда шудааст, аммо мақсади ҷиноят ба муқобили асосҳои сохти Конститутсионӣ ва амнияти давлат равона карда шудааст. Дар ин гуна ҳолатҳо татбиқкунандаи ҳуқуқ бо меъёрҳои соҳаи нави ҳуқуқи байналмилалӣ – «ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ» сару кор хоҳад дошт ва вазифаи он интихоби дурусти меъёр хоҳад буд. Мутаассифона, қонунгузорӣ дар моддаи 104 КҶ ҶТ мафҳумҳои дахлдоре барои арзёбии дурусти чунин таркибҳо истифода накардааст, хусусан мафҳумҳое чун «марги оммавии одамон», «одамкушии оммавии одамон». Масалан, дар натиҷаи содир шудани терроризм, ки боиси хавфи марги одамон гардидааст. Ба андешаи мо, қонунгузорро мебояд бо дарназардошти ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ва воқеиятҳои замон меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таҳия намояд. Бо дарназардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ банди «р» аломати бандубасткунандаи «алоқаманд бо терроризм» илова шавад, зеро терроризм дар аксари мавридҳо бо оқибатҳои марги одамон содир мешавад.

Дар конвенсияҳо таърифи универсалии «одамкушӣ» пешниҳод карда нашудааст ва ин мафҳум вобаста ба маҳакҳои гуногун фарқгузорӣ шуда, ашхоси содиркардаи одамкушӣ танҳо дар мавридҳое ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб мешаванд, ки агар одамкушӣ воситаи содиркунии яке аз ҷиноятҳои дар созишномаҳои байналмилалӣ зикр шуда бошад. Албата дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба масалаи мазкур таҳқиқотҳои кам оварда шудаанд. Бо назардошти ин гуфтан мумкин аст, ки одамкушӣ мумкин аст дар раванди содиршавии ҷиноятҳои дигар низ амали карда шавад, махсусан тероризм, акти терористӣ, генотсид. Кодекси ҷиноятӣ дар боби «Ҷиноятҳо муқобили сулҳ ва амнияти башарият» ду таркиби асосӣ дорад – генотсид (моддаи 398

КҶ ҶТ) ва қасдан вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи башардӯстии байналмилалӣ, ки дар рафти низои мусаллаҳона содир шудааст (моддаи 403 КҶ ҶТ). Одамкушӣ ҳамчун воситаи содир шудани ҷиноят дар ҳарду модда зикр шудааст.

Диспозитсияи қисми 1 моддаи 398-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи 2-и Аҳдномаи СММ «Дар бораи пешгирӣ ва ҷазо барои генотсид» соли 1948 пурра бо мафҳуми «генотсид» мувофиқ аст, ҳамчунон дар қисми 10 моддаи 2-и Лоиҳаи Кодекси ҷиноятҳо муқобили сулҳ ва амнияти башарият ба моддаи 6-и Статуси Додгоҳи байналмилалии ҷиноятӣ [210] низ мувофиқат дорад. Дар ин санадҳои байналмилалӣ генотсид ҳамчун «амали бо мақсади куллан ё қисман нобуд кардани гурӯҳи миллӣ, этникӣ, нажодӣ ё динӣ тавассути одамкушӣ, расонидани осебҳои вазнини ҷисмонӣ ё ақлонӣ, ба вуҷуд овардани шароити ҳаётие, ки бо ҳадафи нобудсозии куллӣ ё ҷузъӣ сурат мегиранд, ё амалӣ намудани тадбирҳое, ки ба рафъи насл ё зӯран додани кӯдакон аз гурӯҳи муайян равона шудаанд» [210] таъриф дода мешавад.

Т«арафи объективии генотсид мутобиқи диспозитсияи моддаи 398-и КҶ ҶТ аз шаш кирдори мушаххас иборат аст, ки дар ҷои аввал пурра ё қисман маҳв кардани гурӯҳи миллӣ, этникӣ, нажодӣ ё динӣ» [2] қарор дорад. Истифодаи истилоҳи «маҳв кардан» бо шумораи умумии аъзоёни гурӯҳ маҳдуд шудааст, дар ҳоле ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ҷиноятро ба шумораи қурбониён рабт намедиҳанд. Ин муносибат дуруст мебошад, зеро ҳадаф ва хусусияти генотсид аз шумораи қурбониён вобаста нест, балки аз ният ва амалҳои равонашуда барои нобудсозии гурӯҳ ё қисмате аз он ташкил меёбад.

Дар ин бахш мавқеи мо ба андешаҳои А. Кибалник ва И. Соломоненко дар бораи он, ки аз назари ҳуқуқӣ набояд «марзи поёнӣ»-е барои шумораи қурбониёни он вуҷуд дошта бошад, мувофиқ аст, аз ин рӯ, дар диспозитсияи моддаи 398 КҶ ҶТ шумораи ҷабрдидагон бояд дар шумораи танҳо зикр шавад [148, с. 36; 147, с. 116].

Дар адабиёти соҳа ҳамчунин масъалаи ин, ки оё дигар муқаррароти моддаи 398 КҶ ҶТ ба ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат надоранд, низ мавриди баррасӣ аст. Генотсид як намуд одамкушии оммавии одамон аст, ки амнияти тамоми аҳолиро таҳти хатар мегузорад ва аз назари хатари ҷамъиятӣ болотар аз одамкушӣ аст. Генотсид мумкин аст натанҳо аз маҳви гурӯҳи миллӣ, балки «қисман қир кардани онҳо», гурӯҳҳои миллӣ, қавмӣ, динӣ ё нажодӣ иборат бошад, ки мафҳуми баҳодиҳанда аст. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки маҳз суд бо такя ба салоҳдиди худ метавонад ин ё он амалро (ё сиёсатро) чун генотсид бандубаст кунад.

Фарқи расмии миёни одамкушӣ (моддаи 104 КҶ ҶТ) ва генотсид (моддаи 398 КҶ ҶТ)-ро аз объекти бевосита муайян кардан мумкин аст. Ба ақидаи А.В. Наумов объекти генотсид ҳаёт ва саломатии гурӯҳи миллӣ, этникӣ, нажодӣ ё динӣ мебошад. Муаллиф зикр мекунад, ки аз мафҳуми «генотсид» бисёр омилҳо вобастагӣ дорад. Бо дарназардошти ин ақида ҷинояти генотсидро бо одамкушӣ, ки дар қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ зикр шудааст, муқоиса ва баррасӣ кардан мумкин аст.

Қисми 2 моддаи 104 ва моддаи 398 КҶ ҶТ содир кардани ҷиноятро «аз рӯйи ангезаи бадбинии миллӣ, нажодӣ, динӣ ё душманӣ» пешбинӣ кардаанд, ки номгӯи маҳдуди объектҳои сӯиқасди ҷиноятиро фаро мегирад. Генотсид муқобили гурӯҳи миллӣ, этникӣ, нажодӣ ё динӣ ҳамчун як чизи том равона шудааст; агар чунин амалҳо муқобили фарди алоҳида ҳам равона шуда бошанд, пас ба сабаби хусусиятҳои инфиродии ӯ не, балки тааллуқ доштани ӯ ба ин гурӯҳ аст». Ҳамин тариқ, мақсад бояд ба хусумати нажодӣ, миллӣ асос ёфта бошад, аммо набояд ба расондани ин шахс ба марг чун фарди мутааллиқ ба ин гурӯҳ равона шавад, яъне бояд исбот шавад, ки интихоби ҷабрдида вобаста ба тааллуқ доштанаш ба гурӯҳҳои зикршуда барои ҷинояткор ягон аҳаммият надорад. Фарқият миёни генотсид ва одамкушӣ аз рӯйи ангезаи бадбинии миллӣ ё ҳар гуна бадбинии дигар (банди «м», қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ) дар асоси мазмун ва самти равона шудани мақсад муайян карда мешавад. Дар содиршавии генотсид мақсад қатъиян бояд ба

нобудкунии куллӣ ё ҷузъии гурӯҳи миллӣ, қавмӣ, динӣ ё нажодӣ ба сифати чунин гурӯҳ равона шуда бошад.

Фарқ кардани генотсид аз дигар намудҳои одамкушӣ тавассути ворид кардани мафҳуми воқеии он амалӣ карда мешавад. Тибқи тавсияи Комиссияи Додгоҳи байналмилалии ҷиноӣ, аз 6 июли соли 2000, барои муайян кардани генотсид бояд чор унсури асосӣ ба назар гирифта шавад: кирдор – амали ба марг расондани як ё якчанд шахс; тааллуқ доштани ҷабрдида ба гурӯҳи муайян; мақсади қисман ё пурра аз байн бурдани гурӯҳи одамон; шароите, ки хатари генотсидро ба таври объективӣ нишон медиҳад.

Ин омил имкон медиҳад, ки ҷинояти генотсид аз дигар кирдорҳои одамкушӣ ба таври дақиқ ва ҳуқуқӣ фарқ карда шавад ва хусусияти байналмилалии он дуруст арзёбӣ гардад [133, с. 523]. Нақши чунин таҷриба агар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ татбиқ шавад, ду гуна хоҳад буд. Аз як тараф, хатари гунаҳкоркунии объективӣ ба миён меояд. Аз тарафи дигар, ба назар гирифтани ин омил доираи амали моддаи 398 КҶ ҶТ-ро сахт маҳдуд месозад. Аммо зарурати ба назар гирифтани чаҳорчӯби таърихӣ ягона имкони фарқ кардани одамкушӣ ва генотсиди бандубастшуда дар шакли қисман нобуд кардани гурӯҳ аст. Бо дарназардошти матолиби дар боло зикршуда моддаи 398 КҶ ҶТ бояд дар таҳрири нав пешниҳод шавад.

Вобаста ба диспозитсияи моддаи 398 КҶ ҶТ суоли дигар ба вуҷуд меояд: маҳдуд шудани гурӯҳи ашхосе, ки амалҳояшон чун генотсид бандубаст мешавад, то куҷо асоснок аст, зеро одамкушии оммавӣ аз рӯйи тааллуқоти сиёсӣ кирдори дорои хатари ҷамъиятии камтар нест. Маҳаки тааллуқоти сиёсӣ дар моддаи 8 ва 30 Конститутсияи ҶТ, моддаи 14 Аҳдномаи Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, соли 1950 [194], моддаи 2 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, соли 1948 дар қатори табъизҳо номбар шудааст. Аммо таркиби генотсид таъқиби сиёсиро дар бар намегирад.

Ба андешаи мо, монеае барои ворид кардани тағйирот ба моддаи 398 КҶ ҶТ вуҷуд надорад. Маҳаки ҷудо кардани гурӯҳи номбурда «умумияти андешаҳо ва гароишҳои сиёсӣ» хоҳад буд. Ҳамин гуна муҳокимаро нисбат ба

меъёри дар қисми 2 моддаи 104 зикршуда низ бо пешниҳоди иловакунии марбут ба «одамкушӣ»-и аз рӯйи ангезаи сиёсӣ ё дигар ангезаи табъизӣ содиршуда татбиқ кардан мумкин аст. Мутаассифона, чунин таҳия тафсирҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, хуб мебуд агар ҷаласаи умумии (пленуми) Суди Олии ҶТ дар ин маврид дар асоси масъалаи ҳамон нақшае, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ чун маҳаки додани паноҳгоҳи сиёсӣ истифода мешавад, тавзеҳот ироа мекард.

Роҳи дигар низ вуҷуд дорад ва он ҳам ин аст, ки матлаби моддаи 211-1 КҶ Фаронса дар қисме, ки ба муайян кардани асосҳои табъиз ҳамчун «...гурӯҳи аз рӯйи дигар маҳаки ихтиёрӣ муайяншуда» марбут аст, баҳрагирӣ шавад [67, с. 97; 147, с 116-117; 180, с 59].

Бо дарназардошти матолиби дар боло баррасишуда, пешниҳод мекунем, ки моддаи 398 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин таҳия шавад:

Моддаи 398. Генотсид

«Кирдорҳое, ки ба куллан ё қисман маҳв кардани гурӯҳи миллӣ, қавмӣ, нажодӣ ё динӣ равона шудаанд ё аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ бо роҳи одамкушӣ, расондани зарари вазнин ба саломатӣ, бо роҳи зӯроварӣ монеъ шудан ба таваллуди кӯдак ва ё аз як гурӯҳи одамон ба дигаре додани кӯдакон, ё фароҳам овардани чунин шароити зиндагие, ки ба нобудкунии ҷисмонии аъзои ин гурӯҳ содир мешаванд».

Ҳамчунин дар банди «м» қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ иборaҳои зеринро илова кардан мумкин аст: «...ё аз рӯйи дигар ангезаи табъизӣ» ё ҳадди ақал «аз рӯйи ангезаи тааллуқоти сиёсии шахс».

Моддаи 402 КҶ ҶТ барои «Ҳамла ба шахсон ва муассисаҳое, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор доранд», ҷавобгарӣ муқаррар кардааст.

Аҳднома «Дар бораи пешгирӣ ва додани ҷазо барои ҷиноятҳо ба муқобили ашхос ва муассисаҳое, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор доранд, аз ҷумла, намояндаҳои дипломатӣ» аз соли 1973 доираи ашхосеро муайян кардааст, ки бояд таҳти чунин ҳимоя қарор гиранд: роҳбари давлат, аз ҷумла мақоми машваратие, ки вазифаҳои роҳбари давлатро иҷро мекунад,

сарвари ҳукумат ё вазири корҳои хориҷӣ, ки дар давлати хориҷӣ муваққатан зиндагӣ мекунанд, инчунин аъзои оилаи ӯ (банди 1).

Моддаи 402 КҶ ҶТ ба моддаи 310 КҶ ҶТ, ки дар он сухан дар бораи сӯиқасд ба ҳаёти ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ меравад, бисёр монанд аст. Аз тарафи субъективӣ, таркиби ҷиноят, ки дар моддаи 402 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, қасди бевоситаро пешбинӣ мекунад ва мутобиқи қисми 2 мақсади ҷиноят таҳдиди бо ҳамла ва дар моддаи 310 КҶ ҶТ – бо мақсади суст кардани асосҳои сохти конститутсионӣ ё амнияти давлат, ҳамчунин бо мақсади қатъ гардонидани фаъолияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ зикр шудааст. Дар ҳолати охир сӯиқасд ба ҳаёт аз содир кардани кирдорҳое иборат аст, ки бевосита ба маҳрум кардан аз ҳаёт равона шудаанд, новобаста ба натиҷаи анҷоми мақсад, яъне ин ҷо таркиби ихтисоршуда ҷой дорад. Дар мавриди моддаи 402 бошад, ҳангоме, ки ҳамла ба шахс сабаби марги мақсаднок ё расондани зарари вазнин ба саломатии ӯ шуда бошад, кирдори содиршуда бояд дар асоси моддаҳои 104 ё 110 ва 402 КҶ ва ҳамлае, ки сабаби рабудани ҷабрдида шудааст, дар умум тибқи моддаҳои 130 ва 402 КҶ бандубаст шавад [72, с. 574]. Дар натиҷа тибқи моддаҳои 402 ва 310 КҶ ҶТ дараҷа ва сатҳи номувофиқии ҳимояи ходимони давлатӣ ва сиёсӣ (вобаста ба тааллуқоти онҳо ба ҶТ) ба миён меояд.

Барои такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ тағйироту тавзеҳоти зеринро ворид кардан мумкин аст:

1. Мушаххас кардани категорияи ашхосе, ки аз ҳимояи байналмилалӣ истифода мекунанд: бояд дақиқан муайян карда шавад, ки кадом нафар «намояндаи давлати хориҷӣ» ва «корманди созмони байналмилалӣ» маҳсуб мешавад. Барои ин ба созишномаҳои байналмилалие чун Аҳдномаи Вена дар бораи муносибатҳои дипломатӣ аз соли 1961 ва Аҳдномаи Вена дар бораи робитаҳои консулӣ аз соли 1963, инчунин муқаррароти низомномаҳо ва созишномаҳои дахлдор дар бораи ҳифзи кормандони созмонҳои байналмилалӣ (масалан, Оинномаи СММ) бояд такя шавад.

2. Ҳимоя нисбат ба намояндагони давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ва хешовандони наздиктарини онҳо.

3. Ба санадҳои байналмилалие, ки барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти байналмилалӣ ва муносибатҳои осоишта ҷавобгарӣ муқаррар мекунад, истинод шавад.

4. Мушаххас кардани аҳдофи ҳамла: Ҳадафҳои ҳамла, аз ҷумла «таҳрики ҷанг» бояд дақиқ зикр шуда ибораи «муташанниҷ кардани вазъи байналмилалӣ»-ро низ илова кардан мумкин аст.

5. Кирдорҳои ҷиноятӣ: Бо ҷузъиёти нисбатан бештар тавсиф додани он ки маҳз кадом амалҳо метавонанд чун ҷиноят бандубаст шаванд, аз ҷумла, ҳамла, таҳдиди таҷовуз, расондани зарар ба моликият ва дигар амалҳо, ки ба амният ва саломатии шахсони таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта таҳдид мекунанд, бисёр муҳим аст.

Дар робита ба наздик кардани дараҷаи ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шахсони дар моддаҳои 402 ва 310 КҶ ҶТ зикршуда пешниҳод мешавад, ки ба моддаи 402 КҶ ҶТ матлаби зерин илова карда шавад: «Қасдан ҳамла кардан ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди созмони байналмилалӣ, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор дорад, инчунин аъзои оилаи ӯ, ки ҳамроҳи ӯ зиндагӣ мекунанд, ё дар биноҳои истиқоматӣ ё хидматӣ, воситаҳои нақлиёти шахсони таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта, агар кирдорҳои мазкур дар робита ба мақоми расмии онҳо ё бо мақсади таҳрики ҷанг, муташанниҷ кардани вазъи байналмилалӣ ё эҷоди хатар ба робитаҳои байналмилалӣ содир шуда бошанд, ки ба уҳдадориҳои дар санадҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дарҷшуда, инчунин аҳдномаҳо ва қатъномаҳои байналмилалие, ки ҳифзи ҳуқуқи кормандони созмонҳои байналмилалиро танзим мекунанд, мухолифат доранд».

Методҳои манъшудаи бурдани ҷанг дар қисми «1 моддаи 403 КҶ ҶТ зикр шудаанд, ки «Барқасдона вайрон кардани меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, ки дар ҷараёни низои мусаллаҳона содир шудааст» [2], яъне «Барқасдона вайрон кардани меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, ки дар

вақти низои мусаллаҳонаи байналхалқӣ ё дохилӣ содир шудааст, яъне ҳамла ба аҳолии мулкӣ ё шахсони алоҳидаи мулкӣ, ҳуҷуми дорои хусусияти интихобнагардида, ки ба манфиати аҳолии мулкӣ, ё иншооти мулкӣ дахолат мекунад, ҳуҷум ба дастгоҳҳо ё иншооте, ки дорои неруи хавфнок мебошад, ҳуҷум ба шахсе, ки иштироки худро дар амалиёти ҷангӣ қатъ кардааст ва манбаи ҳуҷум қарор додани маҳалли муҳофизатнашаванда ва минтақаҳои ғайринизомӣ гардонидашуда, аз байн бурдан ё осеб расонидан ба ёдгориҳои таърихӣ, асарҳои санъат ё маҳалҳои адои расму русуми динӣ, ки ёдгории фарҳангӣ ё маънавии халқҳо мебошад, аҳдшиканона истифода бурдани нишонаҳои фарққунандаи Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва дигар нишонаҳои ҳимоявӣ ва бонгҳое (ишоратҳое), ки мутобиқи ҳуқуқи байналхалқии башар эътироф шудааст, аз ҷониби давлати забткунанда аз як ҷо ба ҷои дигар интиқол додани қисми аҳолии мулкӣ ба ҳудуде, ки аз ҷониби он забт шудааст ё депортатсияи он ё интиқол додани як қисм ё тамоми аҳолии ҳудуди забтшуда дар доираи ҳамин минтақа ё берун аз ҳудуди он, беасос дароз кардани муҳлати репатриатсияи асирони ҳарбӣ ё шахсони мулкӣ, истифодаи амалияи апартеит ё дигар кирдорҳои ғайрибашардӯстона ё пастзананда, ки шаъни шахсиятро таҳқир мекунад ва ба дискриминатсияи нажодӣ асос ёфта, боиси марг гардидааст ё зарари назаррас ба ҳолати ҷисмонӣ ё руҳии ҳама гуна шахс расонидааст ё зиёни калон ворид намудааст» [2].

Вобаста ба таркиби моддаи 403 КҶ ҶТ чанд суол ба миён меояд: зери истилоҳи «низои мусаллаҳонаи байналхалқӣ» чӣ дар назар дошта шудааст? Ҳама гуна истифодаи қувваҳои мусаллаҳ дар назар дошта шудааст ё танҳо истифодаи онҳо дар сурати ҷанги расман эълоншуда? Ин меъёр танҳо низоъҳои мусаллаҳонаи дорои хусусияти байналмилалиро фаро мегирад ё татбиқи меъёри мазкур дар низоъҳои мусаллаҳонаи дохилӣ ҳам мумкин аст?

Чунин ба назар мерасад, ки тафсири мафҳуми «низои мусаллаҳонаи байналхалқӣ» бояд дар доираи ҳуқуқи гуманитарии байналмилалӣ сурат гирад, ки дар ин маврид мо аз мавқеи И.И. Лукашук ҷонибдорӣ мекунем, ки

мегӯяд, методҳои ҷанг дар низоъҳои мусаллаҳонаи дохилӣ ҳам фаро гирифта мешаванд.

«Истифода аз методҳои тавассути созишномаи байналмилалӣ манъшуда дар низои мусаллаҳона гуфта, методҳои бурдани ҷангро манъкардаи Аҳдномаҳои Гаага мутааллиқ ба солҳои 1899 ва 1907, инчунин дигар созишномаҳое бояд фаҳмида шавад, ки ҶТ иштирокчии онҳост» [214]. Мутобиқи моддаи 35 Протоколи якуми иловагӣ, аз 8 июли соли 1977, ба Аҳдномаи соли 1949 қабулшудаи Женева истифодаи силоҳ, снарядҳо, моддаҳо ва методҳои амалиёти ҷангие, ки зарар ё азияти барзиёд мерасонанд; методҳо ва воситаҳои амалиёти ҷангие, ки ҳадафи онҳо расондан ё эҳтимоли расондани зарари фарогир, тулонӣ ва ҷиддӣ ба муҳити табиат, инчунин одамкушӣ, маҷруҳ кардан ё ба асорат гирифтани душманро бо истифодаи аҳдшиканӣ доранд, манъ карда шудааст [207] (Моддаи 37 Протокол).

ҶТ иштирокчии созишномаҳои гуногуне мебошад, ки ин ё он методи амалиёти ҳарбиро ба қатори корҳои мамнуъ дохил кардаанд. Ин феҳристро Аҳднома дар бораи қонунҳо ва анъанаҳои ҷанг дар хушкӣ, аз 5 октябри соли 1907, инчунин чанде аз эъломияҳои ибтидои асри XX дар бораи манъ будани намудҳои гуногуни силоҳ боз кардаанд [110, с. 26]. Дар санадҳои заминавии Раванди Нюрнберг ҷиноятҳои ҳарбӣ ҳамчун «аз ҷумла нақзи қонунҳо ва анъанаҳои ҷанг, ба таври истисно одамкушӣ...» таъриф дода шудааст.

«Айни замон таҷрибаи байналмилалӣ ба он такя мекунад, ки ҷойгоҳи асосӣ дар танзими ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона ба чаҳор Аҳдномаи Женева, аз 12 августи соли 1949 ва Протоколҳои иловагӣ ба онҳо таaллуқ дорад» [207]. Ин аз он сабаб бисёр муҳим аст, ки одамкушӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ ба қатори ҷиноятҳои ҳарбӣ дохил мешавад, аммо на дар ҳама санадҳои заминавии ин соҳа одамкушӣ бевосита ба методҳои манъшудаи бурдани ҷанг нисбат дода мешавад. Дар ин ҷо се тарзи муносибатро пешбинӣ кардан мумкин аст. Тибқи равиши аввал, ҳама амалҳое, ки муқаррароти аҳдномаҳоро нақз мекунанд «методҳои манъшуда» мебошанд, ки дар ин сурат одамкушӣ ба таври автоматӣ вориди онҳо мешавад. Равиши дуюм ба

меъёрҳои Аҳдномаҳое асос меёбад, ки механизми гузоштани ҷавобгарӣ барои содиркунии ба истилоҳ grave breaches – ҷиноятҳои махсусан вазнинро муқаррар кардаанд. Дар ин ҷо одамкушӣ бевосита ҳамчун яке аз таркибҳо зикр шудааст. Ниҳоят, равиши сеюм, ки ба тафсири амалии меъёрҳои ҳуқуқ асос ёфтааст, мафҳуми «методҳои манъшуда»-ро ба номгӯи амалҳое нисбат медиҳад, ки дар фаслҳои Аҳднома номбар шудаанд. Масалан, дар Протоколи якуми иловагии соли 1977 ба Аҳдномаҳои Женева дар фасли 1 қисми III «Методҳо ва воситаҳои бурдани ҷанг» дар бораи манъ будани методҳое, ки азияти барзиёд мерасонанд (моддаи 35), дар бораи «манъ будани куштани душман бо истифода аз аҳдшиканӣ» (моддаи 37), дар бораи «додани фармони зинда нагузоштани касе ё иҷрои амалиёти ҷангӣ дар ин асос» (моддаи 38) сухан меравад [207].

Ба андешаи мо, диспозитсияи моддаи 403 КҶ ҶТ ба сабаби ин ки дар таҳрири амалкунанда ба созишномаи байналмилалӣ мутобиқат намекунад, ба тағйироти ҷиддӣ ниёз дорад. Моддаи 35 Протоколи Якуми иловагии соли 1977 мафҳуми анъанавии ин меъёрро зикр кардааст: «вайрон кардани меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, ки дар вақти низои мусаллаҳонаи байналхалқӣ ё дохилӣ» [160, с. 49] «ҳама намуди силоҳҳое мебошанд, ки истифодаи онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат дорад». Ба инҳо, пеш аз ҳама, силоҳи қатли ом дохил мешавад» [94, с. 67]. «Ҳамин тариқ, ин модда таркибҳоро такрор мекунад ва ҷудо кардани қисми дуюм иштибоҳ аст, зеро мафҳуми «вайрон кардани меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, ки дар вақти низои мусаллаҳонаи байналхалқӣ ё дохилӣ» таркиби одамкуширо фаро мегирад» [160, с. 49; 94, с. 67].

Дар қонунгузории ҷиноятӣ, дурусттар аст, ки ба ҷои ибораи «вайрон кардани меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, ки дар вақти низои мусаллаҳонаи байналхалқӣ ё дохилӣ…» [2]. ибораи «Қасдан вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи гуманитарии байналмилалӣ, ки дар рафти низои мусаллаҳона бо истифодаи восита ва методҳои манъшудаи бурдаи ҷанг содир шудаанд» истифода гардад. Инчунин пешниҳод мешавад, ки масъалаи

одамкушӣ бе нисбат додан ба ҷиноятҳои ҳарбӣ, вале бо дарназардошти хатари баланди ҷамъиятии он ва уҳдадориҳои давлат ҷиҳати муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани санадҳои байналмилалӣ баррасӣ шавад. Бо дарназардошти ин пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 2 моддаи 104-и КҶ ҶТ ҳолати бандубасткунанда дар мазмуни «одамкушие, ки бо вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вақти низои мусаллаҳона содир шудааст» илова ворид карда шавад. Бо вуҷуди ин, ҳалли комили масъалаи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҳарбӣ, яъне ҳамоҳангсозии меъёрҳои моддаҳои 403 ва 104-и КҶ ҶТ ба тарзи комплексӣ беҳтар ва муносибтар мебошад.

Муаллиф таҳияи меъёрҳои ягонаи универсалии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро масъалаи мубрами имрӯз доништа, мавқеи илмии донишмандонеро, ки тадвини меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳияи Кодекси ҷиноятии байналмилалиро бо қисмҳои Умумӣ ва Махсус, ки ба меъёрҳо ва принсипҳои умумӣ қабулшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтаанд, ҷонибдорӣ мекунад.

### 2.2. Тавсифи ҳуқуқӣ–ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ: (дар шакли савдои одамон ва савдои кӯдак)

Тасвиби «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва инчунин Протоколи он дар бораи пешгирӣ ва мубориза бо савдои одамон, махсусан занон ва кӯдакон, як қадами муҳимми ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад. Инчунин, қабули иловаи Конвенсия, ки бо Қатъномаи 55/25 Ассамблеяи Генералии СММ, аз 15 ноябри соли 2000, тасдиқ гардидааст, як нишонаи тавсеа ва таҳкими иқдомоти байналмилалӣ дар мубориза бо савдои одамон ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ» [33] мебошад.

Савдои одамон, ки дар як сатҳи глобалӣ проблемаи ҷиддӣ ба ҳисоб меравад, аз нуқтаи назари ҳуқуқи инсон, пеш аз ҳама, боиси нақзи ҳуқуқҳои асосии инсон, ба вижа, ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ ва озодии шахсӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар муқоиса бо дигар ҷиноятҳои фаромиллии муташаккил, савдои

одамон бештар ба поймол кардани ҳуқуқи инсон мепайвандад, чунки инсон дар ин гуна ҷиноятҳо ба унвони як объекти моликӣ ва ё маҳсулоти тиҷоратӣ истифода мешавад.

Савдои одамон як зуҳуроти иртиҷоии бисёрҷабҳа ва хеле мураккаб аст, ки ба муносибатҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа алоқаманд мебошад. Қурбонии савдои одамон, бо талафоти шадиди арзишҳои моддӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ, ба вазъи ногувор дар ҳаёти инсон боис мегардад. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза, муқовимат ба савдои одамон ҳамчун як ҷинояти нангину таҳқиркунандаи шаъну эътибори инсон, яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки лозим аст ҳамаи сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва аъзоёни ҷомеа ба ин кирдори номатлуб мубориза оштинопазир баранд.

Муқовимат ба савдои одамон, ки барои огоҳ кардани ҷомеа, ошкорсозӣ, пешгирӣ, таъқиб, коҳиш додани таъсири манфии он ва расонидани кумак ба қурбониён равона гардидааст, ба манзури амалӣ кардани чунин сиёсати мубориза бо ин ҷиноятҳо, дар асоси сиёсати давлатӣ метавонад татбиқ гардад. Ба ҳамин хотир, муқаррароти моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» асоси ҳуқуқии амал кардани чораҳои мубориза бо савдои одамон ва дастгирии қурбониёнро таъмин менамояд.

Раванди рушди меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат ба савдои одамон таърихи тулонӣ дошта, бо ин вуҷуд, мафҳуми савдои одамон дар шаклҳо ва мазмуни гуногун дар марҳалаҳои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи инсонӣ таъриф ёфтааст. Дар авоили ин раванд, ин мафҳум бештар ба масъалаи ғуломӣ ва фурӯши ғуломон дахл доштааст. Бо чунин назария, дар ибтидои асри XIX Конгреси Вена баргузор шуд, ки дар он «Эъломия оид ба манъи фурӯши ғуломон» [224] (соли 1815) қабул гардид. Гарчанде, ки ин санад ғуломиро ҳамчун ҷиноят эътироф намекард, вале он аввалин санади байналмилалӣ дар таърихи ҷомеаи башар буд, ки манъи фурӯш ва интиқоли ғуломонро дар бар мегирифт.

Ба шарҳи ин санад, соли 1841 иловаи муҳим ба он сурат гирифт, ки «Шартнома дар хусуси манъи интиқоли ғуломони зангӣ ба Амрико» ба имзо расид. Ин шартнома боз як қадами дигар дар роҳи эҳё ва таҳкими меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар мубориза бо ғуломӣ ва савдои одамон гардид.

Соли 1890, дар Брюссел як конференсияи байналмилалӣ доир шуд, ки дар он Санади Кул оид ба мубориза бо фурӯши ғуломон қабул гардид. Ин санад барои аввалин маротиба фурӯши ғуломонро ҳамчун ҷиноят эътироф намуда, ба он бо чен кардани манфиатҳои ҳуқуқии инсон ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи байналмилалӣ муносибати ҷиддӣ ва қонунӣ дода шуд.

Конференсияи Брюссел «хати шубҳанок»-ро муайян намуд, ки минтақаи ҷуғрофии он ба қисми ғарбии Укёнуси Ҳинд, Баҳри Сурх ва Халиҷи Форс дахл дошт, ки ҳамчун як шоҳроҳи интиқоли ғуломон аз Африқо ба дигар минтақаҳо истифода мешуд. Дар ин замина, киштиҳои ҳарбии кишварҳои иштироккунандаи Санади Кул оид ба мубориза бо фурӯши ғуломон, ҳуқуқи нигоҳ доштани киштиҳои «шубҳанок»-ро, ки эҳтимолан ба савдои ғуломон алоқаманд буданд, соҳиб шуданд.

Барномаҳои амалии қабулшуда дар он давра танҳо ба муқобили фурӯши ғуломон равона шуда буданд ва таҳти таъсири қонунҳои байналмилалӣ алайҳи ғуломӣ амал намекарданд. Ин ҳолат ба мо нишон медиҳад, ки мубориза бо савдои одамон дар он марҳалаҳо асосан дар муқобили фурӯши ғуломон ва истисмори ғуломӣ мавҷуд буд.

Яке аз аввалин санадҳои байналмилалӣ, ки масъалаи савдои одамонро муаррифӣ намуд, Даъватҳои Конференсияи Лондон оид ба мубориза бо савдои занон бо мақсадҳои истисмори шаҳвонӣ (соли 1899) буд. Ин санад аз давлатҳо даъват мекард, ки ба ташкили созишномаҳои бисёртарафа ва таъсиси кумитаҳои дахлдори миллӣ дар ин самт машғул шаванд.

Соли 1904 аввалин шартномаи байналмилалӣ оид ба мубориза бо савдои канизони сафедпӯст қабул шуд. Ин шартнома, ки бо тағйирот дар Протоколи 3-юми декабри соли 1948 тасдиқ шуд, барои мубориза бо савдои одамон, махсусан савдои канизон ва истисмори шахсӣ, равона гардид. Ин

эъломияи муҳим ва роҳнамо барои иқдомоти байналмилалӣ дар мубориза бо савдои одамон дар ҳама шаклҳои он дар давраҳои гуногун хидмат намуд.

Соли 1910 Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо савдои канизони сафедпӯст [202] қабул гардид, ки тибқи он, кишварҳое, ки ин конвенсияро тасдиқ мекарданд, уҳдадор мешуданд, ки барои шахсони машғул ба савдои инсонӣ, хусусан савдои канизон, ҷазо таъин кунанд. Ин Конвенсия дар доираи фаъолияти Лигаи Миллатҳо қабул гардид.

Дар давоми солҳои баъдӣ, таҳти сарпарастии Лигаи Миллатҳо, соли 1921 «Конвенсияи мубориза бо савдои занон ва кӯдакон» [198] қабул шуд, ки ба таъқиб ва шиносоии шахсон, ки ба савдои занон ва кӯдакон, махсусан барои мақсадҳои истисмори шаҳвонӣ машғул буданд, равона шуда буд. Ин конвенсия, инчунин ба назорати фаъолияти бюроҳо ва ташкилотҳои марбута, ки ба коркарди муҳоҷирон ва муҳоҷиршавандагон дахл доштанд, низ аҳамият дода, барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи занону кӯдакон ва муҳоҷирон чораҳои лозимаро пешбинӣ мекард.

«Соли 1926, нахустин шартномаи байналмилалии универсалӣ, ки бевосита барои мубориза бо ғуломӣ ва савдои ғуломон равона шуда буд, Конвенсияи «Нисбат ба ғуломдорӣ», аз 25 сентябри 1926, қабул шуд. Ин конвенсия таҳти сарпарастии Лигаи Миллатҳо таҳия ва қабул гардида, дар соли 1953 бо ворид кардани тағйирот бо Протоколи 7 декабри соли 1953 такмил ёфт» [205].

Ҳамзамон, як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо савдои одамон ва истисмори шаҳвонӣ таҳти роҳбарии Лигаи Миллатҳо ва СММ ба тасвиб расиданд. Масалан, Конвенсия «Дар хусуси мубориза бо савдои занон ва кӯдакон», аз 30 сентябри 1921 (ба иловаи тағйирот, ки мувофиқи Протоколи Ассамблеяи Генералии СММ, аз 20 октябри 1947, ворид шуданд) [198] ва Конвенсия «Дар хусуси мубориза бо фурӯши занони ноболиғ», аз 11 октябри 1933 [199] (бо иловаи тағйирот, ки мувофиқи Протоколи 20-уми октябри соли 1947 тасдиқ шудаанд) ба тасвиб расиданд.

Ҳамин тариқ, таҳкими заминаи ҳуқуқӣ барои мубориза бо савдои одамон ва ғуломӣ, ки дар давраи асри XX шуруъ шуд, ба тадриҷ як қатор шартномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалиро ба вуҷуд овард, ки ҳар кадом дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон ва пешгирии ин падидаи номатлуб нақши муҳим гузоштааст.

Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо савдои занони ноболиғ соли 1933 қабул шуда, давлатҳои иштирокчиро уҳдадор мекард, ки шахсоне, ки ба савдои занони ноболиғ машғуланд, новобаста аз розигии қурбониён, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Санади мазкур савдои занон ва кӯдаконро ҳамчун ҷиноят бо хусусияти байналмилалӣ эътироф карда, ду шакли асосии онро муайян кардааст: ғуломӣ ва фоҳишагӣ. Ин омил имконият медиҳад, ки ҳам ҳадафи таъқиб ва мубориза бо ҷиноят таъмин гардида, ҷанбаҳои байналмилалии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар қонунгузории миллӣ инъикос карда шаванд.

Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид, 2 декабри соли 1949, Конвенсия «Оид ба мубориза бо савдои одамон ва истифодаи фоҳишагӣ аз тарафи шахсони сеюм» [195]-ро қабул кард. Ин «Конвенсия муттаҳидкунандаи як қатор шартномаҳои байналмилалӣ мебошад, ки аз ҷумлаи онҳо Конвенсия дар хусуси мубориза бо савдои ғуломони сафедпӯст (18 майи 1904), Конвенсия дар хусуси мубориза бо савдои ғуломони сафедпӯст (4 майи 1910), Конвенсия дар хусуси мубориза бо савдои занон ва кӯдакон (30 сентябри 1921) ва Конвенсия дар хусуси мубориза бо савдои занони ноболиғ (11 октябри 1933) мебошанд» [195]. Ба ҳамаи ин санадҳо тағйироти муҳим дар Протоколи 3-юми декабри 1948 ва Протоколи 20-уми октябри 1947 ворид карда шуда, механизми иҷрои сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ барои муқобилат бо савдои одамон [203; 204; 200; 201; 208] таҳким ёфтааст.

Дар сатҳи байналмилалӣ омилҳои қабулшуда дар муайян ва таҳкими заминаи ҳуқуқии муқовимат бо савдои одамон ва таъқиби ҷинояткорӣ нақши калидӣ дорад. Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи инсон, «таҳкими механизмҳои мубориза

бо савдои одамон ва истисмори инсонӣ санадҳои қабулшуда дар доираи СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ тадбирҳои заруриро татбиқ намуда, ин ҷиноятҳоро ҳамчун мушкилоти замони муосир арзёбӣ мекунад» [203; 204; 200; 201; 208]. Дар асоси ин давлатҳо ҳамкории байналмилалиро дар самти пешгирӣ ва таъқиби чунин кирдорҳо ба роҳ мемонад.

Моҳи январи соли 1997, дар Сессияи 51-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ду қатънома қабул гардид: № 51/65 «Зӯроварӣ бар зидди занон, ки барои дарёфти кор муҳоҷират мекунанд» ва № 51/66 «Савдои занон ва кӯдакон». Ин қатъномаҳо ба таҳкими сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ ва расонидани кумакҳо ба қурбониёни савдои одамон ва зӯроварии муҳоҷирон равона шудаанд.

Барои таҳкими муносибатҳо дар соҳаи ҳуқуқи кӯдакон, 25 майи соли 2000, Ассамблеяи Генералии СММ Протоколи иловагиро ба Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак марбут ба савдои кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона қабул кард. Ин протокол санади муҳимми ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки на танҳо барои ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, балки барои муттаҳидсозии чораҳо дар муқобила бо амалҳои номатлуб, ки ба кӯдакон таҳдид мекунад, мусоидат мекунад.

Протоколи иловагӣ аз давлатҳои иштирокчӣ талаб мекунад, ки ҳар гуна шаклҳои савдои кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона, ки ба ҳуқуқи инсон, махсусан ҳуқуқи кӯдакон, зарар мерасонад, манъ кунанд (моддаи 1). Ин санад дар моддаи 2 дар бораи мафҳумҳои «савдои кӯдакон», «фоҳишагарии кӯдакон» ва «порнографияи кӯдакона» тафсироти дақиқ медиҳад, ки барои муайян кардани амалҳои ғайриқонунӣ ва нақзи ҳуқуқи кӯдакон зарур аст.

Бо қабул ва иҷрои ин санадҳои байналмилалӣ, давлатҳо уҳдадор шудаанд, ки мубориза бо амалҳои номатлуби ҷалби кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва истифодаи кӯдакон барои порнографияи ғайриқонунӣ боз ҳам мустаҳкамтар созанд, дар ҳоле ки дар амал кӯшиш мекунанд, ки ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон дар сиёсати байналмилалӣ ва хешро таъмин намоянд.

Мутобиқи Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ва ҳуқуқи байналмилалии мубориза бо савдои одамон, мафҳумҳои асосии «савдои кӯдакон», «фоҳишагарии кӯдакон» ва «порнографияи кӯдакона» чунин таъриф шудаанд:

Савдои кӯдакон, яъне, кирдоре фаҳмида мешавад, ки тавассути он шахс ё гурӯҳи шахсон кӯдакро ба дигар шахс ё гурӯҳе, ба ивази маблағ ё ҳар гуна хизматрасонӣ месупорад.

Фоҳишагарии кӯдакон – истифодаи кӯдак дар фаъолияти дорои хислати шаҳват, ба ивази маблағ ё ҷубронҳои дигар.

Порнографияи кӯдакона – ҳар гуна тасвир ё видео бо иштироки кӯдак, ки дар он амалҳои шаҳвонӣ ё амалҳое, ки гӯё шаҳвонӣ мебошанд, иҷро карда мешаванд ё тасвири олоти ҷинсии кӯдак бо мақсади истифодаи шаҳвонӣ тасвир мегарданд [42].

15 ноябри соли 2000 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид Конвенсияи зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллиро қабул намуд, ки аввалин санади байналмилалӣ мебошад [18]. Мутаносибан, барои такмил ва таҳкими амалияи Конвенсия, се протоколи иловагӣ таҳия ва қабул гардид:

1. Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он.

2. Протокол оид ба воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, бахр ва ҳаво.

3. Протокол оид ба истеҳсоли ғайриқонунии яроқи оташфишон ва савдои он, қисмҳои он ва асбобу анҷоми аскарӣ.

Дар мундариҷаи «Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан савдои занону кӯдакон, қайд карда мешавад, ки новобаста аз мавҷуд будани чандин санадҳои байналмилалӣ, ки меъёрҳо ва чораҳои амалии мубориза бо истисмори одамон, махсусан занону кӯдаконро пешбинӣ мекунанд, санади умумие нест, ки дар он ҳама ҷанбаҳои савдои одамон баррасӣ карда шаванд» [18].

Набудани як ҳуҷҷати комил ва умумӣ дар ин замина метавонад ба ташвиши ҷиддӣ сабаб шавад, зеро ин маънои онро дорад, ки шахсоне, ки ба савдои одамон машғуланд, то ҳадди кофӣ ҷазо дода намешаванд. Баръакс, мавҷудияти як ҳуҷҷати ягона, ки ҳамаи ҷанбаҳои ҳуқуқии савдои одамонро баррасӣ кунад, имкон медиҳад, ки муносибатҳо ва амалҳои мукофоти байналмилалӣ дар муқобила бо ин падидаи номатлуб дар як шеваи мустаҳкам ва фаъол танзим шаванд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1 августи соли 2003, №33, ба Кодекси Ҷиноятии Тоҷикистон моддаи нави 130.1 таҳти унвони «Хариду фурӯши одамон» илова карда шуд. Ин тағйирот, инчунин, ба моддаҳои 339 (Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, муҳр) ва 340 (Сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, муҳр ва бланкҳои қалбакӣ) Кодекси ҷиноятӣ қисмҳои навро илова кард, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои амалҳои зикршуда бо мақсади савдои одамон пешбинӣ намуда, барои онҳо ҷазо дар шакли маҳрумият аз озодӣ муқаррар карданд [223].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ, аз 2 январ 2019, № 1554, номи моддаи 130.1 «Хариду фурӯши одамон» ба «Савдои одамон» иваз карда шуд, ки ин тағйирот бо мақсади такмил ва муайян кардани қонунгузорӣ, баррасии дурусту ҳифзи ҳуқуқи инсон дар муқобила бо савдои одамон анҷом дода шуд.

Моддаи 130/1 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶ ҶТ) дар гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият ҷойгир аст ва дар боби 17 пешбинӣ шудааст [223]. Муҳим ин аст, ки қонунгузор дар танзими диспозитсияи ин модда аз тарзи одии кӯтоҳ даст кашида, тамоми ҳолатҳое, ки бо савдои одамон марбут аст, дар он дохил намудааст. Дар натиҷа, мафҳуми бадастомада бо мафҳуми муайяншуда дар санади байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамоҳанг мебошад.

Дар моддаи 130/1 Савдои одамон бо мақсади нигоҳ доштани ҳаёти озод, обрӯ ва ҳуқуқи инсон дар заминаи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон таъриф

ёфтааст. Мафҳуми «шахсият», ки объекти асосии ин ҷиноят аст, як мафҳуми гуногунҷабҳа буда, тавассути илмҳои гуногуни ҷомеашиносӣ омӯхта мешавад. Ба фарқи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, мафҳуми «шахсият» дар ин контекст маънии фарқкунанда ва махсус дорад, ки онро мафҳумҳои дигар, ба монанди фалсафа, сотсиология, равоншиносӣ, педагогика ва ғайра низ омӯхтаанд.

Аз ин рӯ, таносуби мафҳумҳои «шахсият» ва «инсон» чунин аст: **инсон** дар худ тамоми қисматҳои биологӣ ва иҷтимоии ҳаётӣ фардро таҷассум мекунад, дар ҳоле, ки шахсият танҳо ба ҷанбаҳои иҷтимоии инсон дахл дорад.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳамчун яке аз самтҳои асосии ҳуқуқи инсон, дар он асос ёфтааст, ки аҳаммияти зиёд доранд. Ҳамин тавр, ҳуқуқи ҷиноятӣ барои ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, обрӯ ва эътибори инсон таъсис ёфтааст.

«Мафҳумҳои «инсон» ва «шахсият» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун мафҳумҳои наздик ва ҳаммонанд таҳлил мешаванд, зеро ҳар ду ба ҳифзи ҳуқуқи фундаменталӣ ва табиӣ, ки инсонро аз таъсири ҷиноятҳо муҳофизат мекунад, дахл доранд» [2]. Ин ҷиҳатҳо барои ташкили як системаи мутамаркази ҳифзи ҳуқуқи инсон муҳим мебошанд.

Объекти намудии муносибатҳои иҷтимоӣ, ки мавриди таъқиб ва ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор мегирад, ҷиноятҳое мебошанд, ки ба якдигар муттаҳид шудаанд дар як боб ва ё як гурӯҳи ҷиноятҳои ба ҳам наздик дар қонуни ҷиноятӣ. Объекти намудии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар байни объектҳои хелӣ ҷойгир мешавад ва мавқеи мобайниро ишғол мекунад, ки танҳо тавассути таҳқиқоти амиқ ва тасвири ҷиноятҳои марбут ба шахсият ва иҷтимоиёт фаҳмида мешавад.

Хусусиятҳои объекти намудии савдои одамон дар ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда шуда, дар қонунгузорӣ он ҳамчун ҷиноятҳое номбар мешаванд, ки ба озодӣ, обурӯ ва эътибори шахсият зарар мерасонанд. Дар баробари ин, барои эътимод ва иҷрои муқаррароти байналмилалӣ, ин объекти хусусан муҳим дар назар гирифта шудааст.

Барои ҳалли масъалаи муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноят, ки дар савдои одамон пеш меояд, муҳим аст, ки тафсири дуруст ва дақиқи он таъмин карда шавад. Объекти бевоситаи ҷиноят ба он чизе ишора мекунад, ки ҷиноят ба он таъсир мерасонад, яъне, ҳадафи асосии амалҳои ҷиноятӣ, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ба он баррасӣ ва ҳимоя дода мешавад.

Дар мавриди савдои одамон, мушкилоти муайян кардани объекти бевоситаи ҷиноят на танҳо ба озодӣ, балки ба обрӯ, эътибор ва мутаваҷҷеҳан ба ҳамаи ҳуқуқҳои табиии инсон, ки бо ёрии қонунҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ муҳофизат мешаванд, вобаста аст. Бо такя ба назарияҳои олимони ҳуқуқ, объектҳои бевосита метавонанд як ё чанд унсури ҳуқуқи инсонро дар бар гиранд, ки ҳама барои ҳимояи шахсият ва ҳуқуқи инсон муҳим мебошанд.

«Муайян кардани объекти бевоситаи савдои одамон (озодии шахсӣ, обрӯ ва эътибори инсон) кумак мекунад, ки ҳолатҳои объективии ҷиноят, аз ҷумла танзими мантиқӣ ва ҳуқуқии ҷазоҳо, ишораҳо ва тадбирҳои татбиқшаванда, дурусттар анҷом ёбанд» [71, с 465]. Дар сурати дуруст муайян кардани объекти ҷиноят татбиқи ҷазо ва муайян намудани нишонаҳои вазнинкунандаи ҷиноят, фарқ кардан байни савдои одамон ва дигар ҷиноятҳои марбут, ба таври аниқ ва возеҳ муқаррар хоҳад шуд.

Мавриди таваҷҷуҳ қарор додани назарҳои олимони ҳуқуқшинос дар бораи объекти бевосита хеле муҳим аст. Ба монанди гуфтаи А.Б. Барков, ки ҷиноятӣ савдои одамон, новобаста аз вазъи ҳуқуқии инсон, ба озодии шахсӣ ва обурӯву эътибори инсон таъсир мерасонад.

Дар ҳақиқат, савдои одамон як ҷинояти пурзӯр ва ба таърифи байналмилалӣ, ки таҷовуз ба арзишҳои башарият аст, шиносоии он дар асоси муҳофизат аз озодӣ ва эҳтироми шуури шахсият бояд қарор гирад [71, с 465].

Олимони ҳуқуқшинос дар бораи объекти бевоситаи ҷинояти савдои одамон назарҳои гуногун доранд ва бар асоси тасаввуроти онҳо, ёрии ирода ва озодии интихоб ҳамчун асоси ҳимояи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Аз он ҷо, ки савдои одамон дар асл бо маҷбур кардани инсон барои шиносоӣ ё

истифодаи ғайриқонунии шахсияти ӯ пайванд дорад, озодии ирода ва интихоби инсон як қисми муҳим ва ғайриқобили тағйир аз озодии шахс мебошад. Бар асоси ин назар, ҳар гуна амалҳое, ки инсонро барои шиносоии мақсадҳо ва амалҳои дигар маҷбур мекунанд (масалан, савдои одамон), ба озодии ифодаи иродаи инсон таъсир мерасонад ва ба ҳамин манзур объекти бевоситаи ҷиноят ҳисобида мешавад.

Озодӣ ва ҳуқуқи интихоб ба инсон имконият медиҳад, ки ба таври мустақил ва ё худсарона қарорҳои муҳимми зиндагии худро қабул кунад, ки ин хосияти марказии одамият ва шарти зарурии баробарии ҳуқуқӣ дар ҷомеа аст. Агар шахс натавонад, ки озодона қарорҳо бигирад, ин маънои онро дорад, ки ӯ аз унсурҳои асосии инсонӣ маҳрум аст ва он ҳамчун таҷовуз ба ҳуқуқи табиии инсон дониста мешавад. Ҳамин тариқ, агар ҷинояти савдои одамон ба шахс иҷозат надиҳад, ки иродаи худро озодона баён кунад ва интихоби худро бидиҳад ба маъзарат, шахс ҳатто ҳаққи мустаҳкам кардани мақсади ҳаётии худро на танҳо ба ҷои ҷисмонӣ, балки ба ҳуқуқи маънавӣ ҳамроҳ мешавад. Вай наметавонад озодона интихоб кунад, ки дар куҷо зиндагӣ кунад, чӣ кор кунад ва барои ҳеҷ арзише метавонад амал кунад. Ба ҳар ҳол, шиносоии маънавӣ ва кӯшишҳои сохтани мақсади зиндагӣ як қисми меҳварии шахсият ва озодии иродаи инсон аст. Аз ин рӯ, муаллифони ин гурӯҳ таъкид мекунанд, ки агар савдои одамон аз ҳаққи инсон барои таъмини озодии ирода ва интихоби худ ҷудо карда шавад, ба таври возеҳ муносибат ва дарк ё аслан муносибатҳои инсонӣ ғаразнок ва ҷанҷолнок ба назар мерасанд. «Ин назария дар баробари дигар тафсироти олимон, ки ба озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият ишора мекунанд, барои фаҳмидани ҳуқуқи инсон ва ҳимояи онҳоро дар ҳолатҳои хатарнок муҳим аст. Воқеан, савдои одамон танҳо ҳамчун амалест, ки инсонро аз ҷойгоҳҳои маънавии иҷтимоии худ мекашад, балки ба манзури дарк кардани ин ҷиноят дар равандҳои муқаррарии ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, озодии шахсӣ ва иродаи инсон зарурӣ аст» [71, с. 465].

Ба андешаи В.В. Марчук, объекти бевоситаи савдои одамон, ки як ҷинояти шадид ва хатарнок мебошад, муносибати ҷамъиятӣ аст, «ки озодии шахсии инсон ва ҳифзи ӯро таъмин мекунад. Дар воқеъ, ӯ барои ин назарияи худ ба чанд омил такя мекунад, ки онҳо мазмун ва сохтори асосии ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар ҷомеа муқаррар мекунанд» [154, с. 42]. Яъне озодии шахсии ӯро қатъ мекунанд ва ҳуқуқи интихоб кардан ва қарорҳое ба сифати шахсият қабул карданро аз ӯ мегиранд. Дар назарияи В.В. Марчук, савдои одамон бо тамоми шаклҳои он (маҷбур кардани инсон ба амалҳое, ки ба ивази маблағ ё дигар манфиатҳо ба кор бурда мешаванд) ҷиноят нест, ки танҳо ҷисм ва аъзои одамро маъзарат диҳад, балки ҳуқуқи ба ҳудуди аниматсионӣ ва ҳуқуқи интихоб дар ҳолатҳое, ки инсон маҷбур мешавад ё ба таври ғаразнок истифода мешавад. Объекти бевосита ин ҷо на танҳо беҳбуди муносибатҳои иҷтимоии инсон ва ҷойгоҳи иҷтимоии ӯ мебошад, балки ҳимояи озодии шахс аст, ки восита барои рафъи савдои одамон ва дигар шаклҳои истисмор мебошад. Ба ибораи дигар, «савдои одамон на танҳо зарбаи ҷисмонӣ ва маънавӣ ба инсон мерасонад, балки тавассути маҳрум кардани инсон аз ҳуқуқи барои худ қарорҳое, ки қобили интихоб ва озодона қабул карданианд» [154, с. 42].

Нигоҳи олимони Украина ва Н.И. Ретнева дар мавриди объекти бевоситаи савдои одамон як алоқамандии амиқ ва дар айни замон, тақсимотҳои гуногунро оид ба ин ҷиноят ишора мекунанд. Ба андешаи олимони Украина, объект ва ё мақсади асосии ҷинояти савдои одамон ба эътибори инсон ва ё ахлоқи ҷамъиятӣ дахл дорад. Дар назарияи онҳо, савдои одамон на танҳо ба озодӣ ва ҳуқуқи шахсии инсон таъсир мерасонад, балки инчунин ба нияту ҳадафҳои ахлоқии ҷамъият ва ормонҳои фарҳангии онҳо ҳам зарба мерасонад. Дар ин маврид, савдои одамон як амалест, ки эътибори инсонро паст мекунад, ӯро ба сифати як моводи истисморкунанда табдил медиҳад, ки сари он нигаронӣ нест, ки одамон ҳамчун шахсиятҳо ва ҳуқуқи онҳо эҳтиром гузошта шавад. Н.И. Ретнева дар китоби худ таҳлили амиқ ва хосе медиҳад, ки савдои одамон, бахусус дар мавридҳое, ки инсон барои

истисмори меҳнат ё ҷалби ӯ ба фаъолияти номақбул, ба фурӯш гузошта мешавад, дар навбати аввал ба ҳуқуқҳои инсон ва озодии шахсии ӯ таҷовуз мекунад. Аз нигоҳи Ретнева, агар як инсон барои истифодаи маҷбурӣ ва ё фурӯш ҳамчун «коргари кироя» ба савдо гузошта шавад, то ҳамон фоиданокии моддӣ ва манфиатҳои иқтисодӣ аз меҳнати ӯ муваффақ шавад, пас ин савдо бо таъсири манфӣ ба ахлоқи ҷамъиятӣ муқоиса намешавад, балки дар асл зарар ба ҳуқуқи инсон аст. Ба таъбири муаллиф, дар савдои одамон ахлоқи ҷамъиятӣ метавонад дар шакли низоми муқарраротӣ иҷтимоии худ таъсир дошта бошад, аммо дар мизони зарб барои ҷиноят бояд камтар назар ба дигар унсурҳои таҷовуз – он чизе, ки ҳуқуқи инсон ва шахсиятро нақз мекунад, муҳим бошад. Баъд аз ҳама, паст кардани эътибори инсонӣ дар сатҳи ҷамъиятӣ метавонад як таҳдид ва амали зиёнкор бошад, аммо ба заминаи ҳуқуқи шахсӣ ва эҳтироми шахсият камтар замина гузорад [113, с. 35].

«Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ вобаста ба объекти ин ҷиноятҳо ақидаҳои гуногун оварда шудаанд, гуруҳи зиёди олимон бар он ақидаанд, ки объекти бевоситаи савдои одамонро бояд озодии шахсии инсон» [113, с, 35; 76, с. 302; 60, с. 430], «озодии шахсият» [108, с. 58; 181, с. 150], «озодии шахсӣ» [181, с. 150], «озодии инсон» [73, с. 323], озодии шахсии ҷабрдида [117, с. 41] донист.

Дар заминаи фалсафии озодӣ, мафҳуми озодӣ дар назарияи ҳуқуқӣ ва фалсафӣ ба унвони муҳимтарин ва мураккабтарин арзишҳо ва ҳуқуқҳои инсон шиносоии амиқ пайдо мекунад. Ба таври умум, озодӣ – ин омилест, ки инсонро аз маҷбуриятҳои берунӣ озод мегардонад ва ба ӯ имкон медиҳад, ки дар доираи қонун ва моҳияти ахлоқӣ тарзи зиндагии хешро интихоб кунад. Дар назарияи ҳуқуқӣ, озодӣ ба маъзарат ва ягонагии ҳаққона барои интихоби як намуди зиндагӣ ва рафтор ишора мекунад. Дар назарияи фалсафии ҳуқуқӣ, озодӣ ҳамеша бо мухторият робитаи амиқ дорад. Озодӣ, бинобар табиати худ, нест кардан ё маҳдуд кардани ҳаёт ва фаъолияти инсон дар як миқёси муътадил ва мувофиқ бо эҳтироми ҳуқуқҳои дигар аст. Яъне, таърифи ҳуқуқӣ ва назариявии озодӣ дар назарияҳои фалсафӣ асосан ба омилҳои маҳдудсозии

чунин озодӣ таваҷҷуҳ мекунад, ки дар шароити мавҷудияти ҷомеа ва давлат сохта мешавад. Масалан, ҳеҷ кас наметавонад беихтиёрона ва бо таҳдид ба ҳуқуқи дигарон амал кунад. Ин маҳдудиятҳо, ки аз ҷониби қонун дар муҳити ҳуқуқӣ муҳайё карда мешаванд, барои таъмини гармония ва адолат дар байни шаҳрвандон ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои дигар ба миён меоянд. Озодӣ ҳамчун дастрасии мустақил ба қарорҳое, ки дар ҷомеа бо ҳукм ва имкониятҳо марбутанд, нишонаи муҳимтарин аст. Ин ба инсон ҳақ медиҳад, ки интихоб намояд, ки бо чӣ роҳу методҳо, бо кадом шакл ва кайфияти мавҷудияти худ зиндагӣ кунад. Аз нуқтаи назарии ҳуқуқӣ ва фалсафӣ, шоҳиди ягона тарзи фаъоли зиндагӣ ва ё интихоби шахсии инсон дар доираи рамзи ахлоқӣ ва қонунӣ мебошад. Дар як муҳити давлатӣ ва ҷамъиятии муайян, озодӣ ҳеҷ вақт ошкоро ё номаҳдуд вуҷуд надорад. Чунончи, ҳамон тавре ки Жан-Жак Руссо дар асари худ «Шартномаи иҷтимоӣ» (Social Contract) таъриф мекунад, озодӣ дар ҷомеа бо аҳд ва принсипи таҳаввули қонунҳо ва мудирияти зиндагии ҷамъиятӣ робита дорад. Дар назарияи ҳуқуқӣ, барои беҳтар дарк кардани озодӣ ва мавқеи онро дар ҳар инсон, ҳуқуқи интихоб, ҳуқуқи беихтиёрӣ ва ҳатто ҳуқуқи яктарафаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти ҷудогона хоҳанд дошт [61, с. 92].

Иловатан бояд зикр кард, ки ақидаҳои болозикр дар адабиётҳои дигари ҳуқуқи низ мавриди корбари қарор дода шудааст. Масалан ба ақидаи В.В. Марчук озодии шахсӣ як шакли муайянеро дар бар мегирад, ки ба истисноӣ озодии ҷисмонӣ дар он озод будан аз таъсиррасонии руҳи дохил мешавад. Н.И. Ретнева таъкид менамояд, ки таърифи пешниҳодшуда дар сатҳи назариявӣ ба мафҳуми озодии шахсият хеле наздик аст, зеро дар адабиёти илмӣ фарқияти равшани мафҳумӣ байни истилоҳҳои «озодии шахсият» ва «озодии инсон» ба таври дақиқ муайян нашудааст.Ба андешаи умумӣ, озодии шахсӣ – ин асосан қобилияти инсон барои амал кардан ва интихоби рафтори хеш дар доираи муқаррароти қонунӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аст. Озодӣ дар зери мафҳуми шахсӣ ин аст, ки инсон имконияти амал кардан, интихоб кардани роҳи зиндагӣ, таъриф кардан ва амал кардани қарорҳои хешро ба таври

мустақил дорад. Шахс на танҳо ҷисман, балки равонӣ ва эмотсионалӣ низ бояд барои қабул кардани қарорҳо ва амалҳо дар муҳити худ озод бошад. Савдои одамон ба ин хосияти шахсият ва озодӣ хатар меорад, чунки шахс дигар наметавонад иродаи хешро ба таври мустақилона ва бе таҳдид амал кунад. Озодии шахсӣ як ҷузъи асосии ҳуқуқи табиии инсон мебошад, ки яъне ҳуқуқи инсон барои эҳтиром ва муҳофизат аз таҳқир ва таҷовуз ба ҷисм ва зиндагии худ. Ҳимояи озодӣ дар назарияи ҳуқуқӣ ва фалсафӣ маънои онро дорад, ки инсон ҳуқуқи табиӣ ва доимӣ дорад, ки аз тарафи давлат ва ҷомеа муҳофизат шавад. Чунин ҳуқуқҳоро аз рӯзи таваллуд то охири умр таъмин кардан лозим аст. Савдои одамон як шакли таҷовуз ба озодии шахсӣ мебошад, ки тавассути маҷбурсозӣ, фиреб, таҳқир ё ҳар гуна шаклҳои манипулятсия одамонро маҷбур месозад, ки аз тарзи зиндагии озод ва мустақил ба тарзи ҳаёти амалҳои ҷисмонӣ ё иқтисодӣ, ки дигар намебошад, маҷбур шаванд. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми савдои одамон, инсон наметавонад дар заминаи манфиатҳои худ амал кунад, зеро ӯ маҷбур ва мавриди истифода қарор мегирад.

«Ба сифати объекти бевоситаи иловагии ҷиноятӣ савдои одамон мумкин аст ҳаёт ва саломатӣ (б «е», «ж» қ.2, б «а», «б» қ.3 м. 130[1] КҶ ҶТ), озодӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғ, инкишофи муътадил ва тарбия намудани ӯ (б «б» қ.2 130[1] КҶ ҶТ), тартиби муқарраршудаи истифода намудани уҳдадориҳои худ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ё кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ (б «в» қ.2 130[1] КҶ ҶТ), тартиби муқарраршудаи муносибат бо ҳуҷҷатҳои расмӣ (б «д» қ.2 130[1] КҶ ҶТ) ё тартиби муқарраршудаи гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (б «г» қ.2 130[1] КҶ ҶТ) баромад карда метавонанд» [2].

И.С. Алихаджиева бар он ақида аст, ки дар раванди савдои одамон иштироки ҷабрдида ҳамчун яке аз тарафҳои созиш ғайриимкон мебошад. Баръакс, ҷабрдида дар чунин созиш на ҳамчун субъект, балки ҳамчун предмет (мол) баромад мекунад, яъне ирода ва хоҳиши ӯ ба эътибор гирифта намешавад [136, с. 31].

Ю.Е.Пудовочкин қайд мекунад, ки худи факти созиш нисбат ба инсон аз он шаҳодат медиҳад, ки бо ӯ ҳамчун предмети беҷон муносибат карда истодаанд ва ӯ наметавонад (ё ҳуқуқ надорад) иродаи худро изҳор намояд [164, с. 25].

Н.Н. Козлова имконияти инсон ҳамчун предмети созиш буданро инкор мекунад. Агар чунин бошад, пас ин ҳолат ба замонҳое оварда мерасонад, ки инсон-ғулом ҳамчун ашё эътироф шуда буд ва онро хариду фурӯш ё туҳфа намудан мумкин буд [184, с. 99].

М.С. Раҳимов арз мекунад, ки инсонро набояд бо ашё монанд кард ва ӯро ҳамчун предмети ҷиноят ном гирифт [165, с. 12].

Дар баробари андешаи М.С. Раҳимов мавқеи А.Ю. Чупрова ва А.А. Глуховаро бояд дастгирӣ намуд, зеро онҳо чунин мешуморанд:

•ба ашё (мол) монанд будан ва ҳамчун ашё эътироф шудан ин мафҳумҳои якхела нестанд ва як маъноро дар назар надоранд.

•инсон (шахсият)-ро ба предмети ҷиноят монанд кардан мухолифи меъёрҳои ҷамъиятӣ мебошад;

•эътироф намудани инсон ҳамчун предмети ҷиноят масъалаи муайян намудани мақоми ҳуқуқии ӯро пеш меорад ва дар натиҷа суоле ба миён меояд, ки оё инсон метавонад, ҳамчун ҷабрдида дар ин парвандаи ҷиноятӣ баромад кунад [131, с. 45-46].

Бинобар ин, маҷмуи ҳолатҳои дар боло зикршуда ба мо имконият намедиҳад, ки инсонро ҳамчун предмети ҷиноят пешбини намудаи моддаи 130/1 КҶ ҶТ эътироф намоем. Ҷабрдидаи савдои одамон шахсе дониста мешавад, ки ӯ аз савдои одамон сарфи назар аз он ки розигиаш барои ҷалб кардан, интиқол, супоридан, пинҳон кардан, гирифтан, ки бо савдои одамон алоқаманд мебошад, гирифта шуда буд ё не, зарар дидааст.

Моддаи 130/1 КҶ ҶТ ба таври дақиқ ва бо вожаи «алтернативӣ» амалҳои гуногуни ҷиноятиро муайян мекунад. Ҳар яке аз амалҳое, ки зикр гардидаанд, нақши муҳим дар тавсифи ҷиноят ва таҳаввулоти он доранд.

Хариду фурӯши одам ба таври дуруст, хариду фурӯши одам ба маънои гузаронидани муомила бо инсон ҳамчун мавод ё ашё, бе ё бо розигии ӯ мебошад. Ҳатто агар инсон кӯшиш накунад ё иҷозат надиҳад, ки ӯро ба дигар одамон барои манфиатҳои иқтисодӣ ё ҷисмонӣ фурӯхта шавад, ин ҳам як шакли харид ва фурӯши одамон маҳсуб мешавад. Ҷинояти хариду фурӯш, одатан, бо ҷасорати хеле зиёд ва бо ёрии хиёнат ва фиреби қавӣ сурат мегирад.

«Дигар аҳдҳо нисбат ба одам» истилоҳест, ки метавонад манзури дарк кардани дигар шаклҳои хатарноки савдои одамон бошад, ки ба ӯ зарурӣ нест. Масалан, ба амал омадан ё иҷро кардани як шартнома ё қарор, ки бинобар он, як инсон аз ҳуқуқ ва озодӣ маҳрум мешавад. Ин амалҳо метавонанд бо мақсадҳои тиҷорӣ ё дигар манфиатҳо иҷро шаванд, ки дар натиҷа инсон ҳамчун маводи аскарӣ, истихроҷ ё дигар шеваҳои истисмори қувваи корӣ истифода мешавад.

Ҷалб кардани одамон ба савдои одамон маънои истифодаи воситаҳои гуногуни таъсир, манипулятсия ё таҳдидро дорад, ки инсонро бо роҳи фиреб ё қарзи муҳим ба муҳити савдо водор мекунад. Барои намуна, одамон метавонанд барои кор ё тартиби зиндагӣ ба шеваи фиреб ва ё бо ваъдаҳои нофаҳм омода шаванд, ки дар асл танҳо роҳе барои савдои онҳо мебошад.

Интиқол – ин амал маънои интиқоли одамонро барои мақсадҳои шахсӣ ё тиҷоратӣ дар бар мегирад, ки асосан ба савдои одамон рабт дорад. Интиқол ба шаклҳои гуногуни савдои одамон, ба мисли бурдани одамон ба минтақаҳои дигар ё кишварҳои дигар ва ғалат фаҳмидани онҳо ё маҷбур кардани онҳо ба кору фаъолиятҳое, ки манфиаташон ба дигарон мерасад, кумак мекунад.

Супоридан ин маънои супоридани одам барои ҳадафҳои муайян, ба назар расидани ӯ ҳамчун мол ё ашё мебошад. Манзур дар ин ҷо истилоҳот ва амалҳое мебошад, ки дар ниҳоят ба фурӯш ва савдои одамон ҷалб мекунанд.

Пинҳон кардан дар ҳолати савдои одамон маънои муҳофизат кардани одамон аз нигоҳдорӣ ва таҳқир ё сахт кардани шароити кор дар ҷои

мушаххас аст. Ин амал метавонад марбут ба махфӣ кардан ё нигоҳ доштани одамон дар шароити маъмулии барои истисмор қароргиранда бошад.

Ташкили ҳолатҳои ҷисмонӣ ё мафҳуме, ки бо роҳи гирифтан ё дар ҳолатҳои эҳсосӣ фаъол кардани одамон тавассути таҳдид ва фишор дар бар мегирад. Ҳамчунин, одамон бо истифода аз заминаҳои хориҷӣ ё дохилӣ «гирифтан» ва ҷалб кардани онҳо ба манфиатҳои муайянро мушкил меоранд.

Ҳамин тавр, «тарафи объективии ҷинояти савдои одамон на танҳо як амал ё тарзи содир намудани ҷиноят аст, балки як маҷмуи амалҳо ва унсурҳои гуногунро ташкил медиҳад, ки манзури хариду фурӯш, ҷалб, интиқол, супоридан, пинҳон кардан ва гирифтан мебошанд» [2]. Ба ин тартиб, қонунгузор аз ҳар як амал ва унсур чунин маълумотро пешниҳод менамояд, ки ё якҷоя ё пояи алтернативии амалҳои савдои одамонро ҳамчун як ҷиноят намоён мекунад.

Ҷиноятҳои савдои одамон аз 2 қисмат иборат аст: ҳаракат ва мақсад.

I. Ҳаракат: хариду фурӯши одам, дигар аҳдҳо нисбат ба одам, ҷалб, интиқол, супоридан, пинҳон намудан, гирифтан;

II. Мақсад: истисмори одам.

Қисмати аввали он ба тарафи объективӣ, мақсад бошад ба тарафи субъективӣ тааллуқ доранд.

Ҳаракат ҷанбаи зоҳирии рафтори инсон мебошад. Ҳаракати ҷиноятиро қонунгузор метавонад чун маҷмуи ҳаракатҳо, яъне намуди фаъолият баён намояд [88, с. 22-24, 38-40].

Ҳамин тариқ, «тарафи объективии ҷинояти савдои одамон дар худ чунин ҳаракатҳоро инъикос менамояд: 1) хариду фурӯши одам; 2) дигар аҳдҳо нисбат ба одам; 3) ҷалбкунии одам» [2]; 4) интиқоли одам; 5) супоридани одам; 6) пинҳон кардани одам; 7) гирифтани одам.

Ба сифати субъекти ҷинояти мазкур ҳам шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва ҳам шахсони бешаҳрвандӣ баромад карда метавонанд.

«Дар моддаи 130/1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки савдои одамонро ҳамчун ҷиноят пешбинӣ мекунад, қонунгузор ба таври махсус барои ҳолатҳои муайян дар қисми 2 б. «в» дахл кардааст» [2], ки дар он субъекти махсуси ҷиноят муайян карда мешавад. Ин субъекти махсус шахсе мебошад, ки бо истифода аз мақоми хизматии худ ҷиноят содир мекунад.

Субъекти махсуси ҷиноят бо маънои вижагиҳои мансабии шахс ё хусусияти амалҳои ӯ, ки бо мақоми хизматӣ ва ваколатҳои мансабии он шахс вобаста мебошад, муайян мешавад. Вақте ки қонунгузор дар бораи субъекти махсус сухан мегӯяд, «мавриди назар он одамоне мебошанд, ки дар ҳолати мақоми хизматӣ қарор доранд, яъне мансабдор ё шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро иҷро мекунанд, вале онҳо махсусан дар ҳоле амал мекунанд, ки мансаби худ имкон медиҳад, ки аз ваколатҳо ва имкониятҳое, ки барои онҳо ба таври хос таҳия шудааст, истифода баранд» [2].

Истифодаи воситаҳои нақлиёт ва ҷойгоҳҳои хизматӣ шахс метавонад дар олуда кардани одамон барои савдои одамон ба воситаҳои нақлиётӣ давлатӣ ё ҷойҳои хидматӣ (масалан, барои интиқол ё пинҳон кардани қурбониёни савдо) истифода кунад. Ба ҳамин тариқ, ҳолати беҳаракатӣ ё накардани амал дар иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ низ метавонад дар шомил шудани субьекти махсус ба ҷиноят мусоидат кунад. Ба ибораи дигар, агар шахс, ки мансабдор аст ва вазифаҳои хидматии худро иҷро намекунад ё қасдан уҳдадориҳои худро иҷро намекунад, ки барои пешгирии савдои одамон муҳим ҳастанд, ин ҳам метавонад ҳамчун ҷиноятӣ савдои одамон ба ҳисоб равад.

Масалан, агар як корманди мақомоти марзбонӣ ё гумрук тасаввур кунад, ки шахсони муайян интиқоли ғайриқонунии одамонро ба дигар кишварҳо анҷом медиҳанд, аммо ба назар нагирад ва кори худро дуруст иҷро накунад, ин метавонад ҳамчун сабаби ҷиноятe, ки бо мақоми хизматии ӯ мусоидат кардааст, шомил шавад, он ҳамчун истифодаи мақоми хизматӣ барои содир кардани ҷиноят эътироф мешавад.

Ба қавле, субъекти махсуси ҷиноят дар моддаи 130/1-и КҶ ҶТ шахсони мансабдор ё нафароне ҳастанд, ки бо истифода аз мақоми хизматии худ амалҳои савдои одамонро содир мекунанд. Ин истифода метавонад дар ду шакл бошад: ё ҳамчун амалҳои фаъол барои мусоидат дар ҷиноят, ё беаҳамиятӣ ё нодида гирифтани уҳдадориҳои хизматӣ барои пешгирии ин ҷиноят. Вақте ки шахс мансабдор аст, ӯ метавонад ҳамчун субъекти махсуси ҷинояти баррасӣ шавад, агар дар савдои одамон даст дошта бошад.

Тарафи субъективии савдои одамон мазмуни мураккаб дошта дар шакли қасди бевосита амалӣ мешавад. Ангеза ва мақсад барои ҳаракатҳои мазкур аломати ҳатмӣ ба ҳисоб нарафта, мумкин аст аз ҷониби суд дар рафти фардикунонии ҷазо ба эътибор гирифта шаванд.

Навгонии ҷиддӣ дар КҶ ҶТ соли 1998 ҷудо кардани боби махсусе буд, ки номгӯи ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғонро муқаррар кард. «Албатта, стандарти байналмилалӣ зарурати ҳифзи оила ва кӯдаконро таъкид карда, «ячейкаи воқеӣ ва асосии ҷомеа» будани оиларо зикр мекунад (моддаи 10 Санади байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ)» [2]. Аммо ҳуқуқҳои махсуси кӯдак ба шакли нисбатан дақиқ тавассути Аҳднома дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 танзим мешавад, аз ин рӯ, меъёрҳои дахлдори КҶ ҶТ асосан хусусияти конвенсионӣ доранд.

Проблемаи дигаре, ки мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дорад, савдои кӯдакон мебошад. Дар моддаи 2 Протоколи ихтиёрӣ «савдои кӯдакон» [206] чун ҳама гуна амал ё муомилае таъриф дода мешавад, ки тавассути он кӯдак аз ҷониби дилхоҳ шахс ба шахси дигар ё аз ҷониби гурӯҳи ашхос ба гурӯҳе шахсон дар ивази мукофот ё дилхоҳ подоши дигар супорида мешавад. Ин таъриф аз таърифи «савдои одамон», ки дар Протокол дар бораи пешгирӣ ва бартарафсозӣ барои савдои одамон, махсусан занон, кӯдакон ва муҷозот барои он аз соли 2000, ки Аҳдномаи СММ алайҳи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллиро аз соли 2000 такмил мекунад, зикр шудааст, фарқ дорад. Тавре қаблан гуфта шуд, дар Протокол дар бораи пешгирӣ ва бартарафсозӣ барои

савдои одамон, махсусан занон ва кӯдакон ва муҷозот барои он «зери мафҳуми «савдои одамон» ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ба даст овардани одамон бо роҳи таҳдиди зӯрӣ ё истифодаи он дар шаклҳои дигари маҷбуркунӣ, рабудан, қаллобӣ, фиреб, сӯистифода аз ҳокимият ё осебпазирии вазъият ё тавассути харидан дар намуди пардохт ё фоида, барои дарёфти розигии шахсе, ки шахси дигарро назорат мекунад, фаҳмида мешавад, ки бо мақсади истисмор сурат мегирад». Мутобиқи ҳамин санад ҳуқуқи кӯдак махсусан ҳифз мешавад, зеро ҷалб, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ё ба даст овардани кӯдак бо мақсадҳои истисмор ҳатто дар сурате, ки он бо истифодаи воситаҳои таъсиррасоне, ки мавҷуд будани онҳо барои савдои кӯдакон эътироф шудани кирдорҳо ҳатмист, рабт надошта бошанд ҳам, он «савдои одамон» маҳсуб мешавад. Аммо ҳама амалҳои дар боло зикршуда танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳадафи махсус – истисмори ҷабрдида, ки дар бораи он дар Протоколи ихтиёрии соли 2000 ба Аҳднома дар бораи ҳуқуқи кӯдак зимни таърифи «савдои кӯдакон» сухан гуфта нашудааст. Ҳамчунин, дар моддаи 3 Протоколи ихтиёрӣ уҳдадории давлатҳои иштирокчӣ дар мавриди ҷиноят эътироф кардани кирдорҳои зерин новобаста ба он ки дар сатҳи миллӣ ё фаромиллӣ, фардӣ ё муташаккил содир шудаанд, пешбинӣ шудааст: ба мазмуни «савдои кӯдакон» – пешниҳод, додан ё гирифтани кӯдак ба ҳар восита бо мақсади истисмори ҷинсии кӯдак, додани узвҳои бадани ӯ дар ивази мукофот, истифодаи кӯдак дар корҳои маҷбурӣ.

Мафҳуми «савдои кӯдакон», ки дар Протоколи ихтиёрӣ зикр шудааст, ҳолатҳои бе подоши дахлдор барои «моли зинда» (масалан чун ҳадя) додани кӯдакро пешбинӣ фаро намегирад. Пас, қонунгузории дохилии ҷиноятии давлатҳои иштирокчӣ бояд норасоиҳои муқаррароти санадҳои байналмилалиро барои танзими комилтари масъалаҳои ҷавобгарӣ барои чунин кирдорҳои ҷиноятӣ ба назар гиранд. Ин суол дар навбати худ аз масъалаи боз ҳам умумитар – таъсири мутақобили ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ маншаъ мегирад.

«Дар илми ҳуқуқшиносӣ ду самти асосӣ ё принсипи таносуби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ муаррифӣ шудааст: монистӣ (ягонагароӣ) ва дуалистӣ (дугонагароӣ). Самти монистӣ дар навбати худ назарияи бартарии ҳуқуқи байналмилалӣ ва назарияи бартарии ҳуқуқи миллиро фаро мегирад» [118, с. 349].

Назарияи бартарии ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар заминаи андешаҳои Гегел шакл гирифтааст, ки гуфта буд: «равобити мутақобил миёни давлатҳо моҳияти муносибат миёни иштирокчиёни мустақили шартнома аст» [118, с. 349]. «Он дар таҳкими бартарии ҳуқуқи дохилидавлатӣ бар байналмилалӣ ифода меёбад, ки ба мавҷудияти тамомияти ҳудудӣ ва соҳибихтиёрӣ ва мутаносибан мақоми субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ доштани давлат», ки тавони шаклдиҳӣ ва тағйир додани чӣ ҳуқуқи дохилӣ ва чӣ байналмилалиро дорад, асоснок карда мешавад [80, с. 273-274; 95, с. 10; 99, с. 78].

Масалан, моддаи 33 Аҳдномаи мазкур муқаррар кардааст, ки давлатҳои иштирокчӣ ҳама тадбирҳои лозим, аз ҷумла қонунгузорӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ, инчунин тадбирҳоро дар бахши маориф барои ҳифзи кӯдакон аз истеъмоли ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ он тавре, ки дар созишномаҳои дахлдори байналмилалӣ таъриф дода шудаанд, роҳандозӣ кунанд ва иҷозат надиҳанд, ки кӯдакон дар истеҳсоли ғайриқонунии чунин моддаҳо ва савдои онҳо истифода шаванд. Дар навбати худ моддаи  155 КҶ ҶТ барои ҷалби ноболиғон ба истеъмоли мунтазами нӯшокиҳои спиртӣ, истеъмоли мунтазами моддаҳои сахттаъсир ғайритиббӣ ё дигар маводи сархушкунанда ҷавобгарӣ муқаррар кардааст. Дар моддаи 34 Аҳднома гуфта мешавад, ки давлатҳои иштирокчӣ вазифадор мешаванд кӯдакро аз ҳама гуна истисмори ҷинсӣ ва гумроҳсозии ҷинсӣ ҳифз кунанд. Дар ин асно аз тарафи давлатҳои уҳдадор чораҳои зарурӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар давлатҳо ва ё мустақиман меандешад:

А) моил ё маҷбур кардани кӯдак ба ҳама гуна фаъолияти ҷинсии ғайриқонунӣ;

Б) бо мақсади истисмор истифода кардани кӯдакон ба танфурӯшӣ ё дигар таҷрибаҳои ҷинсии ғайриқонунӣ;

В) бо мақсади истисмор истифода кардани кӯдакон дар порнография ва маводи порнографӣ.

Мутобиқи моддаи 35 Аҳднома давлатҳои иштирокчӣ вазифадоранд дар сатҳи миллӣ, дуҷониба ва бисёрҷониба барои пешгирии рабудани кӯдакон, хариду фурӯш ё қочоқи онҳо бо ҳама гуна мақсадҳо ва дар ҳама гуна шаклҳо тамоми тадбирҳои лозимро амалӣ намоянд. Барои татбиқи ин меъёри Аҳднома ба Кодекси ҷиноятӣ нахустин бор меъёр дар бораи ҷавобгарӣ барои савдои ноболиғон новобаста ба восита ва шаклҳои маҷбуркунӣ ворид карда шуд (моддаи 167).

Таҷриба нишон медиҳад, ки савдои ноболиғон асосан ба истисмори ҷинсии онҳо алоқаманд аст [161, с. 113-116]. Қатъиян манъ шудани ҳама гуна амалҳои ҷинсӣ нисбат ба кӯдакон тавассути меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчунин дар моддаҳои 138-139, 141 ва 142 КҶ ҶТ ворид шуда, дар онҳо барои содир кардани алоқаи ҷинсӣ ё дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ нисбат ба шахсе, ки ба синни 16 нарасидааст ва барои амалҳои шаҳвонӣ нисбат ба шахсе, ки ошкоро ба синни 16 нарасидааст, ҷавобгарии дахлдори ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Ба ғайр аз ин, моддаи 35 Аҳднома дар бораи ҳуқуқи кӯдак ҷавобгариро барои як қатор ҷиноятҳо ба муқобили озодии шахсӣ, агар онҳо нисбат ба ноболиғон содир шуда бошанд, масалан ҳангоми ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ (банди «д», қисми 2, м. 131 КҶ ҶТ), ҷалби одамон барои истисмор, гаравгонгирӣ (банди «д» қисми 2, м. 181 КҶ ҶТ) ҷавобгариро пурзӯр кардааст.

Ба моддаи 37 Аҳднома бевосита диспозитсияи моддаи 174 КҶ ҶТ мувофиқат дорад, ки иҷро нашудани уҳдадориҳои марбут ба тарбияи ноболиғро ҳамчун «муносибати бераҳмона» бо чунин шахс тавсиф мекунад. Аммо дар матни меъёри баррасишаванда ба манъ будани муносибати пасткунандаи шаъну шарафи ноболиғ ишорае нашудааст, ҳарчанд чунин

мазмун доштани диспозитсияи моддаи 147 КҶ ҶТ ба талаботи Аҳдномаи мазкур дар ҳадди аксар ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти ин ба КҶ ҶТ аз 2.01.2019 № 1554 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки дар ин замина номи моддаи 167. «Савдои кӯдакон» гузошта шуд. Ҳамин тариқ, муқаррароти КҶ ҶТ дар бораи ҳифзи оила ва ноболиғон бо ин, ки дар маҷмуъ ба стандарти байналмилалӣ мувофиқат дорад, на ҳама вақт муқаррароти Аҳдномаро дар бораи ҳуқуқи кӯдак айнан дарҷ кардааст. Чунин номутобиқӣ метавонад тавассути ворид кардани меъёрҳои Аҳдномаи зикршуда ба қонунҳои дохилӣ бартараф карда шавад.

Санадҳои байналмилалӣ, ба монанди Санади ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва Протоколи Созмони Милали Муттаҳид, ки ба пешгирии савдои одамон ва истисмори кӯдакон ва занон бахшида шудаанд, ба масъалаи ҳифзи кӯдакон ва оила ҳамчун арзишҳои асосии ҷомеа аҳаммияти бештар медиҳанд.

Ҳарчанд ки қонунгузории Тоҷикистон дар маҷмуъ бо меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад, баъзе номувофиқатҳо дар татбиқи баъзе муқаррароти байналмилалӣ дар қонунҳои дохилӣ вуҷуд доранд. Масалан, муайян кардани шаклҳои истисмори кӯдакон ё таърифҳои дақиқи «истисмор» ва «савдои кӯдак» бояд бо дақиқии бештар ворид карда шаванд. Барои бартараф кардани чунин норасоиҳо, бояд тағйирот ва иловаҳо ба қонунҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шаванд.

Қонунгузории Тоҷикистон дар мавриди ҳифзи хуқуқи оила ва кӯдакон, махсусан дар муқобили савдои кӯдакон ва истисмори онҳо, бо меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад. Барои беҳтар кардани қонунгузории ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ кардани он бо меъёрҳои байналмилалӣ, зарур аст, ки моддаи 167 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи савдои кӯдакон ва истисмори онҳо бо ворид намудани тағйирот ва иловаҳо таҳким ёбад.

# БОБИ 3. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ КОНВЕНСИОНӢ, КИ БА АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ, САЛОМАТИИ АҲОЛӢ ВА ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ТАҶОВУЗ МЕОРАНД

## 3.1. Мафҳум, намудҳо ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бар зидди амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бар зидди амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ ҷиноятҳое мебошанд, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷуҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, барои ҷамъият хавфноканд ва ба вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ, бехатарӣ ва саломатии аҳолӣ равона шудаанд. Онҳо аксар вақт ба уҳдадориҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон тибқи шартномаҳои байналмилалии тасвибшуда ба зимма гирифтааст, алоқаманд мебошанд. Фасли VIII Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ бахшида шудааст. Ин ҷиноятҳо, маъмулан аз ҳудуди миллӣ (давлат) берун рафта, ба арзишҳои бунёдии ҷомеаи мутамаддин сӯиқасд мекунанд, қувваи бузурги харобиовар доранд ва ба ҳамин сабаб, асосан хусусияти конвенсионӣ доранд. Сарчашмаҳои танзими ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ шартномаҳо ва созишномаҳои гуногуни байналмилалӣ мебошанд [119, с. 12].

Дар байни ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки дар фасли VIII Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудаанд, терроризм ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд (моддаҳои 179-180) мақоми хос доранд. Ва ин тасодуфӣ нест.

Маҷмаъи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо изҳори нигаронии амиқ аз содир шудани амалҳои террористии бар пояи таҳаммулнопазирӣ ё ифротгароӣ дар бисёре аз минтақаҳои ҷаҳон 9 декабри соли 1994 Эъломия оид ба чораҳои аз байн бурдани терроризми байналмилалиро қабул кард [62, с. 90-94]. Тибқи Эъломия, давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид вазифадоранд, ки барои мубориза бо терроризм тамоми тадбирҳои лозимро амалӣ намоянд [101, с. 133]. 9 декабри соли 1994 Ассамблеяи Генералии

Созмони Милали Муттаҳид (СММ) Эъломияи оид ба чораҳои аз байн бурдани терроризми байналмилалиро қабул кард. Эъломия як изҳороти сиёсии байналмилалӣ аст, ки мақсад аз он мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва ҳифзи сулҳ ва амнияти ҷаҳонӣ мебошад.

Терроризм як таҳдид ба амнияти миллӣ ва байналмилалӣ маҳсуб мешавад ва ба ҳолатҳое, ки ҳуқуқи инсон ва арзишҳои инсониятро зери хатар мегузоранд, ишора мекунад.

Дар Эъломияи Созмони Милали Муттаҳид, ки 9 декабри соли 1994 қабул шуд, мафҳуми «терроризм» бевосита таъриф нашудааст, аммо дар он таъкид мешавад, ки амалҳои террористӣ як таҳдид ба сулҳ, амният ва устувории ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошанд. Терроризм дар ин эъломия ҳамчун амалҳои нақзи ҳуқуқи инсон, хусусан тарсонидани омма, истифодаи хушунат барои таҳти фишор қарор додани кишварҳо ё гурӯҳҳои сиёсӣ ва барои ба даст овардани манфиатҳои сиёсӣ, динӣ ё иқтисодӣ, маърифати ҷиноятнорона ва ғайриқонунии байнизамонӣ дониста мешавад [47]. Дар умум, таъриф ва тавсифи терроризм дар ин Эъломия на танҳо ба як тасвири дақиқи амалҳои террористӣ, балки бештар ба он равона аст, ки ин амалҳо боиси вайроншавии оромии ҷаҳонӣ ва зарар ба арзишҳои инсонӣ ва ҳуқуқи фундаменталии инсон мешаванд.

Чораҳое, ки дар Эъломия гуфта шудаанд, ба муқобила бо амалҳои террористӣ ва тасвиби қонунҳои муқаррарии байналмилалӣ барои коҳиш додани хатарҳои терроризм дахл доранд. Инчунин, таъкид мешавад, ки ҳама кишварҳо бояд ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба дар мубориза бо терроризмро қувват бахшанд.

Заминаи ҳуқуқии мубориза бо терроризми байналмилалӣ инҳо мебошанд: Конвенсия дар бораи ҷиноятҳо ва баъзе «амалҳои дигаре, ки дар ҳавопаймоҳо содир мешаванд (1963)» [7]; «Конвенсия оид ба мубориза бар зидди ғасби ғайриқонунии ҳавопаймоҳо (1970)» [12]; «Конвенсия оид ба мубориза бар зидди амалҳои ғайриқонунӣ бар зидди бехатарии авиатсияи граждани (1971)» [11]; Конвенсия оид ба пешгирӣ ва ҷазо додани ҷиноятҳо ба

муқобили шахсони тахти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта, аз ҷумла намояндаҳои дипломатӣ, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо гаравгонгирӣ (1979) [13]; Конвенсия оид ба ҳифзи физикии маводи ҳастаӣ (1980) [14]; Протокол оид ба мубориза бар зидди амалҳои ғайриқонунии зӯроварӣ дар фурӯдгоҳҳое, ки барои авиатсияи байналмилалии гражданӣ хизмат мерасонанд, комилкунандаи Конвенсия оид ба мубориза бар зидди амалҳои ғайриқонунӣ ба муқобили бехатарии авиатсияи гражданӣ (1980) [41]; Конвенсия оид ба мубориза ба муқобили амалҳои ғайриқонунии бар зидди бехатарии киштиронии баҳрӣ равонашуда (1988) [10]; Протокол оид ба мубориза алайҳи амалҳои ғайриқонунии ба муқобили бехатарии истгоҳҳои собити дар тунукобҳои хушкӣ (шелф) воқеъбуда равонашуда (1988) [40], Конвенсия оид ба аломатгузории маводи таркандаи пластикӣ бо мақсади ошкорсозии онҳо (1991) [8] ва Конвенсия оид ба мубориза алайҳи маблағгузории терроризм (1991) ва ғайра.

«Ин санадҳои ҳуқуқӣ дар маҷмуъ заминаи асосии муборизаи ҷаҳониро алайҳи терроризм ва содир кардани амалҳои террористӣ дар соҳаҳои гуногун эҷод мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҳар як кишвар муваззаф аст, ки ба иҷрои он ба таври комил ва муассир иқдом намояд, то амният ва сулҳи байналмилалиро таъмин кунад»[8; 9].

Маҷмаъи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар қатъномаи худ, № 51/210, аз 17 декабри соли 1996, «Тадбирҳо барои аз байн бурдани терроризми байналмилалӣ» бори дигар аз давлатҳо даъват кард, ки «барои пешгирии терроризм ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм дар оянда чораҳои лозимро амалӣ намоянд» [119, с. 12].

Дар сатҳи Аврупо муборизаи байналмилалӣ бар зидди ин ҷиноятҳои хавфнок дар асоси Конвенсияи Аврупо оид ба решакан кардани терроризм (1977) сурат мегирад [63, с. 135-140]. Конвенсия таркиби терроризмро ҳамчун ҷинояти мушаххас таъриф надодааст, вале чанде аз ҷиноятҳоро ҳамчун зуҳуроти терроризм бандубаст мекунад, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо наметавонанд чун ҷинояти сиёсӣ ё аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ содир карда шаванд. «Аммо

ҷиноятҳои содиркардаи террористҳо, тавре ки аллакай зикр гардид, дорои ангезаҳои сиёсӣ эътироф намешаванд ва ин меъёр ба онҳо дахл надорад» [55, с. 41-42].

Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро оид ба мубориза бар зидди терроризм қабул намуда, бештари онҳоро дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудааст. Дар ҳоли ҳозир беш аз даҳ моддаи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон таркиби ҷиноятҳоеро дарҷ кардаанд, ки тибқи таснифоти байналмилалӣ онҳоро ба таркиби дорои аломатҳои терроризм мансуб донистан мумкин аст.

Дар доираи санадҳои СММ давлатҳои аъзо уҳдадориҳои худро дар самти муқовимат бо терроризм дар самтҳои зерин амали мекунад:

– якум, барои муқовимат ва мубориза кардан бо терроризм дувоздаҳ шартномаи бисёрҷонибаи байналмилалӣ баста шуданд [105, с. 231-232];

–дуюм, ҳама давлатҳои аъзои СММ чанд қатъномаи Шурои Амнияти СММ-ро қабул кардаанд, ки иҷрои онҳо ҳатмист. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо давлатҳо бояд ҷиҳати пешгирии амалҳо чораҳи зарури андешанд [135, с. 36-37].

Терроризм аз ҷиҳати миқёси паҳншавӣ ба ду гурӯҳ, терроризми дохилӣ ва байналмилалӣ, тақсим мешавад [156, с. 7-9]. Ба терроризми байналмилалӣ доираи хеле васеъ аз амалҳо мансуб аст ва вобаста ба аҳаммияти манфиатҳои байналмилалӣ, ки ин амалҳо таъсир мерасонанд, терроризм ба ҳайси як намуди ҷиноятҳои байналмилалӣ, ё ҷиноятҳои характери байналмилалӣ, ё ба ҷиноятҳое, ки «ҷузъи хориҷӣ» доранд, ба таҳлил гирифта мешаванд. Дар ин марҳала савол ба миён меояд: оё зарур аст, ки дар Кодекси кунунӣ моддае дар бораи терроризми байналмилалӣ вуҷуд дошта бошад? Дар натиҷа, дурустии масъалаи навбатӣ пайдо мешавад: ё ҳамаи шаклҳо ва намудҳои терроризми байналмилалӣ бояд дар моддаи Кодекси кунунӣ шомил шаванд, ки дар ин сурат дарди ҷомеа ва хатарнокии амалҳо боиси барзиёдшавии тасаввуроти нодурусти миқёси хатар мегардад; ё шаклҳо ва намудҳои дигари терроризми байналмилалӣ, ки ба Кодекси кунунӣ намерасанд, дар конвенсияи махсуси

умумиҷаҳонӣ оид ба мубориза бо терроризм зикр мешаванд. Аммо ин саволро пеш меорад: агар конвенсияи универсалии мубориза бо терроризм қабул шавад, пас чаро лозим аст, ки дар Кодекси кунунӣ оид ба терроризм ёдоварӣ шавад, оё мувофиқтар нест, ки ҳама шаклҳо ва намудҳои терроризмро дар чаҳорчӯбаи Конвенсияи умумиҷаҳонӣ оид ба мубориза бо терроризм пешбинӣ кунем? Мехостам таъкид кунам, ки лоиҳаи чунин Конвенсия аз зикри шаклҳо ва намудҳои амалҳое, ки терроризмро ташкил медиҳанд, оғоз мешавад [140, с. 115-127].

Иддаоҳои мазкур дар бораи таъйин намудани ҳуқуқи байналмилалӣ аҳаммияти амалӣ доранд, зеро тибқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф шудаанд, қисми ҷудонашавандаи системаи ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бояд татбиқ шаванд. Ин маънои онро дорад, ки шартномаҳои байналмилалии оид ба мубориза бо терроризм, ки аз ҷониби Тоҷикистон ратификатсия шудаанд, қисми ҷудонашавандаи системаи ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд ва меъёрҳои онҳо, агар бо қонунҳои ҷумҳурӣ мухолифат кунанд, бояд аз ҷониби тамоми мақомоти ҳуқуқӣ ба таври аввалиндараҷа татбиқ шаванд.

Аз ҷумлаи муҳимтарин ҳуҷҷатҳо ин қатъномаҳои Шурои Амният мебошанд, ки ба мубориза бо маблағгузории терроризм равона шудаанд. Мусаллам аст, ки бе кумаки молӣ бисёре аз созмонҳои террористӣ фаъолияти худро идома дода наметавонанд. Мубориза бо маблағгузории терроризм яке аз муҳиммитарин самтҳои муборизаи байналмилалӣ бо терроризм аст. Воқеан, малблағҳои молиявӣ барои ташкилотҳои террористӣ муҳим ҳастанд, чун ки онҳо кумак мекунанд, ки амалҳои террористӣ ва нақшаҳои хоробкории худро амалӣ кунанд. Ҳамин тавр, барои коҳиш ё қатъ кардани фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ, қатъномаҳои Шурои Амният ва дигар механизми байналмилалӣ ба мубориза бо манбаъҳои молии онҳо равона

шудаанд. Шурои Амният дар солҳои гуногун қатъномаҳои муҳимро қабул кардааст, ки махсус ба масъалаи мамнуъ кардани маблағгузорӣ барои терроризм ва механизмҳои санҷиш ва таъқиб равона шуда буданд. Ин қатъномаҳо кӯшиш мекунанд, ки манбаъҳои молии гурӯҳҳои террористиро манъ ва дар натиҷа фаъолияти онҳо ва имкониятҳои расидан ба ҳадафҳои террористии худро маҳдуд кунанд. Аз ҷумла, чанде аз муҳимтарин қатъномаҳои Шурои Амният, ки ба маблағгузории терроризм дахл доранд:

– Қатъномаи 1267 Шурои Амният, ки соли 1999 қабул шуд, як механизми байналмилалӣ барои бақайдгирӣ ва тартиби рӯйхати шахсиятҳо ва гурӯҳҳо, ки ба терроризм алоқамananд, таъсис медиҳад. Ин қатънома хусусан барои Ал-Қоъида ва Толибон манъ кардани ҳама гуна дастрасӣ ба маблағгузорӣ, молу мулк ва дороии онҳо дар саросари ҷаҳон мебошад [36].

– Пас аз ҳамлаҳои 11 сентябр, Шурои Амният Қатъномаи 1373-ро қабул кард, ки ҳамаи кишварҳоро муваззаф месозад, ки мубориза бо маблағгузории терроризмро дар меҳвари сиёсати худашон қарор диҳанд. «Ин қатънома кишварҳоро вазифадор мекунад, ки қонунҳои миллиро барои манъ кардани маблағгузории терроризм ва тасдиқи созишномаҳои амниятиро бо дигар кишварҳо қабул кунанд» [36]. Инчунин, қатънома ба таҳлил ва пайгирии сарчашмаҳои молии гурӯҳҳои террористӣ таваҷҷӯҳ мекунад.

– Қатъномаи 1540 Шурои Амният як қадами муҳим дар мубориза бо терроризм дар контексти молиявӣ аст, ки аз кишварҳо талаб мекунад, то механизми қатъии назоратиро барои монеъ шудан аз интиқоли технологиҳо ва маводи хатарнок ба гурӯҳҳои террористӣ, ки метавонанд истифодаи онҳо барои амалҳои харобкории ҳастаӣ, кимиёӣ ва биологӣ дошта бошанд, эҷод кунанд.

– Қатъномаи 2253 дар соли 2015 пешниҳод мекунад, ки кишварҳо бояд муфассал ба кишварҳо бо ҷазоҳо ва маҳдудиятҳо барои терроризм мубориза баранд. Ин қатънома иҷозат медиҳад, ки давлатҳо тамоми манбаъҳои молии гурӯҳҳо ва ё шахсони дар терроризм фаъолшударо, ки ба тасвибу таъмини

террористон барои маблағгузорӣ ва ҳимояи манфиатҳои гурӯҳҳои террористӣ дахл доранд, қатъ кунанд.

Ҳадафҳои асосии қатъномаҳои Шурои Амният дар мубориза бо маблағгузории терроризм мебошад. Қатъномаҳо нишон медиҳанд, ки ҳар гуна кумаки молиявӣ ба гурӯҳҳои террористӣ (монанди интиқол, пешбарӣ ё сармоягузорӣ) манъ ва барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Кишварҳо бояд назорат ва пайгирии тамоми амалҳои молиявӣ, ки метавонад ба терроризм кумак расонад, ба роҳ монда, ба Шурои Амният ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ хабар диҳанд. Мулоқот ва ҳамкории кишварҳо барои таҳким додани қонунҳои миллӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо бо қонунҳои байналмилалӣ, ки ба манъи маблағгузорӣ барои терроризм ва таҳсил кардани пуррагиҳои огоҳӣ равона шуда бошад. Бо ин мақсад дар КҶ ҶТ Моддаи 179(2) бо номи маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти тероистидошта, 18.06.2008, № 386, ворид карда шуд.

Маблағгузории терроризм як проблемаест, ки барои ҳар як кишвар ва ҷомеаи байналмилалӣ хатарҳои ҷиддӣ дорад. Ба ҳамин тартиб, ҳар қадар ки кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ба вижа СММ ва Шурои Амният, дар муайян кардани манбаъҳои молии терроризм ва қатъ кардани онҳо муваффақ шаванд, ҳамон қадар фаъолиятҳои террористӣ маҳдуд ва коҳиш хоҳанд ёфт.

Моддаи 179 (2) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маблағгузории терроризм хусусан ба маблағгузории амалҳои террористӣ ва кумакрасонии молиявии гурӯҳҳои террористӣ бахшида шудааст. Ин модда барои муайян кардани ҷиноятҳо ва маҳкум кардани шахсоне, ки маблағ ё воситаҳоеро бо мақсади анҷом додани амалҳои террористӣ ё кӯмак ба гурӯҳҳои террористӣ таъмин мекунанд, истифода мешавад. Моддаи мазкур ба ҳама гуна шаклҳои кумаки молиявӣ, воситаҳои муфид ё таъмин намудани манбаъҳои молии террористон дахл мекунад. Ин метавонад пешбарии маблағ, мавод ё ҳар гуна кумак барои амалҳои террористӣ бошад. Модда махсусан ҳадафи истифодаи манбаъҳои молиявиро барои амалҳои

террористӣ ва ҷиноятҳое, ки дар дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ (масалан, дар моддаҳои 179, 179(1), 179(3), 181, 182 ва дигар моддаҳои мухталиф) зикр шудаанд, манъ мекунад.

**Ғасби гаравгон**. Мубориза байналмилалӣ бар зидди ғасби гаравгон тавассути Конвенсия ба муқобили гаравгонгирӣ (1979) танзим мешавад [62, с 24-29]. Дар робита ба гуфтаҳои боло ҳар шахсе, ки кирдори гаравгонгирӣ содир мекунад, бояд ба таъқиби судӣ ҷалб ё истирдод шавад.

Мутобиқи моддаи 1 Конвенсия, «таркиби ҷиноятро кирдори шахсе ташкил медиҳад, ки шахси дигарро дастгир мекунад ё нигоҳ медорад ё таҳдиди куштан, маҷруҳ кардан ё чун гаравгон нигоҳ доштани шахси дигарро мекунад, то ҷониби сеюм (давлат, ташкилоти байналмилалии байниҳукуматӣ, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё гурӯҳи ашхос)-ро маҷбур кунад» мешавад [62, с 24-29], ки ба сифати шарти бевосита ё бавоситаи озод кардани гаравгон амалеро содир кунанд ё аз содир кардани он худдорӣ намоянд. Дар асоси амалияи муқаррарии конвенсияҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, дар Конвенсияи мазкур ҳам махсус ҷазо дода шудан барои содир кардани фаъолияти пешакии ҷиноятӣ ва шарикӣ дар ин гуна ҷиноят пешбинӣ шудааст».

Ғасби гаравгон «ғайриқонунӣ дастгир кардани инсон аст, ки маҳрум кардани ӯро аз озодӣ дар пай дорад. Амали ғасб метавонад ба воситаҳои гуногун иҷро шавад: махфӣ, ошкор, бо истифодаи зӯроварӣ, бе зӯроварӣ. Бо роҳи фиреб гаравгон гирифтани ҷабрдида аз ҷумлаи намудҳои ғасб бо роҳи зӯроварӣ мебошад. Нигоҳ доштани шахс ба ҳайси гаравгон маънои аз монеъ шудан ба ӯ барои тарки макони будубоши ӯ ҳамчун гаравгон мебошад (маъмулан ҷабрдида дар биное нигоҳ дошта мешавад, ки мустақилона онро тарк карда наметавонад). Нигоҳдории шахси гаравгоншуда ҳамроҳ бо таҳдиди куштани ӯ, расондани зарари ҷисмонӣ ё идома додани маҳрум кардани ӯ аз озодӣ сурат мегирад» [119, с. 35].

«Мутобиқи Конвенсия ҳар як давлати узв уҳдадор мешавад, ки дар қонунгузории ҷиноятии худ барои кирдорҳои дар моддаи 1 зикршуда бо дарназардошти хусусияти вазнинии ин ҷиноятҳо ҷазо муқаррар намояд» [62, с

24-29]. Давлати иштироккунандаи Конвенсия, ки дар қаламрави он шахси гаравгон гирифтаи ҷинояткор қарор дорад, уҳдадор мешавад, ки барои сабук кардани вазъи гаравгон, аз ҷумла барои озод кардани ӯ ва дар ҳолати мувофиқ будан ба осонӣ хориҷ шудани ӯ пас аз озодшавӣ тамоми чораҳоро амалӣ намояд [119, с. 35].

Ин шартҳои муайян кардани доираи амали салоҳияти ҳуқуқии давлат ҳамчунин нисбат ба ҳолатҳое татбиқ мешаванд, ки агар ҷинояткори эҳтимолӣ дар қаламрави давлати дахлдор ҳузур дошта бошад ва ин давлат ӯро ба давлати дигар насупорад. Конвенсия ҳама гуна баррасиҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро, ки мутобиқи қонунгузории дохилӣ нисбат ба чунин шахс амалӣ мешавад, истисно намекунад.

Афроде, ки дар қаламрави давлати иштироккунандаи Конвенсия ба содир шудани ҷиноят гумонбар аст, давлатро уҳдадор мекунад, ки тибқи қонунҳои худ чора андешад. Давлат бояд тафтиши пешакӣ гузаронад, то дуруст будани гумон ва далелҳои ҷиноят муайян карда шаванд.

Дар асоси муқаррароти Конвенсия қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон низ барои гаравгонгирӣ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад. Мутобиқи қисми 1 моддаи  181 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷиноят аз ғасби гаравгон ё нигоҳ доштани шахс ба сифати гаравгон иборат мебошад, ки бо мақсади маҷбур кардани давлат, ташкилот ё шаҳрванд ба содир кардани ҳама гуна амал ё беамалӣ ё худдорӣ аз содир намудани чунин кирдор ҳамчун шарти озод кардани гаравгон содир мешавад (дар қисми 2 ва 3 ҳамин модда) таркиби ин ҷиноят дар ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда тавсиф мешавад) [176, с. 27]. Ҳамин тариқ, муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавобгарӣ барои гаравгонгирӣ комилан ба таърифи ин ҷиноят дар Конвенсияи соли 1979 мувофиқ аст.

Роҳзании обӣ ҳамчун ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон (м. 183 КҶ ҶТ) дар заминаи Конвенсия дар бораи ҳуқуқи баҳрӣ, аз 10 декабри соли 1982, муқаррар шудааст [96, с. 358-437].

Тибқи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ дилхоҳ аз амалҳои зерин роҳзании обӣ эътироф карда мешавад: «ҳама гуна амали зӯроварии ғайриқонунӣ, боздошт ё ғорат, ки бо мақсадҳои шахсӣ аз ҷониби мусофирони киштии шахсӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи шахсӣ содир шуда, барои чунин мақсадҳо равона шудааст» [96, с. 358-437]:

а) дар баҳри кушод муқобили киштӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи дигар, ашхос ё моликияти дар он қарордошта;

б) муқобили ҳама гуна киштӣ ё дастгоҳи парвозкунанда, шахсон ё моликият дар маконе, ки мавриди доираи амали ҳуқуқии ягон давлат намебошад; ҳама гуна амали иштироки ихтиёрӣ дар истифодаи ягон киштӣ ё дастгоҳи парвозкунанда, ки бо донистани ин ҳолат, ки киштӣ ё дастгоҳи парвозкунанда, киштии роҳзанӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи роҳзанӣ мебошад, содир шудааст; ҳама гуна кирдоре, ки таҳрикдиҳанда ё мусоидаткунанда барои содиркунии роҳзании обӣ мебошад.

Киштӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи роҳзанӣ дониста мешаванд агар аз ҷониби шахсони дар ихтиёрашон қарордошта барои содир кардани дилхоҳ аз амалҳои дар боло зикршудае, ки роҳзаниро ташкил медиҳанд, пешбинӣ шуда бошанд. Мутобиқи Конвенсия ин ба киштӣ ё дастгоҳи парвозкунанда то замоне дахл дорад, ки барои содир кардани амалҳои зикршуда истифода гардида, дар ихтиёри ашхоси гунаҳкор дар содиркунии амалҳои мазкур қарор доранд.

Агар амалҳои мазкур тавассути киштии ҳарбии давлатӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи давлатӣ содир шуда бошад, ки хадамаи он исён карда, назорати киштӣ ё дастгоҳи парвозкунандаро дар ихтиёр гирифта бошанд, амалҳои мазкур бо кирдорҳои тавассути киштӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи хусусӣ содиршуда баробар карда мешаванд.

Киштӣ воситаи нақлиёти обӣ ба ҳисоб рафта, барои интиқоли мол ва мусофирон, инчунин барои амалӣ намудани фаъолиятҳои тиҷоратӣ, саноатӣ, нақлиётӣ, ҳарбӣ, илмӣ-таҳқиқӣ ва дигар мақсадҳо истифода мешавад. Он

метавонад худгард, худногард, бевосита обӣ, рӯйиобӣ (бо болиштаки бодӣ) ва зериобӣ бошад.

Ҳама асбобҳои парвозкунанда: ҳавопаймо, чархбол, делтаплан, дирижабл, пуфакҳои ҳавоӣ ва ғайра дастгоҳҳои парвозкунанда маҳсуб мешаванд.

Мутобиқи Конвенсияи соли 1982 «дар баҳри кушод ё дилхоҳ макони берун аз доираи амали ҳуқуқи ягон давлат, ҳар давлат метавонад киштӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи роҳзанӣ, киштӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи тавассути кирдори роҳзанона ғасбшудаи дар ихтиёри роҳзанон қарордоштаро дастгир кунад, ашхоси дар киштӣ ё чунин дастгоҳи парвозкунанда қарордоштаро ҳабс ва моликияти дар он бударо тасарруф кунад».

Агар ғасби киштӣ ё дастгоҳи парвозкунанда бо гумони роҳзанӣ бе асосҳои мувофиқ анҷом дода шавад, давлате, ки онро ғасб кардааст, дар назди давлате, ки киштӣ ё дастгоҳи парвозкунанда мутааллиқ ба он аст, барои ҳама гуна талафот ё зараре, ки дар натиҷаи ғасб расонида шудааст, ҷавобгар мебошад.

Ғасби киштӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи роҳзанӣ метавонад танҳо тавассути киштии ҳарбӣ ё дастгоҳи парвозкунандаи ҳарбӣ ё дигар киштиҳо ё дастгоҳҳои парвозкунандае анҷом дода шавад, ки ба таври возеҳ аломатгузорӣ ва муайян шуда, дар хидмати давлатӣ қарор ва барои ин мақсад иҷозат доранд. Ҳамин тариқ, Конвенсия ба киштиҳо ё дастгоҳҳои парвозкунандаи хусусӣ амалӣ кардани чунин ғасбро манъ мекунад.

Мутобиқи Конвенсияи соли 1982 дар КҶ ҶТ моддаи 189 «дар бораи ҷавобгарӣ барои роҳзании обӣ, яъне ҳуҷум ба киштии обӣ бо мақсади ба даст овардани молу мулки ғайр, ки бо зуроварӣ ё таҳдиди истифодаи он содир мешавад, ворид карда шудааст; қисми 2 ин модда ҷавобгарии сахтро барои роҳзании обӣ муқаррар кардааст, ки дар ҳолатҳои вазнинкунанда яъне аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда, боиси аз беэҳтиётӣ ба марг

расондани инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гаштааст, такроран ё бо истифодаи силоҳ ё ашёи ба сифати силоҳ истифодашуда содир мешавад» [2].

Муқоисаи тасвияти манъ будани роҳзании обӣ дар қонунҳои Тоҷикистон ва меъёрҳои конвенсионӣ нишон медиҳанд, ки моддаи 183 КҶ ҶТ ҳолатҳои роҳзании ҳавоиро фаро намегирад. Ин камбуд метавонад тавассути бандубасти кирдорҳои дахлдор дар банди «в» қисми 2 моддаи 184 КҶ ҶТ чун рабудани нақлиёти ҳавоӣ ва ғасби чунин нақлиёт бо мақсади ронда бурдани он, ки бо истифода аз зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир мешавад, ислоҳ шавад.

Ғайриқонунӣ ронда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатораи роҳи оҳан (м. 184 КҶ ҶТ) «дар бахши марбут ба ҳавопаймо ин меъёр аз моддаи 1 Конвенсияи Гаага дар бораи мубориза бо ғасби ғайриқонунии ҳавопаймоҳо, аз 16 декабри соли 1970 гирифта шудааст» [103, с. 85-86].

Тавре дар дебочаи Конвенсияи мазкур гуфта шудааст, «он бо дарназардошти ин қабул карда шуд, ки амалҳои марбут ба ғасби ғайриқонунӣ ё амалӣ кардани назорат бар ҳавопаймоҳои дар ҳоли парвоз қарордошта метавонад ба бехатарии одамон ва амволи ашхос таҳдид эҷод кунанд, иртиботи ҳавоиро халалдор кунанд ва боварии мардумони ҷаҳонро ба бехатарии авиатсияи граждании коҳиш диҳанд ва барои пешгирии чунин амалҳо бояд ҷиҳати ҷазо додани ҷинояткорон татбиқи чораҳои таъхирнопазир таъмин шаванд» [103, с 85-86].

Тибқи Конвенсия амали шахси дар дохили ҳавопаймо қарордошта, ки дар ҳоли парвоз аст, дар ҳолатҳои зерин ҷиноят мебошад:

а) ғайриқонунӣ, бо роҳи зӯрӣ ё таҳдиди истифодаи зӯрӣ ё ҳар шакли дигари тарсондан ин ҳавопайморо ғасб кардааст ё назорати онро амалӣ мекунад ё кӯшиши содир кардани чунин амалҳоро дорад;

б) ҳамдасти (шарики) шахсе мебошад, ки чунин амалҳоро содир кардааст ё кӯшиши содир кардани онҳоро дорад.

«Ғасби ҳавопаймо – «бо зӯрӣ ё таҳдиди истифодаи зӯрӣ ё ягон шакли дигари тарсондан (масалан, таъсиррасонӣ бо роҳи найранг ба сарнишинони

ҳавопаймо) соҳиб шудани он мебошад». Амалӣ кардани назорат бар ҳавопаймо ҳангоми ҳаракат дар масири интихобкардаи шахси гунаҳкор нигоҳ доштани он мебошад. Мутобиқи Конвенсия, ҳар як давлати имзокунандаи шартнома уҳдадор мешавад, ки дар сурати содир шудани чунин ҷиноятҳо ҷазои сахт муқаррар кунад» [103, с. 85-86]. Қонунгузории ҷиноятии давлати аҳдкунанда вобаста ба ғасби ҳавопаймо дар чунин ҳолатҳо ба миён меояд: (а) ҷиноят дар ҳавопаймое содир шуда бошад, ки дар ин давлат ба қайд гирифта шудааст; (б) ҳавопаймое, ки дар дохили он ҷиноят содир шудааст, дар қаламрави ин давлат фурӯд биёяд ва шахси эҳтимолии содиркардаи ҳуқуқвайронкунӣ ҳанӯз дар дохили он бошад. Конвенсия ҳамчунин татбиқи ҳама гуна ҳалли масоили уқуқии ҷиноятиро тибқи қонунгузории миллӣ истисно намекунад.

«Талаботи Конвенсияи соли 1970 дар моддаи 184 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст, ки дар он барои ғасб кардан ва мусодираи ҳавопаймо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст (дар баробари ҷавобгарӣ барои рабудани нақлиёти обӣ ё қатораи роҳи оҳан ё мусодираи онҳо бо мақсади ғасб)» [2].

«Се фарқияти асосии ҷавобгарро барои кирдорҳои зикршуда тибқи Конвенсияи соли 1970 ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мекунем:

– Конвенсия танҳо бо ҳавопаймоҳои авиатсияи граждани маҳдуд аст (мувофиқи Кодекси ҷиноятӣ, барои сӯиқасдҳои марбут ба ҳавопаймоҳои ҳарбӣ ва дигар ҳавопаймоҳо низ ҷазо дода мешавад)» [2].

– тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натанҳо ғасби ҳавопаймо, инчунин аз рабудани он низ таркиби ҷиноят мебошад.

Сеюм, ғасби ҳавопаймо тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон натанҳо ҳангоми дар ҳолати парвоз қарор доштан, балки дар вақти таваққуфи он низ имконпазир аст. Мавқеи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалае, ки мавриди таҳлил қарор додаем, ба назари

мо пешрафтатар ба назар мерасад, зеро тамоили беҳтар намудани бехатарии ҳавонавардӣ дар он равшантар ифода шудааст.

«Дар мавриди ҷавобгарӣ барои дигар амалҳои ғайриқонуние, ки ба бехатарии авиатсияи гражданӣ сӯиқасд мекунанд Конвенсияи Монреал оид ба мубориза бар зидди амалҳои ғайриқонунӣ бар зидди бехатарии авиатсияи гражданӣ (1971) бахшида шудааст. Мутобиқи он ҳар яке аз амалҳои зерини ғайриқонунӣ ва қасдан содиршуда, ҷиноятҳои байналмилалӣ эътироф карда мешаванд»)» [11]:

«а) содир намудани амали зӯроварӣ нисбат ба шахсе, ки дар ҳавопаймо дар ҳоли парвоз аст;

б) корношоям кардани ҳавопаймое, ки мавриди истифода қарор дорад, ё осебе расондан ба ҳамин ҳавопаймо, ки онро корношоям мекунад ё метавонад барои бехатарии он дар парвоз хатар эҷод кунад;

в) содир кардани амалҳое, ки боиси ба ҳавопаймои мавриди истифода қарордошта ҷойгир кардани маводе, ки метавонанд ҳавопайморо вайрон кунанд ё ба он зараре расонанд, ки барои парвози бехатари он таҳдид эҷод мекунад;

г) вайрон кардан ё зарар расондан ба таҷҳизоти аэронавигатсионӣ ё дахолат ба истифодаи он, агар ҳар гуна чунин амал ба бехатарии ҳавопаймоҳо хатари эҳтимолӣ эҷод кунад;

д) қасдан расондани хабари бардурӯғе, ки ба воситаи он барои бехатарии ҳавопаймои дар ҳоли парвоз қарордошта таҳдид мешавад»)» [11].

Ҳамчунин барои сӯиқасд барои содир кардани амалҳои зикршуда ва иштирок дар онҳо низ ҷазо муқаррар шудааст.

«Мутобиқи Конвенсия, ҳар давлати имзокунандаи шартнома нисбат ба ҷиноятҳои дар он зикргардида дар ҳолатҳои зерин баррасии ҳуқуқии худро муқаррар мекунад:

– содир шудани ҷиноят дар қаламрави ин давлат;

– содир шудани ҷиноят дар киштӣ ё нисбат ба ҳавопаймое, ки дар ҳамин давлат ба қайд гирифта шудааст;

– фурӯд омадани ҳавопаймое, ки дар дохили он ҷиноят содир шудааст, дар қаламрави ҳамин давлат дар ҳоле, ки гумонбар ба содир кардани ҷиноят ҳанӯз дар дохилӣ ҳавопаймо қарор дорад;

– содир шудани ҷиноят дар дохил ё нисбат ба ҳавопаймое, ки ба иҷорагире дода шудааст, ки ҷои асосии фаъолияташ ё агар иҷорагир чунин ҷои фаъолият надошта бошад, ҷои истиқомати доимии ӯ дар ҳамин давлат бошад») » [11].

«Вазифаи давлат вобаста ба ирсоли иттилооти зарурӣ ба Шурои Созмони байналмилалии авиатсияи гражданӣ, инчунин тартиби ҳалли баҳси байни ду ё зиёда давлатҳои иштирокчӣ дар хусуси баррасии ҳуқуқии ҷинояти содиршуда ва дигар масъалаҳои тафсир ё татбиқи Конвенсия айнан» )» [11] ба мисли ҳолати дар Конвенсия оид ба ғасби ғайриқонунии ҳавойпаймоҳо (с. 1970) дарҷшуда танзим карда мешавад.

Вайрон кардани ҳавопаймо ё расонидани зарар ба он тибқи Конвенсия, ки аз беэҳтиётӣ содир шудааст, дар доираи қисми 4 моддаи 184 Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун расонидани оқибатҳои вазнин баррасӣ мешавад. Агар кирдори зикршуда қасдан содир шуда бошад, дар ин сурат таркиби ошкоро корношоям гардонидани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳои алоқа вуҷуд хоҳад дошт (қисми 1 моддаи 214 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Амалҳое, ки боиси вайрон шудан ё осеб дидани таҷҳизоти аэронавигатсионӣ шудаанд низ, бояд ҳамин гуна бандубаст шаванд.

«Дар ҳавопаймо ҷойгир кардани маводи тарканда ё таҷҳизоти дигар ё маводе, ки метавонанд ҳавопайморо вайрон кунанд ё ба он зарари ҷиддӣ расонанд ва ба ин васила бехатарии онро ҳангоми парвоз зери хатар гузоранд»)» [2] (вобаста ба ҳолатҳои парванда, ангеза ва ҳадафҳои он) ҳамчун сӯиқасд барои корношоям гардонидани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳои алоқа (қисми 3, моддаи 38 ва қисми 1 моддаи 214 КҶ); ё моддаи 215 ғайриқонунӣ дар нақлиёти ҳавоӣ бо худ бурдани моддаҳои тарканда ё зуддаргиранда ё сӯиқасд ба терроризм (қисми 3, моддаи 32 ва қисми 1,

моддаи 179 Кодекси ҷиноятӣ), ё чун сӯиқасд ба тахрибкорӣ (қисми 3, моддаи 32 ва қисми 1 ё қисми 2, моддаи 309 Кодекси ҷиноятӣ) бандубаст мешаванд.

Конвенсияи соли 1963 дар бораи ҷиноятҳо ва баъзе дигар амалҳое, ки дар ҳавопаймоҳо содир карда мешаванд (Конвенсияи Токио), [62, с. 571-576] низ ба мубориза бар зидди амалҳои ғайриқонуние равона шудааст, ки ба бехатарии нақлиёти ҳавоӣ сӯиқасд мекунанд ва он аз ҷумлаи аввалин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад, ки ба ҷавобгарӣ барои чунин ҷиноятҳо бахшида шудааст. Аммо, дар асл он таркиби ҷиноятҳои дахлдорро муайян накардааст (ба истиснои таркиби ғасби ғайриқонунии ҳавопаймо). Ин кор баъдтар дар конвенсияҳои дар боло баррасишудаи солҳои 1970 ва 1971 анҷом дода шуд.

**Муносибати ғайриқонунӣ бо маводи радиоактивӣ**

Ҳангоми сохтани таркиби ин ҷиноят қонунгузорӣ муқаррароти Конвенсия оид ба ҳифзи физикии маводи ядроиро, ки ба ҳифзи бехатари истифода, нигоҳдорӣ ва интиқоли он (1980) равона шудааст, ба назар гирифтааст [14]. Мутобиқи он давлатҳои иштирокчӣ уҳдадор мешаванд, ки дар қонунгузории худ барои амалҳои барқасдонаи зерин ҷазо муқаррар кунанд: дуздидани маводи ҳастаӣ ё ғасби он бо роҳи ғорат; аз худ кардан ё гирифтани маводи ҳастаӣ бо роҳи фиреб; талаби супурдани маводи ҳастаӣ бо таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ ё бо ҳар гуна шаклҳои дигари тарсондан, таҳдиди: (а) истифодаи маводи ҳастаӣ барои расондан ба марг ё расондани осеби ҷиддӣ ба ягон шахс ё расонидани зарари ҷиддӣ ба моликият, (б) дуздӣ ё ғорати маводи ҳастаӣ.

Дар Конвенсия тавзеҳ дода мешавад, ки он ҳама гуна баррасиҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии мутобиқ ба қонунгузории миллӣ татбиқшавандаро истисно намекунад.

Мутобиқи қ. 1 моддаи 193 КҶ ҶТ «барои ғайриқонунӣ соҳибӣ кардан, истифода бурдан, ба даст овардан, фурӯхтан, нигоҳ доштан, интиқол, ба дигарон додан ё вайрон кардани маводи радиоактивӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шуда, мутобиқи қ. 2. барои ҳамин амалҳо, ки аз беэҳтиётӣ ба

саломатии инсон зарари вазнин ё миёна расонидааст ва дар қ. 3. дар борои содир намудани кирдоре сухан меравад, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гашта бошад. Зери мафҳуми «маводи радиоактивӣ» маводи ядрой ва дигар моддаҳои радиоактивии нуклиддоре фаҳмида мешавад, ки худ аз худ таҷзия меёбанд ва онҳо вобаста ба хусусиятҳои радиологӣ ва ё таҷзияи худ метавонанд боиси марг, зарари вазнин ба саломатӣ ва ё зарари ҷиддӣ ба моликият ва муҳити зист шаванд» [14].

Мутобиқи ин қисми 1 модда, дар Тоҷикистон ҳар гуна амалҳое, ки «бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, истифода, нигоҳдорӣ, фурӯхтан, интиқол ё тақсим кардани маводи радиоактивӣ ва ядрой амалӣ мешаванд, ҷазо доранд»)» [2]. Ин маъзарат на танҳо дар ҳолати фурӯш, балки ҳатто дар ҳолатҳои ба даст овардани ғайриқонунӣ ё нигоҳдории чунин мавод ҳам ҷазо дар назар аст. Масалан, агар як шахс ё гурӯҳ ба тариқи ғайриқонунӣ як ё якчанд шиша маводи радиоактивӣ ё ядроиро ба даст оварад ва ё фурӯшад, онҳо метавонанд бо муҷозотҳои ҷиноятӣ рӯбарӯ шаванд. Ин ҳолат метавонад ба сабаби талаботи қонун дар ҳифзи бехатарии шаҳрвандон ва муҳити зист бошад.

Қисми 2-и моддаи 193 ба ҳолатҳои беэҳтиётӣ дар истифодаи маводи радиоактивӣ ва таъсири манфии онҳо ба саломатии инсон дахл мекунад. Агар шахс дар натиҷаи беэҳтиётӣ бо истифода ё нигоҳдории маводи радиоактивӣ зарари вазнин ё миёна ба саломатии дигарон расонад (масалан, сӯхтан ё зиёд гирифтани радиатсия), пас ӯ метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ дучор шавад. Масалан, агар шахс ягон маводи радиоактивиро бо роҳҳои дуруст нигоҳ намуда ё амали беэҳтиётӣ кунад, ки ин боиси сирояти радиатсионӣ ва зарар ба саломатии одамон гардад, вай бо ҷазоҳои ҷиноятӣ рӯбарӯ мешавад.

Дар қисми 3-и модда ба ҳолатҳое ишора мешавад, ки шахс бо беэҳтиётии худ бо истифода ё нигоҳдории маводи радиоактивӣ ба марг ё дигар оқибатҳои вазнин (масалан, сӯхтани дуру дароз ё барҷастатар шудани хатарҳои радиологӣ) сабаб мегардад. Дар чунин ҳолатҳо, ҷавобгарии

ҷиноятӣ нисбат ба шахси гунаҳкор таҳия мешавад. Масалан, агар шахс бо ба вуҷуд овардани ҳодисаи радиологӣ, ки боиси марг ё хатарҳои ҷиддӣ ба ҳаёти инсон гардад, ҷазо дода шавад, ки метавонанд аз ҷарима, маҳрумият аз озодӣ ва ҳатто зиндон бошанд.

Маводи радиоактивӣ метавонад дар якҷоягӣ бо ядроӣ ва ё моддаҳои нуклиддор, ки ба таври табиӣ ё сунъӣ радиатсия хориҷ мекунанд, дарк шавад. Ҳар гуна мавод, ки дар шиддат ба радиатсия ворид мешавад, метавонад барои муҳити зист ва ҳаёти инсон хатарнок бошад. Маводи радиоактивӣ метавонад дар ҳаёти муосир барои мақсадҳои саноатӣ, тиббӣ ё илмию технологӣ истифода шавад. Аммо бе назорат ва бе риояи стандартҳои бехатарӣ, ҳар як амалоти ғайриқонунӣ бо маводи радиоактивӣ метавонад натиҷаҳои хатарнок дошта бошад.

Дар ҷаҳон ва махсусан дар кишварҳои мустақил, ки дорои иқтидори ядроӣ ва ё маводи радиоактивии саноатӣ мебошанд, таъмини амният ва бехатарии радиологӣ барои ҷилавгирӣ аз хатарҳо ва оқибатҳои манфии радиатсионӣ хеле муҳим аст. Дар моддаи 193 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъулияти ҷиноятӣ барои амалҳои ғайриқонунӣ бо маводи радиоактивӣ дахл дорад, дар қисми 4 таъкид шудааст, ки агар кирдоре, ки дар қисмҳои 1 ё 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, бо беэҳтиётии шахс боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин (масалан, зарари ҷиддӣ ба саломатӣ ё муҳити зист) гардад, он ҳам ҷавобгарии ҷиноятиро ба вуҷуд меорад.

Бо дарназардошти татбиқи санадҳои байналмилалии болозикршуда иловатан ба КҶ ҶТ меъёрҳои зерин илова карда шуд: моддаи 194 (1); моддаи 194 (2); моддаи 194 (3); моддаи 194 (4); моддаи194 (5).

Ғайриқонунӣ ба даст овардан, додан, фурӯш, нигоҳдорӣ, интиқол ё бо худ доштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, маводи тарканда ва таҷҳизоти таркононанда. Муборизаи байналмилалиро бар зидди ин ҷиноятҳо Конвенсияи Аврупо оид ба назорати харид ва нигоҳдории силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони алоҳида (1978) [15] танзим мекунад. Конвенсияро давлатҳои аъзои

Шурои Аврупо бо дарназардошти ҳолатҳои зерин қабул кардаанд: хавфе, ки дар натиҷаи афзоиши шумораи ҷиноятҳои бо ёрии силоҳи оташфишон содиршуда ба вуҷуд омадааст, аслиҳа аксар вақт аз хориҷа ворид мешавад, кӯшиши ҷорӣ намудани усулҳои самарабахши назорат аз болои гардиши силоҳи оташфишон тариқи сарҳадҳои миллӣ ба сатҳи байналмилалӣ.

Конвенсия уҳдадории тарафҳоро дар бобати ба ҳамдигар расондани ёрии мутақобил тавассути мақомоти маъмурии худ дар рафъи муомилоти ғайриқонунии силоҳи оташфишон, инчунин тафтиш ва ошкор намудани чунин силоҳе, ки аз ҳудуди як давлат ба қаламрави давлати дигар бурда мешавад, пешбинӣ менамояд. Таваҷҷуҳи зиёд дар Конвенсия ба масъалаи додани иҷозатномаи дугона (барои шахсе, ки дар кишвари истиқомати доимиаш чунин иҷозат дорад ва мехоҳад онро дар кишвари дигар дошта бошад) равона шудааст.

Конвенсия муқаррар мекунад, ки ҳар тарафи шартнома ҳуқуқи судури қонунҳо ва қоидаҳоро дар бораи силоҳи оташфишон нигоҳ медорад, аммо ба шарте, ки онҳо ба муқаррароти Конвенсия мухолифат накунанд. Вобаста ба ин, Конвенсия ҳамчунин барои яксонсозии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои гардиши ғайриқонунии силоҳи оташфишон аҳаммияти моддӣ (ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ) пайдо мекунад. Масалан, Конвенсия тафсири мафҳуми силоҳи оташфишон ва тиҷорати ин силоҳро додааст (ба таври муфассал). Дар Замимаи 1 Конвенсия зери мафҳуми силоҳи оташфишон инҳо фаҳмида мешаванд:

– механизми зарбазанӣ, тирпарронӣ, милли ҳама гуна ашёе, ки ба номгӯи объектҳои дар боло зикршуда ворид гашта, ҳамчун силоҳи оташфишон эътироф шудаанд;

– ҳама гуна лавозимоти ҷангӣ, тирҳо ва моддаҳое, ки махсус барои объектҳои дар боло зикршуда пешбинӣ шудаанд;

– ҳадафбинҳои оптикии дорои шуои равшанӣ ё ҳадафбинҳои оптикии дорои хусусияти афзояндаи электронии нур ё асбоби инфрасурх, ки барои насб дар ягон объекти дар боло зикршуда таъйин шудаанд;

– садохомӯшкунак, ки барои насб кардан дар дилхоҳ аз объектҳои дар боло зикршуда пешбинӣ шудааст;

– ҳама гуна норинҷак, бомба ё дигар лавозимоти ҷангӣ, ки бо маводи тарканда ё оташзананда муҷаҳҳаз шудааст.

Ҳамин тариқ, предмети ин ҷинояти байналмилалӣ на танҳо силоҳи оташфишон, балки қисмҳои асосии он низ мебошад.

Замимаи 1-и Конвенсия мафҳумҳои механизмҳои автоматӣ, нимавтоматӣ, яккарата, кӯтоҳмил, дарозмил ва инчунин механизмҳоеро, ки такроран тирборкуниро талаб мекунанд, шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, силоҳи автоматӣ силоҳҳое мебошанд, ки аз онҳо ба навбат тирандозӣ кардан мумкин аст, дар ҳоле ки силоҳи нимаавтоматӣ силоҳе мебошад, ки ҳар дафъа ҳангоми пахш кардани чангаки сардиҳанда аз он тир мепаронад. Мафҳуми аслиҳаи яккарата ба аслиҳае дахл дорад, ки мил ё милҳои он барои ҳар дафъа тирандозӣ дубора пурбор карда мешаванд; мафҳуми аслиҳаи кӯтоҳмил ба силоҳе дахл дорад, ки дарозии милашон аз 30 см зиёд нест ва ё дарозии умумии онҳо аз 60 см камтар аст, аслиҳаи дарозмил бошад, силоҳе дар назар дошта мешавад, ки дарозии он аз ин нишондоди зикршуда бештар аст. Мафҳуми механизме, ки дубора тир бор карданро талаб мекунад, ба силоҳҳое дахл дорад, ки ҳар дафъа барои фаъол кардани онҳо ба ғайр аз пахш кардани чангак дубора тир бор карданро талаб мекунанд. Мафҳуми силоҳи оташфишон нисбат ба ашёи зерин истифода намешавад:

а) ба таври ошкор қобили истифода набошанд;

б) ба сабаби иқтидори заиф имкони назорати онҳо дар кишваре, ки гардиш мекунанд, вуҷуд надошта бошад;

в) барои бардоштани бонги хатар, додани паём (сигнал);

г) ашёе, ки ба сабаби қадимӣ буданашон дар кишваре, ки аз он ҷо интиқол дода мешаванд, таҳти назорат қарор намегиранд.

Дар қонунгузории Тоҷикистон талаботи Конвенсия дар Қонун «Дар бораи силоҳ», аз 19 марти соли 2013 ва моддаи 195-и Кодекси ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 196 Кодекси ҷиноятӣ дар бораи сохтани силоҳ ҷавобгарӣ ба назар гирифта шудаанд.

«Ҷиноятҳои зикршуда ҳамчун таҳдид ба саломатӣ ва осоиштагии одамон ва таъсиррасони манфӣ ба пояҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии мамлакатҳо ҷомеаи ҷаҳониро» [2] ба ташвиш овардааст. Солҳои охир ҷиноятҳои зикршуда хусусияти устувори ҷиноятҳои муташаккили байналмилалиро касб намуда, бо фаро гирифтани доираи васеи фаъолият, ба созмонҳои ҷиноятии фаромиллӣ имконият фароҳам меоранд, ки бо роҳҳои гуногун боиси густариши фасод ва халалдоршавии фаъолияти муътадили онҳо гарданд.

Мақсади асосии Конвенсия дар ин ҷо на танҳо дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии силоҳ, балки дар пешниҳоди роҳҳо барои яксонсозии қонунгузории давлатҳо, пешгирии воридшавии силоҳ аз хориҷа ва таҳкими назорати сарҳад мебошад. Конвенсия таваҷҷуҳро ба муқаррароти таърифии силоҳи оташфишон ва механизмҳои гуногуни таърифшудаи онҳо, аз ҷумла намудҳои автоматӣ, нимавтоматӣ, яккарата ва ғайра равона мекунад.

«Муборизаи байналмилалӣ бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (аналогӣ) дар асоси Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ (1988)», [62, с. 60-89; 116, с. 608] бо дарназардошти Конвенсияи ягона оид ба маводи нашъаовар (1961) (бо тағйироту иловаҳои тибқи Протоколи 1972 ба он воридшуда) ва Конвенсия оид ба моддаҳои психотропӣ (1971) амалӣ карда мешавад [59, с. 24].

Конвенсияи соли 1988 таркиби ҷиноятҳоеро манъ мекунад, ки ба таври муфассал ва бо ҷузъиёти том тавзеҳ додааст ва он аз амалҳои зерин иборат аст: истеҳсол, таҳия, истихроҷ, омода кардан, пешниҳод кардан, ба фурӯш пешниҳод кардан, паҳн кардан, фурӯхтан, таҳвил додан бо ҳама гуна шартҳо, миёнаравӣ, ирсолкунӣ, ирсоли транзитӣ, интиқол, воридот ё содироти ҳама гуна маводи нашъаовар ё ягон моддаи психотропӣ, ки хилофи муқаррароти он ва муқаррароти Конвенсияи солҳои 1961 ё 1971 мебошад; парвариши кӯкнор, буттаи кока ё гиёҳи каннабис бо мақсади истеҳсоли маводи

мухаддир, ки хилофи муқаррароти Конвенсияи мазкур ва Конвенсияи соли 1961 аст; нигоҳ доштан ё хариди ҳама гуна воситаҳои нашъаовар ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади содир намудани яке аз амалҳои дар боло зикршуда; истеҳсол, интиқол ё тақсимоти таҷҳизот, мавод ё моддаҳои дар ҷадвалҳои I ва II нишондодашуда.

Дар замимаи Конвенсия (кислотаи лизергин, эфедрин, атсетон ва дигар моддаҳои дар онҳо зикршуда), оварда шудааст.

«Илова бар ин, бо дарназардошти муқаррароти конститутсионӣ ва принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии он, ҳар як кишвари узви Конвенсия ҳуқуқ дорад кирдорҳои зеринро ҳамчун ҷазо эътироф намояд» [163, с. 11]:

– ба даст овардан, ихтиёрдорӣ ё истифода кардани амволе, ки дар лаҳзаи гирифтани он маълум бошад, ки чунин амвол бо роҳи содир намудани ҳадди ақал яке аз ҷиноятҳои дар боло зикршуда ё бо иштирок дар содир намудани онҳо ба даст омадааст;

– доштани таҷҳизот ё маводи дар ҷадвалҳои I ва II замимаи Конвенсия зикргардида, агар маълум бошад, ки онҳо барои парвариш, истеҳсол ё истеъмоли ҳама гуна воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ истифода мешаванд ё пешбинӣ шудаанд;

– таҳрики оммавӣ ё бо ҳар роҳ водор намудани дигарон ба содир намудани яке аз ҳуқуқвайронкуниҳои дар боло зикршуда ё ба истифодаи ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ [163, с. 11].

Конвенсияи соли 1988 ҳуқуқи ҳар як давлатро барои татбиқи чораҳо (ҷазоҳо), ки барои мубориза бо қасдан нигоҳ доштан, ба даст овардан ё парвариш кардани ҳама гуна маводи нашъаовар ё моддаҳои психотропӣ барои истеъмоли шахсӣ бар хилофи Конвенсияи 1991 лозиманд, бо дарназардошти муқаррароти конститутсионӣ ва принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии он пешбинӣ кардааст.

Мутобиқи Конвенсияи соли 1988 ҳар як тараф барои содир намудани ҷиноятҳои дар боло зикршуда ҷазоҳое пешбинӣ мекунад, ки хусусияти ҷиддии ҷиноятҳои манъкардаи онро ба назар мегиранд, аз қабили ҳабс ё

дигар шаклҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷарима ва мусодира. Ба ғайр аз маҳкумият ё татбиқи ҷазо барои ҷиноятҳои зикршуда, тарафҳо метавонанд ҳамчунин чораҳоеро, аз қабили табобат, аз нав тарбия кардан, назорати минбаъдаи фард, барқарорсозии қобилияти корӣ ё тавонбахшии иҷтимоӣ пешбинӣ кунанд. Агар ҷиноятҳои содиршуда хусусияти чандон ҷиддӣ надошта бошанд, тарафҳо метавонанд ба сифати чораи алтернативӣ дар ивази таъйини ҳукм ё ҷазо чораҳои аз нав тарбия кардан, барқарорсозии қобилияти корӣ ё тавонбахшии иҷтимоиро амалӣ намоянд ва агар ҷинояткор нашъаманд бошад, табобат ва назорати минбаъдаи ӯро пешбинӣ кунанд.

Конвенсия дар бораи воситаҳои нашъадор (1988) таърифи воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропиро додааст [6]. Зери ибораи аввал ҳама гуна моддаҳои табиӣ ё синтетикиро, ки дар замимаҳои I ва II Конвенсияи соли 1961 оид ба маводи мухаддир (бо иловаҳо) дохил карда шудаанд, фаҳмида мешавад ва таҳти ибораи дуюм ҳама гуна моддаҳои табиӣ ё синтетикӣ ё ҳама гуна маводи табиие фаҳмида мешаванд, ки ба замимаҳои I-IV Конвенсияи соли 1971 дохил карда шудаанд.

Дар ин замина бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21 январи соли 2000, №390, феҳристи миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва пешмодда (прекурсор)-ҳои онҳо тасдиқ карда шудааст.

Дар моддаи 200-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «барои ғайриқонунӣ омода кардан, харидан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ё фурӯши воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, инчунин вайрон кардани қоидаҳои истеҳсол, омодакунӣ, коркард, нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ, додан, фурӯхтан, тақсим, интиқол, содирот, истифодабарии маводи нашъадор ё худ, моддаҳои психотропӣ, асбобҳо ё таҷҳизоте» [2], ки барои истеҳсоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ таҳти назорати махсус истифода мешаванд, аз ҷониби шахсе, ки барои риояи қоидаҳои зикршуда уҳдадор аст, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Мубориза байналмилалӣ бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар асоси се конвенсия муҳим

сурат мегирад: Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ (1988), Конвенсияи ягона оид ба маводи нашъаовар (1961) ва Конвенсия оид ба моддаҳои психотропӣ (1971). Ҳар як, аз ин асноди байналмилалӣ барои танзими мубориза умумӣ ба воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ чараёнҳои мувофиқи ҳуқуқӣ, ҷазоҳо ва чораҳои ҳамкории байналмилалӣ, аз ҷумла мусодира, истирдод, ёрии ҳуқуқии мутақобила ва дигар механизмҳои ҳамоҳангсозӣ пешниҳод мекунад.

Конвенсияи соли 1988, ки барои муборизаи муассир алайҳи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ таҳия шудааст, фаъолиятҳои манъшударо бо тафсилот муайян мекунад, ки ин амалҳоро дар бар мегирад: истеҳсол, таҳия, таҳвил, паҳнкунӣ, фурӯш ва тақсимоти воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ. Ҳамчунин, он парвариши гиёҳҳои нашъадор, монанди кӯкнор ва каннабисро, ки барои истеҳсоли маводи нашъаовар истифода мешаванд, манъ мекунад.

Бар асоси муқаррароти Конвенсия, ҳар як кишвар, ки ба он пайвастааст, дар муқобили ин ҷиноятҳо ҷазоҳои махсусро муайян мекунад, ки метавонанд маҳрум кардан аз озодӣ, ҷарима ва мусодираи моликиятро дар бар гиранд. Дар айни замон, Конвенсия пешниҳоди дигар чораҳоро, монанди табобат, тарбия ва барқарорсозии қобилиятҳо ва тавонбахшии иҷтимоии муҷримонро дар назар дорад.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№390, 21-уми январи соли 2000) бо мақсади пурзӯр кардани мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ. Феҳристи миллии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро тасдиқ кардааст, ки дар он маводи нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо (маводи кимиёвии асосӣ барои истеҳсоли моддаҳои нашъадор) ҳамчун номгӯй дохил шудаанд.

Хусусиятҳои ҷиддии ҷиноятҳои манъшударо, ки дар конвенсияҳо муайян шудаанд, ҷазоҳои мувофиқ ва чораҳои ислоҳотӣ барои муҷримон пешбинӣ

намуда, дар тартиб додани як сиёсати ҳамоҳанг барои муборизаи муассир бо ин гуна ҷиноятҳо кумак мерасонанд.

### 3.2. Таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии экстремизм ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ ба муқобили ҳокимияти давлатӣ

Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ аз ҷиддитарин ва хавфноктарин ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҳар як низоми ҳуқуқӣ ба шумор мераванд. «Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гуна ҷиноятҳо дар фасли XIII танзим гардидаанд, онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқвайронкуниҳоро, ки ба сохтори давлатӣ, амният, тартиботи идоракунӣ ва адолати судӣ таҳдид мекунанд, дар бар мегиранд» [2].

Ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ фасли XIII КҶ ҶТ бахшида шудааст, ки аз чор боби зерин иборат мебошад: «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ» (боби 29); «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ» (боби 30); «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи идоракунӣ» (боби 31); «Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ» (боби 32) [225].

Ба назари аввал, фасли XIII Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатиро танзим мекунад, метавонад чун маҷмуи меъёрҳое қабул шавад, ки танҳо манфиатҳои дохилии давлатро ҳифз менамоянд. Аммо таҳлили амиқтари муқарраротии он нишон медиҳад, ки бисёре аз ин меъёрҳо на танҳо ба ҳимояи амнияти миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ равона шудаанд, балки ба риояи стандартҳо ва принсипҳои эътирофшудаи байналмилалӣ низ мутобиқат мекунанд.

«Декларатсияи Вена ва Акти хотимавии Анҷумани Хелсинки оид ба амният ва ҳамкории Аврупо ухдадориҳои давлатҳоро дар бораи эҳтиром ба ҳуқуқи инсон, принсипҳои демократӣ ва озодиҳо таъкид менамоянд» [3]. Дар ин замина, ҳар гуна ҷиноятҳое, ки ба заифсозии демократия, халалдор сохтани мустақилияти судҳо ё маҳдуд намудани ҳуқуқҳои ҳаракатҳои мухолифин равона шудаанд, метавонанд аз призмаи ухдадориҳои

байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои демократӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Дар қ. 1 м. 1 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, аз 19-уми декабри соли 1966, чунин муқаррар шудааст: «Ҳамаи халқҳо ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ доранд. Вобаста ба ин, онҳо озодона мақоми сиёсии худро муайян мекунанд…» [39]. Дар КҶ ҶТ ба ин меъёр, аз ҷумла, м. 306 («бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият»), моддаи 307 («Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон») ва моддаи 313 («Исёни мусаллаҳона») мутобиқат мекунанд.

Экстремизм хатари ҷиддӣ ба амният, субот ва тартиботи ҳуқуқӣ ҳам дар дохили кишварҳо ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Моҳияти он дар фаъолияти ғайриқонуние ифода меёбад, ки на танҳо қонунҳои давлатро вайрон мекунад, балки метавонад ба асосҳои сохтори конститутсионӣ таъсири ҷиддӣ расонад, ҳамчунин ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон таҳдид эҷод мекунад, муносибатҳои байнидавлатиро халалдор месозад ва ҳатто ҷомеаи ҷаҳониро низ фаро мегирад.

Мубориза бо экстремизм вазифаи афзалиятнок дар арсаи байналмилалӣ мебошад ва барои ҳалли самараноки он ҳамоҳангсозии талошҳои кишварҳои гуногун ва ташкилотҳои байналмилалӣ талаб карда мешавад. Дар сатҳи глобалӣ конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ нақши муҳим бозида, ба пешгирии зуҳуроти экстремистӣ ва ҳамоҳангсозии амалкарди давлатҳо равона шудаанд. Дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ бошад, механизмҳои ҳуқуқӣ таҳия гардидаанд, ки имкон медиҳанд фаъолияти экстремистӣ ба таври муассир боздошта шавад ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз таҳдидҳои вобаста ба ин падида ҳифз гарданд.

Бо вуҷуди ин, мубориза бо экстремизм бояд бо риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон сурат гирад ва ҳаргуна шакли табъиз ё маҳдудсозии беасоси ҳуқуқҳои шаҳрвандиро истисно намояд. Ин талаб мекунад, ки мақомоти давлатӣ на

танҳо амалкарди фавриву қатъӣ, балки ҳамзамон риояи қонуният, адолат ва эҳтиром ба ҳуқуқҳои асосии инсонро таъмин намоянд.

Конвенсияҳои байналмилалие, ки дар доираи СММ қабул шудаанд, аз ҷумла Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо маблағгузории терроризм (1999), Конвенсия оид ба мубориза бо амалҳои терроризми ядроӣ (2005) ва дигарҳо. Воқеан асосҳои ҳуқуқиро барои ҳамкории байни давлатҳо фароҳам меоранд, то ҳамоҳангсозӣ ва мубодилаи иттилоот беҳтар гардад, инчунин кумаки ҳуқуқӣ дар тафтиши ҷиноятҳои террористӣ тақвият ёбад. Бо вуҷуди ин, чунин санадҳо хусусияти умумӣ дошта, барои иҷро ҳатмӣ нестанд. Давлатҳо худашон муайян мекунанд, ки то кадом андоза ба ин тавсияҳо пайравӣ намоянд, ки ин самаранокии онҳоро маҳдуд месозад.

Масъалаи муҳимми дигаре, ки дар сатҳи байналмилалӣ вуҷуд дорад, набудани фаҳмиши ягонаи истилоҳи «экстремизм» мебошад. Бархилофи терроризм, ки кирдорҳое чун ғасби ҳавопаймо, гаравгонгирӣ, истифодаи маводи ядроӣ ва дигар амалҳои зӯроварӣ таърифи возеҳ доранд, экстремизм мафҳуми норавшан боқӣ мемонад. Дар кишварҳои гуногун муносибат ба таҳлили ин истилоҳ метавонад фарқ кунад, ки ин ташкили сиёсати ягонаи байналмилалиро оид ба муқовимат ба он душвор мегардонад.

Бо вуҷуди ин, созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, мекӯшанд равишҳои муштаракро таҳия намуда, ҳамкории байни давлатҳоро тақвият диҳанд. Масалан, бисёре аз конвенсияҳои номбаршуда оид ба мубориза бо терроризм ба масъалаҳое низ дахл мекунанд, ки бо амалҳои экстремистӣ вобаста мебошанд, зеро экстремизм аксар вақт замина барои пайдоиши амалҳои террористӣ мегардад.

Қисми муҳимми фаъолияти байналмилалӣ, инчунин механизмҳои кумаки ҳуқуқӣ дар тафтиши ҷиноятҳое мебошанд, ки бо терроризм ва экстремизм алоқамандананд. Ин механизмҳо на танҳо мубодилаи иттилоот, балки таҳқиқоти муштарак, экстрадитсияи гумонбар дар содир кардани чунин ҷиноятҳо, инчунин истифодаи базаҳои умумии иттилоотиро барои пешгирии терроризми байналмилалӣ дар бар мегиранд.

Дар мавриди танзими ҳуқуқӣ дар сатҳи миллӣ, қадами муҳим барои муборизаи самаранок бо экстремизм ин таҳияи таснифи равшан ва ҳамаҷонибаи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Кодекси ҷиноятӣ, беҳтарсозии механизмҳои ҷазодиҳӣ ва пешгирии чунин кирдорҳо ба шумор меравад. Аммо ҳар гуна чунин тағйирот бояд ба стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мутобиқат дошта, тавозуни заруриро байни таъмини амният ва ҳифзи озодиҳои шаҳрвандӣ таъмин намояд.

Дар ниҳоят, новобаста аз душвориҳо, ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо экстремизм нақши ниҳоят муҳим мебозад ва танҳо тавассути талошҳои муштараки давлатҳо метавон назорати самаранок ва паст кардани сатҳи таҳдидҳоро, ки аз ин падидаҳо сар мезананд, таъмин намуд.

«Дар доираи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025, як Маркази ягонаи иттилоотӣ барои пешгирии экстремизм, терроризм ва ҷиноятҳои киберӣ дар Дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ таъсис ёфтааст» [215]. Ҳадафи асосии ин марказ ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот барои муқовимат бо чунин зуҳурот аст [215].

Дар фасли 3, банди 23, зербанди 8-и Стратегия, таъкид мешавад, ки як самти муҳим дар муқовимат ба экстремизм, таҳияи тадбирҳои иловагӣ барои тақвият ва истифодаи имкониятҳои интернет мебошад, бо мақсади шарҳи сиёсати давлат дар мубориза бо экстремизм ва терроризм.

Барнома инчунин ба вусъат додани фаъолияти давлатӣ дар соҳаи интернет ва истифодаи воситаҳои ахбори омма бо мақсади пешгирӣ кардани экстремизм ва терроризм дар фазои рақамӣ таваҷҷуҳ дорад.

«Меъёрҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи байналмилалӣ оид ба барҳамдиҳии ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ (1965), Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ №36/55 (1981)» [16] ва ғ., воқеан дар мубориза бо таҳаммулнопазирӣ, табъиз ва экстремизм, аз ҷумла дар заминаи ҳифзи ҳуқуқҳои ақкалиятҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ва забонӣ, нақши муҳим доранд [16].

Таваҷҷуҳи хоса бояд ба он равона гардад, ки чунин санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Декларатсия оид ба ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба аққалиятҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ва забонӣ тааллуқ доранд (1992), дар маркази сиёсати худ ҳифзи ҳуқуқҳои аққалиятҳо ва пешгирии табъизро қарор медиҳанд. Аммо, онҳо аксар вақт таърифи возеҳи худи мафҳуми экстремизмро дар бар намегиранд ва танҳо амалҳои мушаххасро маҳкум мекунанд. Ин бешубҳа, татбиқи меъёрҳои ин санадҳоро дар амал душвор месозад, зеро фаҳмиши дақиқи он, ки кадом амалҳо метавонанд ҳамчун экстремистӣ эътироф шаванд, зарур аст.

Конвенсияи байналмилалӣ оид ба барҳамдиҳии ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ (1965) таърифи равшантареро оид ба табъизи нажодӣ пешниҳод мекунад ва онро чунин муайян месозад: «Ҳар гуна фарқият, истисно, маҳдудсозӣ ё бартарият, ки дар асоси аломатҳои нажод, ранги пӯст, миллат ё пайдоиши этникӣ сурат мегирад». Ин муайянсозӣ метавонад барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар ҳуқуқи байналмилалӣ истифода шавад. Он дар мубориза алайҳи зуҳуроти экстремистӣ, ки ба фарқиятҳои нажодӣ, этникӣ ва фарҳангӣ асос ёфтаанд, кумак менамояд ва пешгирии амалҳои зӯроварӣ ва таҳаммулнопазириро дар ин замина таъмин мекунад.

Бо вуҷуди ин, дар сатҳи байналмилалӣ мафҳуми ягона ва дақиқ муайяншудаи «экстремизм» вуҷуд надорад. Масалан, дар Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ, аз 9-уми декабри соли 1994, худи истилоҳи «экстремизм» низ таърифи равшани ҳуқуқӣ надорад ва дар он танҳо кирдорҳое зикр мешаванд, ки метавонанд бо экстремизм алоқаманд бошанд. Ин барои татбиқи қонун мушкилот эҷод мекунад, зеро бидуни таърифи мушаххас муайян намудани он ки кадом кирдор маҳз экстремистӣ ба шумор меравад ва он бояд чӣ гуна бандубаст шавад, душвор аст [37].

Муҳим аст, ки дар сатҳи миллӣ низ механизмҳои равшан ва мутавозуни муқовимат ба зуҳуроти экстремистӣ бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ ва риояи ҳуқуқи инсон таҳия карда шаванд.

Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ, аз 9-уми декабри соли 1994, (№ 49/60), нигаронии СММ-ро нисбат ба амалҳои террористӣ, ки бо таҳаммулнопазирӣ ё экстремизм ангезиш меёбанд, баён мекунад [37]. Дар ин ҷо, дар заминаи хатари ҷаҳонии терроризм, экстремизм ҳамчун яке аз омилҳое баррасӣ мешавад, ки ба амалҳои зӯроварӣ ва халалдоркунии тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Қатъномаи Шурои Амнияти СММ (2001), ки пас аз ҳодисаҳои 11-уми сентябри соли 2001 қабул шудааст, ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм равона гардидааст [38]. Дар он ҳамчунин таъкид мешавад, ки терроризм метавонад аз ғояҳои экстремистӣ ва таҳаммулнопазирӣ сарчашма гирад. Ин қатънома зарурати муқовимат ба терроризм ва экстремизмро таъкид намуда, аҳаммияти талошҳои байналмилалиро дар мубориза бо ин таҳдидҳо зикр мекунад.

Дар Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ, аз 22-юми декабри соли 2003, (№ 58/174), экстремизм ҳамчун таҳдид ба тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ва амният баррасӣ мешавад [38].

Илова бар ин, дар як қатор қатъномаҳои СММ дар баробари «экстремизм» истилоҳҳое низ истифода мешаванд, ки аз лиҳози моҳият ва самтгириашон ба он наздиканд. Ба онҳо чунин мафҳумҳо дохил мешаванд, мисли ксенофобия, миллатгароӣ ва нажодпарастӣ, ки ҳамчунин ба шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз мансубанд ва метавонанд ба сифати замина барои ғояҳои экстремистӣ хизмат кунанд.

Ксенофобия ин бадбинӣ ё душманӣ нисбат ба ашхосест, ки ба нажод, миллат ё фарҳанги дигар тааллуқ доранд ва ҳамчун яке аз шаклҳои таҳаммулнопазирӣ баррасӣ мешавад, ки метавонад ба амалҳои экстремистӣ оварда расонад.

Миллатгароӣ ва нажодпарастӣ ин ғояҳое мебошанд, ки бартарии як миллат ё як нажодро нисбат ба дигарон тарғиб мекунанд. Дар Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ, аз 18-уми декабри соли 1967, (№2331), зарурати андешидани чораҳо алайҳи миллатгароӣ ва таҳаммулнопазирии нажодӣ

таъкид мегардад. Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ, аз 8-уми сентябри соли 2000, (№ 55/2), бошад, муқаррароти марбут ба нажодпарастиро ҳамчун яке аз шаклҳои рафтори экстремистӣ дар бар мегирад, ки бояд дар сатҳи байналмилалӣ решакан карда шавад.

Гарчанде истилоҳҳое, мисли экстремизм, ксенофобия, миллатгароӣ ва нажодпарастӣ, дар қатъномаҳои гуногуни байналмилалӣ васеъ истифода мешаванд, муҳим аст таъкид кард, ки ин мафҳумҳо ба таърифи ҳуқуқии равшан ва татбиқи амалӣ дар қонунгузории миллӣ ниёз доранд. Дар сатҳи байналмилалӣ тавсияҳо ва стандартҳои умумӣ барои мубориза ба ин падидаҳо вуҷуд доранд, аммо барои муборизаи самаранок бо экстремизм дар сатҳи миллӣ зарур аст, ки ин меъёрҳо мутобиқ ба низоми ҳуқуқӣ ва воқеияти иҷтимоии кишвар татбиқ карда шаванд.

Бо дарназардошти он, ки созишномаҳо ва қатъномаҳои байналмилалӣ аксаран характери тавсиявӣ доранд, муҳим аст, ки мақоми қонунгузории миллӣ тадбирҳои ҳуқуқӣ таҳия ва татбиқ намояд, ки ба пешгирии амалҳои экстремистӣ равона шудаанд. Барои ин зарур аст:

Таҳия ва татбиқи механизмҳои равшантари таҳқиқ ва ҷазо барои амалҳои экстремистӣ, аз ҷумла фаъолияти вобаста ба тарғиби зӯроварӣ ва таҳаммулнопазирӣ.

Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба пешгирии терроризм, аз 16-уми майи соли 2005, (ETS № 196), [20] ба пешгирии терроризм равона шудааст, аз ҷумла тадбирҳои марбут ба пешгирӣ, ҷалб, омодасозӣ ва ташкилкунии фаъолияти террористӣ. Ин конвенсия инчунин масъалаи ҷазо додан барои сафедкунии ошкорои терроризм ва барангехтани амалҳои террористиро дар бар мегирад.

Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба расмӣ кардани пулҳои ғайриқонунӣ, ошкорсозӣ, ситонидан ва мусодираи даромадҳо аз фаъолияти ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм, аз 16-уми майи соли 2005, (ETS № 198), ба мубориза бо маблағгузории терроризм равона шудааст, ки ҷузъи муҳимми мубориза бо гурӯҳҳои экстремистӣ мебошад, зеро дастгирии молиявӣ аксар вақт пояи фаъолияти онҳо мебошад.

Конвенсияи Аврупоӣ оид ба пешгирии терроризм, аз 27-уми январи соли 1977, (ETS № 090) ва Протоколи иловагии он, аз 15-уми майи соли 2003 (ETS № 190) асоси ҳуқуқиро барои ҳамкории байни кишварҳо дар масъалаҳои мубориза бо терроризм фароҳам меоранд.

Ҳамаи ин конвенсияҳо, ҳамчунин қарорҳои СММ, умуман ба пешгирӣ ва боздошти фаъолияти террористӣ, инчунин ба ҷазо барои шаклҳои гуногуни экстремизм, аз ҷумла даъват ба зӯроварӣ, ҷалб ба ташкилотҳои террористӣ, маблағгузории терроризм ва сафедкунии амалҳои зӯроварона равона шудаанд.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, сарфи назар аз созишномаҳои фарохи байналмилалӣ, воқеан фаҳмиши ягонаи мафҳуми экстремизм вуҷуд надорад. Мушкил дар он аст, ки дар кишварҳои гуногун маънидодсозии ин мафҳум метавонад фарқ кунад, ки ин ҳангоми тафсири қонунҳо ва ҳаллу фасли масъалаҳои қонуниятии кирдорҳои шахсон ё гурӯҳҳо душворӣ ба вуҷуд меорад. Дар баъзе кишварҳо экстремизм метавонад ҳамчун ҳар гуна рафторе муайян карда шавад, ки ба заифсозии тартиботи ҷамъиятӣ ё барангехтани нафрат равона шудааст, дар ҳоле ки дар кишварҳои дигар экстремизм чун шакли маҳдуди рафтори зӯроварона, ки бевосита ба эътиқодҳои сиёсӣ ё динӣ вобаста аст, фаҳмида мешавад.

Т.Ш. Шарипов [173, с. 47], Ҳ.С. Сафаров [115, с. 23], М.П. Ҳайдарзода [162, с. 124] ва И.А. Сазонов «мафҳуми экстремизмро дар робита бо ақидаву чораҳои ниҳоии (қатъӣ) шарҳ дода, шаклҳои зӯроварона ва ғайризӯроваронаи экстремизмро ба муҳокима гузоштаанд. Онҳо бар он таъкид мекунанд, ки аломати асосии «ақида ва амалҳои қатъӣ мавҷудияти ғояҳо ва амалҳое мебошад, ки зӯровариро барои ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, динӣ, миллӣ, нажодӣ ва ё маҳалгароӣ раво медонанд» [169, с 115].

Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», аз 2-юми январи соли 2020, №1655, мафҳуми экстремизм ҳамчун «ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки бо истифода аз зӯроварӣ ва амалҳои зиддиқонунии дигар барои ҳал кардани масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ,

ҷамъиятӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст» [35] фаҳмида мешавад.

Дар банди 2 моддаи 1-и Қонуни мазкур, «табиати пурраи ҳуқуқии экстремизм бо мафҳуми фаъолияти экстремистӣ шарҳ дода шудааст, ки он чунин аст: Фаъолияти экстремистӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, ВАО ё дигар ташкилотҳо, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ, ки ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд»[35], мебошад.

М.П. Ҳайдарзода, дар баррасии қонунгузории амалкунандаи зиддиэкстремистӣ, мафҳуми «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта»-ро тавзеҳ дода, онҳоро ҳамчун кирдорҳои хатарноки ҷамъиятӣ медонад, ки «бар асоси ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ бо мақсади маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, вайрон кардани тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва сулҳу амнияти байналмилалӣ равона шудаанд» [185, с. 12]. Ба ин гуна ҷиноятҳо, ки бо мақсади таҳдид ва кӯшиш барои тағйир ё барҳам задани сохтори ҷомеа ё давлати ҳуқуқӣ содир мешаванд, мувофиқ ба моддаҳои 143, 157, 158, 160, 188, 189, 237, 237 (1), 242, 243, 307, 307(1), 307(2), 307(3) ва 307(4) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст [185, с. 12].

Ба андешаи А.Х. Имомов, мавҷудияти ҳудуди номуайян ва тафсироти васеи мафҳумҳои «ҷанг», «зӯрӣ», «терроризм» ва «экстремизм» метавонад монеаҳоеро барои расидан ба тавофуқ ва арзёбии яксон дар мавриди амалҳои зӯроварӣ ба вуҷуд оварад. Ин муаммо барои давлатҳо дар мубориза бо таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ халал эҷод мекунад ва ҳамкории байнидавлатиро мушкил месозад [64, с. 29].

«Аввалин кӯшиши таҳияи мафҳуми экстремизм дар ҳудуди созишномаи Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм ба 15-уми июни соли 2001 бармегардад, ки Тоҷикистон, Чин, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба унвони давлатҳои иштироккунандаи он мебошанд» [58, с. 37].

Мутобиқи б. 3, қ. 1, м. 1-и Конвенсияи мазкур, мафҳуми «экстремизм» ингуна таъриф мешавад: «Ҳар кирдоре, ки бо роҳи зӯроварона ғасб кардани ҳокимият ё нигоҳ доштани он, инчунин, бо роҳи зӯроварона тағйир додани сохти конститутсионӣ ва таҷовузи зӯроварона ба амнияти ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Инчунин, ташкил кардани воҳидҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ё иштирок дар онҳо, ки мутобиқи қонунгузории миллӣ дар кишварҳо ҷиноят ҳисобида мешавад» [46].

«Мутобиқи б. 2, қ. 1, м. 1-и Конвенсияи нави Созмони ҳамкории Шанхай (Оид ба муқовимат ба экстремизм (ифротгароӣ)), аз 9-уми июни соли 2017, ки бо қарор ва тасдиқи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21-уми феврали соли 2018, №1002, қабул шудааст, мафҳуми экстремизм фарохтар ва васеътар ифода ёфта, ҷавҳари асосии экстремизми муосирро фарогир менамояд. Ҳамин тавр, гарчанде дар сатҳи байналмилалӣ санадҳои муҳимме мавҷуданд, ки терроризм ва экстремизмро дар бар мегиранд, мушкил дар он аст, ки ба сабаби фарқият дар низомҳои ҳуқуқии миллӣ ва заминаҳои сиёсӣ, ҳамеша муяссар намешавад, ки меъёрҳои дақиқ ва ягона барои мубориза самаранок бо фаъолияти экстремистӣ таҳия карда шаванд»[43; 46].

Барои он ки мубориза бо экстремизм дар сатҳи миллӣ самаранок бошад, зарур аст, ки стандартҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоми ҳуқуқии кишвар мутобиқ гардонида шаванд.

Хавфноктарин шаклҳои зуҳури экстремизм, ба монанди ҷалб ба ташкилотҳои террористӣ, барангехтани зӯроварӣ ва маблағгузории терроризм, бояд криминализатсия карда шаванд, то мубориза бо ин падида самараноктар гардад.

Дар ҳақиқат, «Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба масъалаҳои мубориза бо экстремизм таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳад, ки ин дар Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм, ки 15 июни соли 2001 ба имзо расидааст, инъикос ёфтааст» [43; 46]. Ин конвенсия барои кишварҳои узви СҲШ санади муҳим гардид, зеро он на танҳо мафҳуми экстремизмро муайян кард, балки принсипҳо ва механизмҳои асосиро барои муқовимат ба ин таҳдидҳо таҳия намуд.

Мувофиқи қисми 3 моддаи 1-и Конвенсияи Шанхай, экстремизм чунин муайян мешавад: «ҳар гуна кирдоре, ки ба ғасби зӯроваронаи ҳокимият ё нигоҳ доштани зӯроваронаи ҳокимият, инчунин ба тағйир додани сохтори конститутсионии давлат бо роҳи зӯроварӣ, ҳамчунин ба таҷовузи зӯроварона ба амнияти ҷамъиятӣ равона шудааст, аз ҷумла ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ барои ин ҳадафҳо ё иштирок дар онҳо» [46].

Ин таъриф ду ҷанбаи муҳимми фаъолияти экстремистиро таъкид мекунад:

1. Моҳияти сиёсии экстремизм, ки ба тағйир додани сохти сиёсӣ ё нигоҳ доштани ҳокимият бо роҳи зӯроварӣ алоқаманд аст.

2. Ташкил ё иштирок дар гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ки мустақиман ба фаъолияти террористӣ ва ноустувории ҷомеа алоқаманд мебошад.

Конвенсия пешбинӣ мекунад, «ки экстремизм тибқи қонунгузории миллии кишварҳои иштирокчӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ин қадами муҳим дар самти муттаҳид сохтани равишҳо дар кишварҳои СҲШ мебошад» [43; 46]. Он асоси ҳуқуқиро барои ҳамоҳангии иқдомҳо ва кумаки ҳуқуқии мутақобила, аз ҷумла экстрадитсия, дар ҳолати содир шудани ҷиноятҳои экстремистӣ фароҳам меорад. Конвенсия аҳаммияти ҳамкории кишварҳои узви СҲШ-ро дар мубориза бо экстремизм таъкид мекунад.

Ворид намудани масъалаҳои муқовимат ба экстремизм ба доираи созишномаҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи Шанхай, ба

мубодилаи иттилоот, ҳамоҳангии амалҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва гузарондани амалиёти муштарак мусоидат мекунад.

Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин конвенсия аз чанд ҷиҳат аҳаммияти калон дорад:

1. Ба такмили механизмҳои ҳуқуқӣ барои мубориза бо экстремизм, аз ҷумла дар самти пешгирии ғасби зӯроваронаи ҳокимият, исёни мусаллаҳона ва дигар шаклҳои зӯроварӣ мусоидат мекунад.

2. Заминаи ҳуқуқиро барои ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя дар масъалаи таъмини амният фароҳам меорад, ки барои давлатҳое, ки дар минтақаҳои хавфи баланди ноустуворӣ ҷойгиранд, хеле муҳим аст.

3. Имкониятҳои ҳамкории муштаракро дар доираи сохторҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба вуҷуд меорад, ки ин ба тақвияти назорат бар густариши ғояҳои экстремистӣ мусоидат мекунад.

Барои татбиқи самараноки муқаррароти Конвенсияи Шанхай дар ҳуқуқи миллӣ зарур аст:

1. Дар қонунгузории кишварҳои узви СҲШ таърифҳои возеҳ ва дақиқи амалҳои экстремистӣ бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ таҳия карда шаванд.

2. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои иштирок дар амалҳои экстремистӣ, аз ҷумла ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва иштирок дар онҳо, муқаррар карда шавад.

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои чунин созишномаҳо ин аст, ки терроризм ҳамчун кирдоре эътироф мешавад, ки ба тарс андохтани аҳолӣ ва фишор овардан ба мақомоти давлатӣ ё созмонҳои байналмилалӣ равона шудааст. Дар ин замина таърифи муҳимме пешниҳод мегардад, ки таъкид мекунад: терроризм метавонад кирдоре бошад, ки ба расонидани зарар ба объекти моддӣ ё ба саломатии инсон бо мақсади тарсондани аҳолӣ ё халалдор намудани тартиботи ҷамъиятӣ равона шудааст.

Дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба таҳияи тадбирҳои муштараки зиддитеррористӣ, зиддисепаратистӣ ва зиддиэкстремистӣ

таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Созишнома оид ба Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ, ки 7 июни соли 2002 қабул шудааст, дар таъмини ҳамоҳангии амалҳо миёни кишварҳои узви СҲШ дар мубориза бо ин таҳдидҳо нақши калидӣ мебозад [43]. Мувофиқи ин созишнома, кишварҳои узв уҳдадоранд, ки ҳамкориро дар соҳаи фаъолияти зиддитеррористӣ, инчунин дар масъалаҳои мубориза бо экстремизм пайваста рушд ва такмил диҳанд.

Вазифаи асосии Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ ин мусоидат ба ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории мақомоти салоҳиятдори кишварҳои узви СҲШ буда, инҳоро дар бар мегиранд:

– таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо барои беҳтар намудани ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм;

– гузаронидани тамринҳои зиддитеррористӣ;

– ташкили чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

Истифодаи чунин воситаҳо, мисли Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ, барои минтақаҳое, ки таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар онҳо бештар эҳсос мешаванд, аҳаммияти махсус дорад. Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳамкорӣ дар доираи СҲШ ба беҳтар шудани мубодилаи иттилоот, баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангӣ ва муқовимати муассир ба таҳдидҳои амниятии ҳам байналмилалӣ ва ҳам дохилӣ мусоидат мекунад.

Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (моддаи 307/3). Дар воқеъ меъёрҳое, ки экстремизмро манъ мекунанд, кайҳо боз дар КҶ ҶТ вуҷуд доштанд, аммо номи онҳо дигаргуна буд. Аз ин рӯ, ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ танҳо ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ нисбат дода мешавад, ки моҳияти он аз ташкили иттиҳоди ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ташкилоте иборат мебошад, ки нисбат ба онҳо қарори ба ҳукми қонунӣ даромадаи суд дар бораи барҳамдиҳӣ ё манъ будани фаъолият дар робита ба амалисозии фаъолияти экстремистӣ содир шудааст. Мафҳуми «фаъолияти

экстремистӣ дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» шарҳ дода мешавад» [43].

Меъёрҳои байналмилалие, ки фаъолияти экстремистиро манъ мекунанд, мушаххас нестанд ва хусусияти умумӣ доранд. Масалан, Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм, аз 15-уми июни соли 2001, мафҳуми экстремизмро шарҳ дода, онро чунин таъриф додааст: «Ҳар кирдоре, ки ба ғасб ё нигоҳ доштани ҳокимият бо роҳи зӯроварӣ, бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ, сӯиқасди таҷовузкорона ба амнияти ҷомеа, аз ҷумла ташкили дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ бо мақсадҳои дар боло зикршуда ё иштирок дар онҳо, ки мувофиқи қонунгузории миллии тарафҳо мавриди таъқиби ҷиноятӣ қарор дода мешаванд» [43; 46].

Созишномаҳои универсалии байналмилалӣ баробарҳуқуқии умумӣ ва роҳ надодан ба табъизро эълон кардаанд. Моддаи 20-и Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ махсус таъкид мекунад, ки ҳама гуна баромадҳо ба нафъи адовати миллӣ, нажодӣ ё мазҳабӣ, ки тахриб ба табъиз, хусумат ё зӯровариро ифода мекунад, бояд тибқи қонун манъ карда шавад.

Метавон гуфт, ки дар мавриди манъ карда шудани фаъолияти экстремистӣ, қонунгузор ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла бо густурдатар кардани доираи амалҳои марбут ба ин намуди фаъолият нисбат ба чаҳорчӯби дар санадҳои байналмилалӣ пешбинишуда мувофиқат мекунад.

Меъёри қонуни ҷиноятӣ, ки ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистиро манъ мекунад, нисбат ба меъёри иҷро накардани қарори суд махсус буда (моддаи 307/3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), предмети махсуси ба худ хоси танзимкунанда дорад, ки мавҷудияти он «Қонуни ҷиноятиро нисбат ба зуҳуроти гуногуни экстремизм қувваи амали бештар медиҳад».

Аз таҳлили қонунгузории амалкунанда бармеояд, ки мафҳумҳои «фаъолияти экстремистӣ» ва «фаъолиятҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

экстремистӣ ҳисобида мешаванд» доираи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаро ба таври беҳадду канор васеъ ва номуайян месозад. Ин ба он оварда мерасонад, ки мушаххас кардани номгӯи пурраи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар чунин доираи васеи таърифҳо имконнопазир аст.

Аз тарафи дигар, тибқи талаботи б. 8, м. 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», мақомоти ҳуқуқтатбиққкунанда барои дарки воқеии табиати ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта бояд ба моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат кунанд. Аммо, бо вуҷуди ин, номгӯи пурраи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар доираи эзоҳоти мушаххаси моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нашудааст.

«Агар қонунгузор дар таркиби теъдоди муайяни ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ангезаҳои экстремистиро ҳамчун аломатҳои ҳатмии таркиби онҳо муайян накарда бошад, ҳангоми татбиқ намудани ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба ин гуна кирдорҳо (агар ин кирдорҳо дар асоси ангезаҳои экстремистӣ содир шуда бошанд), ҳуқуқтатбиққкунандагон бояд талаботи б. «е» қ. 1 м. 62-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд» [2]. Ба ибораи дигар, агар ангезаҳои экстремистӣ дар ҷиноятe, ки дар он зикр нашудаанд, мавҷуд бошанд, то ҷойе, ки онҳо ҳамчун шарти таркиби ҷиноят эътироф намешаванд, ҳуқуқи дастур барои татбиқ кардан ё пешгирии ҷазо вуҷуд нахоҳад дошт.

«Аммо дар ҳолате, ки моддаи дахлдори КҶ ҶТ ангезаҳои экстремистиро ба сифати аломати ҷиноят пешбинӣ кардааст, муфаттиш, прокурор ва суд наметавонанд онро такроран ҳамчун ҳолати бандубастшавандаи ҷазои ҷиноятӣ эътироф намоянд» [2], зеро дар ин ҳолат ангезаҳои экстремистӣ ҳамчун унсури зарурии ҷиноят шомил ҳастанд.

Аз мазмуни моддаҳои 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, 237 (1), 242, 243 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои дахлдор (ба таври махсус дар моддаи 307 (2) КҶ ҶТ ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта эътироф гардидаанд), ки дар

онҳо ангезаҳои экстремистӣ дар таркиби ҷиноятҳо мустақар гардидаанд, метавон тасаввур кард, ки онҳо дорои ангезаҳои экстремистӣ мебошанд.

Инчунин, моддаҳои 307, 307 (1), 307 (2), 307 (3), 307 (4) ва 401 (1) КҶ ҶТ, ки танҳо дар асоси ангезаҳои экстремистӣ содир мешаванд, нишон медиҳанд, ки чунин ҷиноятҳо низ бо ангезаҳои экстремистӣ алоқаманд мебошанд.

Дар маҷмуъ, қонунгузорӣ ҷиҳати муайян кардани ангезаҳои экстремистӣ дар ҷиноятҳои муайян диққати зиёд додааст, вале дар баъзе ҳолатҳо ё шаклҳои махсуси ҷиноятҳо, ки ангезаҳои экстремистиро дар таркиби худ доранд, мумкин аст номуайянӣ ва дарки дуруст бо мушкилот рӯ ба рӯ шаванд.

Бо дар назар гирифтани андешаҳое, ки иброз шудаанд ва воқеияти замони муосир, аломатҳои экстремизм дар қисм ва бандҳои дахлдори моддаҳои 104, 110, 111, 112, 116, 120, 143, 157, 158, 160, 188, 189, 237, 237 (1), 242, 243, 307, 307 (1), 307 (2), 307 (3), 307 (4) ва 398 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври равшан мушоҳида мешаванд, ки онҳо дар фасл ва бобҳои гуногун ҷойгир шудаанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои экстремистӣ бо ангезаҳои сиёсӣ, динӣ, нажодпарастӣ, миллатгароӣ ва маҳалгароӣ бештар содир карда мешаванд. Ин гуна шаклҳои «экстремизм (бе аломатҳои зӯроварӣ) дар таркиби моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ ҷойгир шудаанд ва дар ҳолати такрори чунин кирдорҳо дар давоми сол, оқибатҳои ҳуқуқие, ки дар моддаҳои 143, 157, 158 ва 160 КҶ ҶТ» [2] пешбинӣ шудаанд, ба амал меоянд.

Аз тарафи дигар, дар асоси ангезаҳои экстремистӣ, махсусан ангезаҳои миллатгароӣ, аъзои баъзе ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ агар берун аз сарҳади  Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршуда кирдорҳои расонидани зарарҳои ҷисмонӣ ва ё одамкуширо нисбат ба шаҳрвандони ҶТ содир кунанд, онгоҳ ин кирдорҳо иловатан тибқи моддаҳои 104, 110, 111, 112 ва 116 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Дисертатсияи мазкур таҳлил ва шарҳи мафҳуми «экстремизм» ва шаклҳои гуногуни онро дар асоси қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, бо

таваҷҷуҳ ба кишварҳои Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар бар мегирад. Дар дисертатсия таъкид карда мешавад, ки барои кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон зарур аст, ки муқаррароти байналмилалӣ дар доираи қонунгузории миллӣ мутобиқ гардонида, тадбирҳои мусоидат ба муқовимат бо экстремизмро қабул намоянд.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», аз 2-юми январи соли 2020, мафҳуми экстремизм чунин пешниҳод карда мешавад: «Экстремизм ҳамчун як зуҳуроти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки аз таҳқири ҳуқуқи инсон ва тарғиб кардани ифодаҳои бадбинӣ ва хусумат миёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, динӣ, миллӣ ё сиёсӣ шакл мегирад ва он ҳамчун амал ё ҳаракати иҷтимоӣ, ки ба таҳкими ҷудоии ҷамъиятӣ, барангехтани хусумат ва истифодаи зӯроварӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсии ғайриқонунӣ равона шудааст, маънидод мешавад» [35].

Дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ, баррасии экстремизм асосан бо истифодаи мафҳумҳои терроризм, барангехтани кина, бадбинӣ, фалаҷ кардани тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ ва таҷовуз ба ҳуқуқи инсон пайваст аст. Барои таъриф кардани экстремизм дар сатҳи байналмилалӣ, якчанд шартнома ва конвенсияҳои муҳим дар соҳаи ҳуқуқи инсон мавҷуданд, ки онҳо ҳаракати экстремистиро танқид мекунанд, ки ҳар гуна амалҳои манъшудаи экстремистӣ ба зӯроварӣ ва тахриби тинҷию оромии ҷомеа дар асоси идеологияҳои бадбинии иҷтимоӣ, тахрибкорӣ равона шудаанд.

### 3.3. Имплементатсияи меъёрҳои конвенсионии зиддикоррупсионӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таъсири махсуси меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар боби 30-юми КҶ ҶТ («Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ, манфиатҳои хизмати давлатӣ»), бештар ифода меёбад. Дар ин боб ҷавобгарӣ барои коррупсия муфассал танзим шудааст. Ин низоми танзими ҳуқуқӣ ташаббуси давлатро оид ба

риояи меъёрҳои байналмилалии мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ нишон медиҳад.

Коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ яке аз мушкилоти ҷиддӣ ва мубрами на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. «Дар шароити ҷаҳонишавӣ коррупсия на танҳо ҳамчун таҳдиди миллӣ, балки ҳамчун падидаи байналмилалӣ арзёбӣ мегардад, ки ин аз таъсири харобиовари он ба фаъолияти институтҳои давлатӣ, суботи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ бармеояд» [142, с. 184-186].

Шаклҳои зуҳури коррупсия ва усулҳои пешгирӣ ва мубориза бо он дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои гуногун инъикос ёфтаанд. «Ин таҷрибаҳо, инчунин меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба эътибор гирифта шуда, ба танзими ҳуқуқии масъалаҳои зиддикоррупсионӣ саҳми назаррас доранд» [142, с. 184-186].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли дигар давлатҳо, уҳдадориҳое ба дӯш гирифтааст, ки дар конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо коррупсия пешбинӣ шудаанд. Ин уҳдадориҳо дар қонунгузории миллӣ инъикос ёфта, ба таҳкими муносибати самарабахш ва ҳамоҳангшуда дар ҳалли мушкилоти мазкур мусоидат менамоянд.

Ҳамзамон, криминализатсияи кирдорҳои коррупсионӣ дар заминаи иҷрои уҳдадориҳо, ки аз конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ бармеоянд, тақозо менамояд, ки қарорҳои ҳуқуқӣ бо андешаи пухта, асоснок ва мутавозин қабул карда шаванд. Илова бар ин, зарурати ба назар гирифтани имкониятҳои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии низоми ҳуқуқии миллӣ ба низомҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ ба миён меояд. Ин ҳама тақозо мекунад, ки барои пешгирӣ ва маҳдуд сохтани коррупсия механизмҳои самарабахш ва мукаммале таҳия ва татбиқ шаванд, ки ба талаботи ҳуқуқии дохилӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҷавобгӯ бошанд.

Имрӯз коррупсия омиле ба ҳисоб меравад, ки ба рушди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ мусоидат мекунад, принсипҳои адолатро халалдор

месозад ва эътимоди шаҳрвандонро ба институтҳои давлатӣ заиф мегардонад. Аз ин рӯ, барои мубориза бо коррупсия на танҳо тадбирҳои дохилӣ, балки ҳамкории васеи байналмилалӣ низ зарур аст. Созишномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи СММ ба муқобили коррупсия ва инчунин иштироки давлатҳо дар ташаббусҳои глобалӣ, ба мисли гурӯҳи таҳияи тадбирҳои молиявӣ оид ба муқовимат ба пулшӯӣ (FATF), ба унсурҳои муҳимми стратегияҳои умумиҷаҳонии пешгирӣ ва мубориза бо кирдорҳои коррупсионӣ табдил ёфтаанд [142, с. 184-186]. Ду даҳсолаи охир афзоиши хеле зиёди қонунэҷодкунии байналмилалӣ дар самти мубориза бо коррупсия тавсиф мешаванд. Ин раванд ба зиёд шудани нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба паҳншавии коррупсия ва оқибатҳои харобиовари он вобаста мебошад. Дар ин давра шумораи зиёди конвенсияҳои байналмилалии глобалӣ ва минтақавӣ оид ба мубориза бо коррупсия қабул гардиданд. Ҳамчунин, силсилаи васеи санадҳои байналмилалӣ, аз қабили барномаҳо, эъломияҳо, қатъномаҳо ва тавсияҳои гуногун таҳия шудаанд.

Аммо новобаста аз самтҳои васеи кӯшишҳои байналмилалӣ, амалишавии ин меъёрҳо дар сатҳи дохилидавлатӣ бо мушкилоти зиёд рӯбарӯ мегардад. Аввалан, на ҳамеша мумкин аст уҳдадориҳои байналмилалиро бо тавсияи дақиқи онҳо пурра ба қонунгузории миллӣ ворид намуд. Ин масъала метавонад ба фарқиятҳои низомҳои ҳуқуқӣ, хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин сатҳи гуногуни рушди институтҳои давлатӣ вобаста бошад.

Сонияи, мушкилот на танҳо дар мазмун, балки дар ҷанбаҳои техникии татбиқ низ ба миён меоянд. Масалан, набудани захираҳои кофӣ барои ҷорӣ намудани механизмҳои назорат, сатҳи нокифояи омодагии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин душвориҳо дар таъмини ҳамкории муассир байни сохторҳои гуногуни давлатӣ ва хусусие, ки бо коррупсия мубориза мебаранд [172, с. 74-75].

Сатҳи глобалии қонунэҷодкунии байналмилалӣ дар самти мубориза бо коррупсия бештар аз ҳама тавассути санадҳое ифода меёбад, ки дар доираи Созмони Милали Муттаҳид қабул шудаанд. СММ нақши марказиро дар

ташаккули сиёсати байналмилалии зиддикоррупсионӣ мебозад. Яке аз муҳимтарин санадҳое, ки муносибати СММ-ро дар мубориза бо коррупсия инъикос менамояд, қатъномаи Конгресси VIII СММ, ки соли 1990 дар шаҳри Ҳавана таҳти унвони «Коррупсия дар соҳаи идораи давлатӣ» қабул шуд, ба ҳисоб меравад [209].

Сипас, СММ ташаббусҳои зиддикоррупсиониро фаъолона инкишоф дод, меъёрҳо ва стандартҳои мубориза бо коррупсияро ташаккул дод. Қадами муҳим дар ин самт қабули Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия соли 2003 ба ҳисоб меравад. Қабули ин конвенсия ба рушди қонунгузории зиддикоррупсионӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон таъсири назаррас расонд.

Ба ҷуз аз қатъномаи зикршудаи Конгресси VIII СММ, дар солҳои 90-ум дар сатҳи СММ як қатор санадҳои муҳимми дигар низ қабул гардиданд, ки кӯшишҳои байналмилалиро дар самти мубориза бо коррупсия таҳким бахшиданд. Аз ҷумла, метавон Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ «Мубориза бо коррупсия, Кодекси байналмилалии рафтори шахсони мансабдор (1996) [62, с. 90-94] ва Эъломияи СММ оид ба мубориза бо коррупсия ва порагирӣ дар амалиётҳои тиҷоратии байналмилалӣ (1996) -ро ном бурд» [212]. Ин санадҳо барои давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиро муайян карда, онҳоро ба таъмини шафофият, ҳисоботдиҳӣ ва муборизаи муассир бо коррупсия дар сатҳи байналмилалӣ ҳидоят менамоянд.

Марҳалаи калидӣ дар сиёсати зиддикоррупсионии СММ қабули Конвенсия бар зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ соли 2000 буд [32]. Дар ин санад, хусусан дар м. 18, масъалаи криминализатсия намудани кирдорҳои коррупсионӣ ба таври махсус зикр шудааст. Ин қарори ҳуқуқӣ қадами муҳим дар самти ягонагардонии стандартҳои байналмилалии мубориза бо коррупсия, махсусан бо дарназардошти он ки ҷиноятҳои фаромиллӣ аксар вақт бо амалҳои коррупсионӣ иртиботи зич доранд ба шумор меравад. Ҷанбаи муҳимми ин Конвенсия дар он аст, ки коррупсия ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷинояткории муташаккил эътироф карда

шудааст. Ин омил зарурати ташкили механизмҳои муассиртари ҳамкории байналмилалӣ ва татбиқи минбаъдаи ҳуқуқиро ба миён овард.

Пас аз соли 2000 дар ҳисоботи солонаи Дабири кулли СММ, ки ба Маҷмааи Умумии СММ пешниҳод мегарданд, бахшҳои махсус ба масъалаҳои пешгирии коррупсия ва ҷилавгирӣ аз гардиши маблағҳои ғайриқонунӣ ворид карда шуданд. Ин раванд гувоҳӣ медиҳад, ки мубориза бо коррупсия ва ҷараёнҳои молиявии ғайриқонунӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи рӯзномаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Мақоми махсусро дар миёни санадҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия, ки 31 октябри соли 2003» дар иҷлосияи 58-уми Маҷмааи Умумии СММ қабул шудааст, ишғол менамояд [71]. Ин Конвенсия аввалин санади универсалии ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад, ки ба муборизаи ҳамаҷониба бар зидди коррупсия дар бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ равона шудааст. Ҷанбаи муҳимми Конвенсия он аст, ки давлатҳои иштирокчиро мувазаф месозад, то чораҳои зиддикоррупсиониро дар сатҳи миллӣ ҷорӣ ва амалӣ намоянд. Ин тадбирҳо бояд ба таъсиси заминаҳои ҳуқуқӣ барои пешгирӣ ва маҳви амалҳои коррупсионӣ, инчунин ба тақвияти ҳамкорӣ бо сохторҳои байналмилалӣ дар ин самт равона шаванд [137, с. 88].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои ришвадиҳии фаъол ва ғайрифаъол, инчунин барои тасарруфҳои содиргардида аз ҷониби роҳбарон дар бахши хусусӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Ин ба он ҳолатҳо дахл дорад, ки дар муносибатҳои тиҷоратӣ бо ҳадафи ба даст овардани манфиати шахсӣ ришва дода ё гирифта мешавад, ки чунин амал низ ҳамчун ҷиноят эътироф мегардад. Ин меъёрҳо, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, шакли мукаммали мубориза бо коррупсияро фароҳам оварда, тамоми намудҳои асосии ҷиноятҳои коррупсиониро фаро мегиранд ва зарурати пешгирӣ ва мубориза бо онҳо дар сатҳи давлатӣ ва байналмилалиро таъкид менамоянд.

«Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 19 декабри соли 2008, «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» ба намояндагони ҳокимият, шахсоне ҳисоб мекунад, ки ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ё судиро амалӣ менамоянд. Ба ин гурӯҳ ҳамчунин кормандони мақомоти давлатӣ, назоратӣ ё контролӣ дохил мешаванд». Конвенсия дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои хизматӣ, аввалан доираи субъектҳои ҷиноятҳои коррупсиониро васеъ менамояд, сониян мафҳуми ришва (ришвадиҳии тиҷоратӣ)-ро васеътар шарҳ медиҳад.

Тибқи Конвенсияи СММ соли 2003 (м. 15, 16, 18, 21) шакли «кӯтоҳкардашудаи»-и таркиби ҷинояти коррупсионӣ пешниҳод мегардад: ҷиноят аз лаҳзаи пешниҳоди додани пора, ваъдаи додани пора ё ҳолати тамаъҷӯйии пора хотимаёфта шуморида мешавад.

Дар моддаҳои 279 ва 319-320 КҶ ҶТ (Криминализатсияи кирдорҳои вобаста ба пора) таваҷҷуҳ ба анҷоми воқеии ҳаракатҳои ҷиноятӣ, аз қабили гирифтани пора ё додани он, равона шудааст. Аммо ин меъёрҳо давраҳои пешниҳод ё ваъда, тамаъҷӯйии пораро фаро намегиранд [220].

Моддаи 279 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои ришвадиҳии тиҷоратӣ, яъне додани ришва ба шахси мансабдорро пешбинӣ мекунад. Моддаҳои 319 ва 320 КҶ ҶТ бошад, ҷавобгариро барои гирифтани пора ва додани пора танзим менамоянд. Аммо, тавре қаблан зикр шуд, ин меъёрҳо амалҳои вобаста ба пешниҳод ё ваъда додани пора, инчунин тамаъҷӯйии пораро дар бар намегиранд, ки ин холигии муайяни ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Предмети пора, мувофиқи м. 15, 16, 18 ва 21 Конвенсияи СММ соли 2003, метавонад, на фақат молу мулки моддӣ, балки ҳар гуна манфиат бошад. Яъне, аз ҷониби шахси мансабдор гирифтани ҳар гуна мукофоти ғайриҳатмӣ ҳамчун амали ҷиноятии коррупсионӣ арзёбӣ мегардад, ин мавқеъ ҳам дар Конвенсияи СММ бар зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ пешбинӣ

шудааст. Дар КҶ ҶТ (м. 319–320) бошад, пора танҳо хусусияти молумулкӣ дорад.

«Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ки 17 декабри соли 1979 аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ қабул шудааст, дар ташаккули стандартҳои ҷаҳонӣ оид ба мубориза бо коррупсия ва рафтори этикии хизматчиёни давлатӣ нақши назаррас дорад». Ин кодекс зарурати фаҳмиши васеътар аз коррупсияро таъкид намуда, онро ҳамчун ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ бар ивази гирифтан ё қабул намудани тухфаҳо, ваъда ё дигар чораҳои ҳавасманднамоӣ, инчунин қабул намудани онҳо анҷом додан ё анҷом надодани ҳаракати хизматӣ муайян месозад.

Бо вуҷуди ин, тавре В.К. Максимов дуруст қайд мекунад, ҳуҷҷатҳое, ки чунин маънидодҳоро дар бар мегиранд, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ нестанд, яъне хусусияти ҳатмӣ надоранд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар муайян намудани мафҳуми «коррупсия» тарзҳои гуногунро истифода мебаранд. Дар бисёр ҳолатҳо ин фарқият ба хусусияти предмети танзим ва ҳадафҳои ҳар як санад вобаста аст. Аксари ҳуҷҷатҳои байналмилалии дорои қувваи ҳатмии ҳуқуқӣ таърифи ягона ва дақиқи «коррупсия»-ро пешниҳод намекунанд.

Конвенсия дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионии Шурои Аврупо соли 1999 (маъруф бо номи «Конвенсияи Истанбул») яке аз санадҳои муҳимми байналмилалӣ мебошад, ки ба таҳкими мубориза бо коррупсия дар кишварҳои аврупоӣ равона шудааст [34]. Яке аз нуқтаҳои калидии ин Конвенсия мафҳуми васеъшудаи коррупсия ва фарогирии доираи васеи шахсоне, ки метавонанд ба кирдорҳои коррупсионӣ ҷалб шаванд, ба ҳисоб меравад. Конвенсия ба номгӯйи кирдорҳои коррупсионӣ порадиҳии фаъолро дохил мекунад, ки дар он додани пора ба шахсони мансабдор ё намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ пешниҳод карда мешавад. Бар хилофи баъзе қонунгузориҳои миллӣ, ки танҳо бевосита ба ҳолатҳои гирифтани пора таваҷҷуҳ мекунанд, Конвенсия

порадиҳӣ (ришвадиҳии фаъол)-ро новобаста аз амалӣ шудани додани пора ҷиноят мустақил мешуморад.

Конвенсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионии Шурои Аврупо (1999) воситаи муҳимми байналмилалӣ барои муқовимат бо коррупсия ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин Конвенсия 13 навъи ҷиноятҳои коррупсионӣ муайян карда шудаанд, ки 10-тои он бевосита ба шаклҳои анъанавии порадиҳӣ, монанди гирифтани пора ва додани пора марбут мебошанд.

Ин ду ҷиноят аз маъмултарин ва равшантарин шаклҳои коррупсия ба ҳисоб мераванд, ки ба эътимоди ҷомеа нисбат ба институтҳои давлатӣ зарба мезананд ва барои фаъолияти муътадили раванди демократия таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд. Конвенсия ҷанбаҳои гуногуни ин кирдорҳоро муфассал шарҳ дода, ба кишварҳои иштирокчӣ имкон медиҳад, ки дар асоси стандартҳои байналмилалӣ механизмҳои муассири мубориза бо коррупсияро таҳия намоянд.

Гирифтани пора (м. 15): таваҷҷуҳ ба ҳолатҳое равона шудааст, ки шахси мансабдор барои анҷом додан ё анҷом надодани амал дар доираи вазифаҳои хизматии худ мукофоти ғайриқонунӣ мегирад.

Додани пора (м. 16): пешниҳоди пора ё додани он, ки метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад, аз маблағҳои пулӣ то неъматҳои ғайримоддӣ.

Конвенсияи СММ бар зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, ки, 15 ноябри соли 2000, бо қатъномаи 55/25 Маҷмааи Умумии СММ қабул гардид, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 декабри соли 2000 имзо ва 29 майи соли 2002, таҳти № 645, эътироф шудааст [19].

Тибқи моддаи 2 Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ (1999), порадиҳии фаъол: ваъда додан, таклиф кардан ё пешниҳоди имтиёзҳои ғайриқонуниро ҳам бевосита ва ҳам тавассути миёнарав, ба ҳар як шахси мансабдор, бо мақсаде, ки он шахс ҳаракате анҷом диҳад ё аз анҷоми ҳаракате, ки ба вазифаҳои хизматии ӯ

вобаста аст, худдорӣ намояд, дар бар мегирад. Ҷиҳати муҳим ин аст, ки порадиҳӣ бояд бо қасд (дидаву дониста) содир карда шавад. Яъне, барои он ки кирдор ҳамчун ҷиноят эътироф гардад, зарур аст, ки шахс бошуурона ва бо нияти таъсиррасонӣ ба иҷрои вазифаи хизматии шахси мансабдор тавассути пешниҳоди имтиёзҳои ғайриқонунӣ амал кунад.

Муҳим он аст, ки ин меъёр ҳам мукофотҳои пулӣ ва ҳам ғайрипулӣ (туҳфаҳо, хизматрасониҳо ва ғайра)-ро дар бар мегирад, агар онҳо бо мақсади таъсир расонидан ба ҳаракатҳои шахси мансабдори давлатӣ истифода шаванд.

Моддаи 3 Конвенсия ба порагирии ғайрифаъол дахл дорад, муҳим он аст, ки ҳаракат бояд бо қасд анҷом дода шавад, яъне шахс огоҳона ва бо нияти қабули чунин манфиатҳо дар иваз ба ҳаракат ё беҳаракатии хизматии худ рафтор мекунад.

Ин меъёр доираи ҷиноятҳои коррупсиониро васеъ намуда, на танҳо ҳолати гирифтани пора, балки пешниҳод, ваъда ё таҳдиди расонидани чунин манфиатҳои ғайриқонуниро низ дар бар мегирад, ҳатто агар худи амали супоридани пора ҳанӯз иҷро нашуда бошад. Ин ба кишварҳо имкон медиҳад, ки схемаҳои коррупсиониро дар марҳалаҳои аввалини ташаккулашон ошкор ва пешгирӣ намоянд.

Моддаи 4 Конвенсия ба порагирии аъзои маҷлисҳои қонунгузори миллӣ (парламент, маҷлисҳо ва дигар мақомоти дорои ваколатҳои қонунгузорӣ ё маъмурӣ) равона шудааст. Ин модда таъкид мекунад, ки на танҳо мансабдорони маъмулӣ, балки қонунгузорон, ки дар қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши калидӣ доранд, бояд аз таъсири омилҳои коррупсионӣ ҳифз карда шаванд.

Дар КҶ ҶТ чунин таркибҳои ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд: гирифтани пора (м. 319); додани пора (м. 320); иғвои порадиҳӣ (м. 321) [220].

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори худ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» тавзеҳоти муҳим медиҳад, ки ба татбиқи

дақиқу ягонаи қонунгузории ҷиноятӣ дар парвандаҳои марбут ба коррупсия мусоидат мекунанд. Ин тавсияҳо ба масъалаҳои муайян кардани предмети пора, фаҳмиши ришвадиҳии тиҷоратӣ, тамаъҷӯйӣ ва механизми баҳогузории чунин кирдорҳо дар амалияи судӣ дахл мекунанд.

Пленум инчунин тавзеҳ медиҳад, ки манфиатҳои молумулкӣ, ки ба хешовандон ё наздикони шахси мансабдор бо ризоияти ӯ ё дар ҳолате дода мешаванд, ки ӯ муқобил нест, бояд ҳамчун гирифтани пора бандубаст карда шаванд. Агар шахси мансабдор ба манфиати порадиҳанда ваколатҳои хизматии худро истифода барад, кирдорҳои ӯ новобаста аз он ки, кӣ гирандаи фоида  аст, бояд ҳамчун ҷиноят арзёбӣ шаванд. Ҷузъи муҳимми ин қарор шарҳи мафҳуми тамаъҷӯйии пора мебошад. Зери ин мафҳум чунин амалҳо фаҳмида мешаванд: талаб кардани пора ё мукофоти ғайриқонунӣ аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар ташкилоти тиҷоратӣ иҷро мекунад, таҳдиди содир намудани ҳаракатҳое, ки метавонанд ба манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонанд.

Пленум таъкид мекунад, ки тамаъҷӯйӣ дар ҳолате рух медиҳад, ки шаҳрванд маҷбур мешавад пора диҳад ё ришвадиҳии тиҷоратиро бо мақсади пешгирии оқибатҳои зарарнок ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандааш амалӣ намояд.

Ин тавзеҳот аҳаммияти хусусияти қасдро дар ҳаракати шахсони мансабдор нишон медиҳад, ки бо истифодаи таҳдид ё маҷбуркунӣ мехоҳанд мукофоти ғайриқонунӣ ба даст оранд. Дар ҳолатҳои тамаъҷӯйӣ зарур аст, ки танҳо факти пешниҳоди пора арзёбӣ нашавад, балки фишори равонӣ, таҳдидҳо ва маҷбуркуние, ки метавонанд ба содир шудани кирдори коррупсионӣ оварда расонанд, низ ба ҳисоб гирифта шаванд.

Конвенсияи СММ соли 2003, хусусан моддаи 16, стандартҳои муҳимми байналмилалиро барои мубориза бо коррупсия муқаррар мекунад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ дахл доранд. Ин ҷиноят метавонад: шахсан, ё тавассути миёнаравон, содир карда шавад ва ҳадафи он бар ивази гирифтани имтиёзҳои ғайриқонунӣ водор сохтани шахси

мансабдор ба анҷом додан ё худдорӣ аз анҷоми кирдоре бошад, ки бо вазифаҳои расмии ӯ алоқаманд аст.

Моддаи 21 Конвенсияи СММ соли 2003, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия дахл дорад, мафҳуми кирдорҳои коррупсиониро ба таври ҷиддӣ васеъ менамояд. Ин меъёр на танҳо амалҳои мансабдорони давлатӣ, балки рафтори кормандони ташкилотҳои хусусиро низ дар бар мегирад. Он шаклҳои коррупсияро, ки дар бахши хусусӣ рух медиҳанд, танзим намуда, барои онҳо низ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад [31]. Дар поён дида мебароем, ки ин модда танзими кадом намудҳои ҷиноятҳои коррупсиониро пешниҳод менамояд:

1. Ваъда, пешниҳод ё додани бартарии ғайриқонунӣ (банди 1).
2. Тамаъҷӯйӣ ва қабул кардани бартариҳои ғайриқонунӣ (банди 2).
3. Татбиқ дар заминаи бахши хусусӣ.
4. Таъсир ба қонунгузории миллӣ.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, масалан, ҷорӣ намудани чунин меъёр метавонист низоми мавҷудаи КҶ ҶТ-ро дар бахши мубориза бо коррупсия ва ришвадиҳии тиҷоратӣ мукаммал гардонад, зеро он имкон медод, ки ҷиноятҳои содиршуда дар бахши хусусӣ низ пурра фаро гирифта шаванд. Тибқи м. 279 КҶ ҶТ, «ришвадиҳии тиҷоратӣ ҳамчун ғайриқонунӣ додани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк ба шахсе, ки дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад, ҳамчунин вобаста ба мақоми ишғолнамудаи ин шахс ғайриқонунӣ расонидани хизмати дорои хусусияти молумулкӣ ба ӯ барои амали анҷомдодааш (беамалиаш) ба манфиати ришвадиҳанда» [2] муқаррар мешавад.

Конвенсияи СММ соли 2003 пешниҳод мекунад, ки кирдорҳои қасдан содиршуда, аз ҷумла сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ ё мансабӣ, «яъне анҷом додан ё анҷом надодани кирдорҳои хилофи қонун аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ бо мақсади ба даст овардани бартарии ғайриқонунӣ барои худ ё шахси воқеӣ ё ҳуқуқии дигар (м. 19)» [31], ҳамчун кирдори сазовори ҷазои ҷиноятӣ эътироф карда шаванд.

Дар КҶ ҶТ таркибҳои ҳамрадифи чунин кирдорҳо пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла: «сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ, ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» (м. 296), [2] инчунин сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 314).

Тибқи «Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 19-уми декабри соли 2008, №11, (Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ), аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, гирифтани маблағи пулӣ, коғазҳои қиматнок ва дигар ашёҳои қиматдор гӯё барои содир намудани ҳаракате (беҳаракатие), ки онро ӯ аз сабаби мавҷуд набудани ваколатҳои хизматӣ ё имконнопазир будани истифодабарии мавқеи хизматии худ наметавонад амалӣ гардонад, ҳангоми ҷой доштани қасд барои гирифтани ашёҳои қиматдори номбурда, бояд ҳамчун қаллобӣ бо моддаи 247 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад (б. 25)» [220].

Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ (соли 1999) талаб менамояд, ки ҳамчун ҷиноятҳои дорои ҷавобгарии ҷиноятӣ чунин кирдорҳо эътироф карда шаванд: ваъда, таклиф бевосита ё бавосита пешниҳод намудани ҳар гуна имтиёзи ғайриқонунӣ ба шахси дилхоҳ, ки изҳор мекунад ё тасдиқ менамояд, ки метавонад ба қабули қарор аз ҷониби ягон шахси зикршуда таъсири ғайриқонунӣ расонад, новобаста аз он ки чунин манфиат ба худи ӯ дода мешавад ё ба шахси дигар. Инчунин, таклифи қабул намудан ё розигӣ бо таклиф ё ваъдаи пешниҳоди чунин имтиёз бар ивази мукофот новобаста аз он ки натиҷаи дилхоҳ дар натиҷаи чунин таъсиррасонӣ ба даст омадааст ё не (м. 12) [163, с. 16].

Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 19 декабри соли 2008, №11, «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» дар банди 8 тавзеҳоти муҳим медиҳад, ки ба муайян намудани субъекти ҷиноят, пешбинӣ шуда дар м. 319 КҶ ҶТ (гирифтани пора) дахл дорад [220]. Дар ин банд тавзеҳ дода

мешавад, ки субъекти ҷиноятӣ «бо моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дар ҳолати ҷой доштани асосҳо, инчунин бояд чунин шахси мансабдоре низ эътироф карда шавад, ки гарчанде барои ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ амалӣ гардониданиҳаракат, (беҳаракатӣ) ваколат надошта бошад ҳам, аммо вобаста ба қудрати мавқеи мансабиаш ба чунин ҳаракати (беҳаракатии) шахси мансабдори дигар мусоидат карда метавонад ё ин ки барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат пора гирифтааст» [220].

Таҳлили меъёрҳои КҶ ҶТ дар заминаи конвенсияҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ як қатор зиддиятҳои ҷиддиро ошкор мекунад, бахусус дар қисми муайян намудани субъекти ҷиноятҳои вобаста ба коррупсия. Ин яке аз масъалаҳои калидист, ки ҳангоми имплементатсияи стандартҳои байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ бояд мавриди таваҷҷуҳи қонунгузории Тоҷикистон қарор гирад. Яке аз масъалаҳои мубрам дар ин самт муайян кардани субъекти ҷиноятҳои коррупсионӣ мебошад. Дар конвенсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия (2003) ва Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ (1999) [34], мафҳуми «шахси мансабдор» хеле васеътар маънидод мешавад. Дар доираи ин санадҳои байналмилалӣ ба ин мафҳум на танҳо хизматчиёни давлатӣ, балки шахсони дар бахши хусусӣ фаъолияткунанда, инчунин шахсони мансабдори ташкилотҳои байналмилалӣ шомил карда мешаванд.

Бар хилофи ин, КҶ ҶТ мафҳуми маҳдудтари «шахси мансабдор»-ро истифода бурда, онро танҳо ба мансабдорони миллӣ маҳдуд месозад. Ин муносибат боис мегардад, ки низоми қонунгузории ҷиноятии кишвар бо ухдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон пурра мутобиқат накунад ва дар амал ухдадориҳои пешбинишуда дар конвенсияҳои байналмилалӣ ба таври комил амалӣ нагардад.

Эзоҳ ба м. 314 КҶ ҶТ муайян мекунад, ки «шахси мансабдор дар кодекси мазкур шахси таъин ё интихобшуда фаҳмида мешавад, ки ба таври доимӣ,

муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбат ба шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда фаҳмида мешавад» [220]. Тавре И.И. Лукашук ҳангоми таҳлили меъёрҳои Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ (1999) қайд менамояд, хусусияти муҳимми ин санад он аст, ки он принсипҳои умумии юрисдиксияро нисбат ба ҷиноятҳои марбут ба коррупсия муқаррар мекунад. Ин барои мубоизаи муассир бо коррупсияи фаромиллӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро кирдорҳои коррупсионӣ бисёр вақт берун аз қаламрави як давлат содир мегарданд ва механизмҳои анъанавии адлияи миллӣ барои таъқиби онҳо метавонанд нокифоя бошанд [152, с. 91].

Бояд ба назар гирифт, ки барои баъзе категорияи шахсон (масалан, дипломатҳо ва мансабдорони баландмақом, ки дорои масунияти дипломатӣ мебошанд) юрисдикатсия метавонад мувофиқи созишномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои дипломатӣ (1961), маҳдуд карда шавад. Бо вуҷуди ин, Конвенсияи Шурои Аврупо дар чунин ҳолатҳо низ баъзе истисноҳо ва имконияти таъқибро дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ мекунад [152, с. 91]. Ба ибораи дигар, тавре И.И. Лукашук таъкид менамояд лозим аст, ки ба меъёрҳои КҶ таваҷҷуҳ карда шавад, вале дар айни замон аҳаммияти ин санадҳои байналмилалӣ низ барои танзими ҷиноятҳои коррупсионӣ рад карда нашавад. Масъала на дар татбиқ ё татбиқ нагардидани моддаҳои қисми умумии КҶ, балки дар муҳтавои

аломатҳои субъекти ҷиноятҳои коррупсионӣ, тибқи меъёрҳои қисми махсуси КҶ ҶТ, ниҳон аст.

Андешаи баёншуда, ки ба васеъ намудани доираи шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро иҷро мекунанд, бо дарназардошти стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ, воқеан як қадами муҳим дар самти баланд бардоштани самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Истифодаи усулҳои тафсири низомии меъёрҳои ҷиноятӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки на танҳо амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ беҳтар карда шавад, балки қонунгузории миллӣ низ ба талаботи конвенсияҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ мутобиқ гардонида шавад. Ба ин масъала муфассалтар таваҷҷуҳ менамоем.

Яке аз мушкилоти калидӣ дар амалияи мубориза бо коррупсия маҳдуд будани доираи субъекти ҷиноят мебошад. Конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ (1999), кайҳо боз доираи субъектонро ба ҳадде васеъ намудаанд, ки ба он на танҳо шахсони мансабдори миллӣ, балки шахсони мансабдори давлати хориҷӣ ва инчунин намояндагони созмонҳои байналмилалӣ шомил мегарданд.

Дар ин замина, пешниҳоди ворид намудани шахсони мансабдори давлати хориҷӣ ба доираи субъектоне, ки метавонанд дар ҷиноятҳои содиршуда дар доираи ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар сохторҳо иштирок кунанд, хеле муҳим аст. Ин масъала махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти фавқулода дорад, зеро имрӯз коррупсия бештар хусусияти фаромиллӣ пайдо кардааст. Дар чунин ҳолатҳо, ҳаракатҳои шахсони мансабдори хориҷӣ метавонанд ба иқтисод, сиёсати дохилӣ ва равандҳои идоракунии давлатӣ дар кишварҳои дигар таъсири мустақим расонанд.

Эзоҳи 1 ба м. 295 КҶ ҶТ, ки ба сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо дахл дорад, аллакай ишораеро дар бар мегирад, ки бахши давлатӣ ва бахши хусусиро аз ҳам ҷудо мекунад. Ин ҷудосозӣ ба муқаррароти конвенсияҳои байналмилалӣ

мутобиқат дошта, имкон медиҳад, ки ҷиноятҳо дақиқтар таснифбандӣ шаванд ва ҷавобгарии дахлдор барои шахсони мансабдор дар ҳар ду бахш муқаррар карда шавад. Муҳим аст таъкид намоем, ки дар бахши хусусӣ ҷиноятҳои коррупсионӣ метавонанд на камтар аз бахши давлатӣ зарар расонанд, зеро чунин кирдорҳо аксар вақт дар шароити набудани назорати кофӣ ва камшаффофӣ ба амал меоянд. Ин ҳолат барои татбиқи қонун мушкилоти иловагӣ ба вуҷуд меорад, зеро шаҳрвандони хориҷие, ки дар бахши хусусӣ ё ғайритиҷоратӣ фаъолият мекунанд, метавонанд ба амалҳои коррупсионӣ ҷалб шаванд. Эътирофи онҳо ҳамчун субъекти ҷиноятҳои вобаста ба коррупсия дар чорчӯби салоҳияти миллии кишвар барои таъмини тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Илова бар ин, муҳим аст фаҳмидан, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз қабили ташкилотҳои динӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ, метавонанд барои миёнаравӣ ё мусоидат ба кирдорҳои коррупсионӣ истифода шаванд, сарфи назар аз он ки онҳо мақомоти давлатӣ нестанд. Васеъ намудани доираи субъектҳо ба чунин ташкилотҳо низ ба таҷрибаи байналмилалӣ мутобиқат мекунад, зеро сӯиистифода аз боварӣ ва захираҳои ин ташкилотҳо метавонад барои ҳадафҳои коррупсионӣ истифода гардад.

Мавзуи тафсири маҳдудкунандаи истилоҳи «шахси мансабдор» дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон воқеан масъалаи муҳиммест, ки бояд дар доираи конвенсияҳои байналмилалии зидди коррупсионӣ баррасӣ шавад. Дар м. 314 КҶ ҶТ («Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ») ва дар эзоҳ ба ин модда истилоҳи «шахси мансабдор» танҳо ба шаҳрвандони Тоҷикистон нисбат дода мешавад. Ин ҳолат татбиқи қонунро нисбат ба шахсони мансабдори хориҷӣ маҳдуд месозад ва аз як тараф, метавонад аз нигоҳи ҳимояи соҳибихтиёрии миллӣ асоснок бошад, аммо аз ҷониби дигар, ба таҷрибаи байналмилалӣ ва уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намекунад.

Конвенсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ (1999), инчунин

Конвенсияи СММ зидди коррупсия (2003), ворид намудани на танҳо шахсони мансабдори миллиро, балки шахсони мансабдори давлати хориҷӣ, аъзои маҷлисҳои парламенти байналмилалӣ, судяҳои байналмилалӣ ва кормандони ташкилотҳои байналмилалиро ба доираи субъектҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ муқаррар месозанд.

Барои мутобиқ гардондани қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон воқеан зарур аст, ки имконияти густариши расмӣ-ҳуқуқии доираи субъектҳои ҷиноятҳое, ки аз ҷониби шахсони мансабдор дар соҳаи коррупсия содир карда мешаванд, мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Бо вуҷуди ин, таъкид кардан муҳим аст, ки барои татбиқи ин муқаррарот густариши расмӣ-ҳуқуқии доираи субъектҳо на ҳамеша ворид намудани тағйирот ба худи КҶ ҶТ-ро талаб мекунад, балки метавонад тавассути истифодаи қарорҳои тафсирӣ дар амалияи судӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, амалӣ гардад. Ин имкон медиҳад, ки сарбории барзиёди ҳуқуқӣ, ки бо ворид намудани тағйирот ба матни қонун вобаста аст, ҷилавгирӣ шавад ва ҳамзамон мутобиқати қонун ба стандартҳои байналмилалӣ таъмин гардад.

Татбиқи стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ ба қонунгузории миллии Тоҷикистон на танҳо густариши расмии доираи субъектҳоро, балкиислоҳи амалияи ҳуқуқтатбиққуниро низ талаб мекунад. Масалан, як қадами муҳимми амалӣ метавонад ин бошад:

Эътирофи шахси мансабдори хориҷӣ новобаста аз шаҳрвандии ӯ ҳамчун субъекти ҷиноят дар ҳолати содир кардани кирдори коррупсионӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин тавассути татбиқи принсипи салоҳияти умумӣ, тавре ки дар конвенсияҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудааст, нисбат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ имконпазир мебошад.

Ба ҳисоб гирифтани амалияи судӣ ва қарорҳое, ки метавонанд мафҳуми «шахси мансабдор»-ро дар заминаи татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ васеъ намоянд. Ин ҳамчунин истифодаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро ҳамчун манбаи тафсир дар бар мегирад.

Аз нигоҳи мақсаднокӣ ва мувофиқат ба стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияҳои Шурои Аврупо ва СММ оид ба мубориза бо коррупсия ворид намудани илова ба эзоҳи моддаи 314 КҶ ҶТ асоснок мебошад. Чунин тартиб имкон медиҳад, ки доираи субъектҳое, ки меъёрҳои ҷиноятӣ ба онҳо татбиқ мешаванд, васеъ гардида, қонунгузории Тоҷикистон бо талаботи байналмилалӣ ҳамоҳанг карда шавад.

Матни пешниҳодшудаи эзоҳ: «Шахсони мансабдор нисбат ба моддаҳои 314, 319, 320, 323-и «Кодекси мазкур, мувофиқи созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин шахсоне эътироф карда мешаванд, ки доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаҳои намояндаи давлати хориҷӣ, ташкилоти байналмилалӣ ва маҷлисҳои парламентӣ, ҳайатҳои байналмилалӣ, судяҳо ва шахсони мансабдори судҳои байналмилалиро иҷро мекунанд»[2]. Ин доираи шахсоне, ки меъёрҳои зиддикоррупсионӣ ба онҳо татбиқ мегарданд, аз ҷумла бо фаро гирифтани шахсони мансабдори давлатии байналмилалӣ ба таври ҷиддӣ васеъ менамояд.

Татбиқшавӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ: ба эзоҳ ворид кардани истинодҳои мушаххас ба созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёрҳоро барои мақомотҳои ҳуқуқтатбиққунанда ва мақомоти судӣ равшан ва фаҳмотар месозад, зеро он асоси ҳуқуқиро барои таъқиби ҷиноятҳои коррупсионӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам меорад.

Чунин васеъ гардонидани мафҳуми шахси мансабдор имкон медиҳад, ки холигиҳои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ бартараф карда шаванд, махсусан дар ҳолатҳое, ки ҷиноятҳо аз ҷониби намояндагони давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ содир мегарданд, ки ин барои мубориза бо коррупсияи фаромиллӣ аҳаммияти калон дорад.

Тавзеҳи категорияҳои «намояндагони ҳайатҳои байналмилалӣ» ва «шахсони мансабдори судҳои байналмилалӣ»: Бо вуҷуди он ки ин категорияҳо метавонанд дар созишномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ шуда

бошанд, мумкин аст дар худи эзоҳ онҳоро мушаххастар намоянд, масалан, бо ишора ба мақоми мушаххас, то ки норавшанӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ пешгирӣ гардад.

Ҷиҳати муҳимми дигар дар раванди имплементатсия бояд татбиқи дақиқи идеяи фарқгузории ҷавобгарӣ маҳз аз рӯйи аломати субъекти ҷиноят ва соҳаи идоракунии давлатӣ бошад (аз ҷумла ҷудо намудани чунин шакли хавфноки коррупсия, мисли сӯиистифода аз ҷониби судяҳо). Мутаассифона, дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоман ғояи дигари фарқгузорӣ ҷойгир шудааст: фарқгузории ҷавобгарӣ аз рӯйи андозаи пора ё мукофоти ғайриқонунӣ.

Пешниҳод оид ба такмили фарқгузории ҷавобгарӣ барои порагирӣ, ки аз ҷониби Г.К. Мишин пешбарӣ шудааст, воқеан сазовори таваҷҷуҳ ва баррасии минбаъда мебошад. Фарқгузории ҷавобгарӣ байни додан ва қабул намудани пора  дар заминаи тафовут миёни кирдорҳои қонунию ғайриқонунӣ (ё беҳаракатии) шахси мансабдор метавонад амалияи ҳуқуқтатбиқнамоиро ба таври назаррас такмил бахшад ва самаранокии мубориза бо коррупсияро баланд бардорад. Г.К. Мишин дуруст таъкид менамояд, ки зарурати истифодаи аломатҳои бандубасткунанда  барои фарқгузории ҷазо вобаста ба табиати кирдор вуҷуд дорад. Татбиқи чунин аломатҳо имкон медиҳад, ки вазнинии ҷинояти содиршуда ба ҳисоб гирифта шавад. Масалан, барои ҳолатҳои ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ё беҳаракатӣ метавонад ҷавобгарии вазнинтар пешбинӣ гардад: барои ҳаракатҳои қонуние, ки барои онҳо пора гирифта мешавад [104, с. 34].

Дар санадҳои байналмилалӣ, инчунин таркиби ҷиноятҳое, ки бо порагирӣ вобаста мебошанд (ришвадиҳии фаъол ва ғайрифаъол нисбат ба шахсони мансабдори давлатӣ), ба таври васеъ шарҳ дода мешаванд. Тибқи Конвенсияҳо, зери мафҳуми ришва на танҳо ҳаракатҳои додан ва гирифтани ришва фаҳмида мешаванд, балки ҳамчунин ваъда, пешниҳод намудани бартарии ғайриқонунӣ дар ришвадиҳии фаъол ва, мутаносибан, қабул кардани ваъда ва пешниҳод дар ришвадиҳии ғайрифаъол низ шомил

мегардад (моддаи 15 Конвенсияи СММ зидди коррупсия, моддаҳои 2 ва 3 Конвенсияи Шурои Аврупо, моддаи 8 Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории фаромиллӣ) [32]. Дар доираи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ барои чунин кирдорҳо танҳо ҳамчун ҷиноятҳои тайёрӣ дар чорчӯби институти ҷиноятӣ нотамом имконпазир аст. Пешниҳод кардани пора, талаб кардани он, ҳамчунин дигар ҳаракатҳо, ки барои гирифтан ё додани пора шароит фароҳам меоранд, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ кайҳо боз ҳамчун ҳолатҳои маъмулии тайёрӣ ба порадиҳӣ ҷудо карда шудаанд [79, с 279].

Инчунин бояд зикр намуд, ки байни конвенсияҳои байналмилалӣ ва КҶ ҶТ дар масъалаи предмети ришва дар бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ ихтилоф вуҷуд дорад. Дар ҳақиқат, тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ, чунин предмет ҳамчун «ҳар гуна бартарии ғайриқонуние барои худ ё барои дигарон» фаҳмида мешавад, дар ҳоле ки тибқи КҶ ҶТ (м. 279, 319), зери пора ва предмети ришвагирии тиҷоратӣ «пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои хусусияти молумулкӣ дошта» дохил мешаванд. Албатта, тавзеҳоти конвенсияҳо дар ин самт васеътар мебошад, аммо, ба андешаи мо, набояд ин ихтилофро аз ҳад зиёд нишон дод. «Бартарии ғайриқонунӣ» дар аксари ҳолатҳо маҳз дорои хусусияти моддӣ аст [77, с. 135].

«Сарфи назар аз як қатор мушкилот, ҳамаи кирдорҳои коррупсионӣ, ки дар конвенсияҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, ё аллакай дар КҶ амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, ё метавонанд бе халалдор сохтани сохтор ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ криминализатсия карда шаванд» [77, с. 135]. Эҳтимол, ягона истисно меъёрест, ки дар м. 20 Конвенсияи СММ («Бойшавии ғайриқонунӣ») пешбинӣ шудааст.

Мафҳуми бойшавии ғайриқонунӣ чунин муайян мешавад: «афзоиши назарраси дороиҳои шахси мансабдори давлатӣ, ки аз даромадҳои қонунии ӯ зиёд мебошанд ва ӯ наметавонад ин афзоишро ба таври мантиқӣ асоснок намояд» [77, с.136].

Ба андешаи мо, криминализатсияи бойшавии ғайриқонунӣ бе халалдор сохтани асосҳои консептуалии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконнопазир нест.

«Дар ҳолати имкони ҷалби шахс ба ҷавобгарӣ барои бойшавии ғайриқонунӣ гӯё манбаи пайдоиши даромади шахси мансабдор ҳамчун натиҷаи кирдори коррупсионӣ пешакӣ тахмин карда мешавад» [145, с. 13]. Чунин навъи презумпсияҳо ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷараёни мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон хос нестанд.

Ба таъкиди одилонаи И. Каминин, ворид намудани меъёри Конвенсия дар бораи бойшавии ғайриқонунӣ ба КҶ ба «принсипи фундаменталии презумпсияи бегуноҳӣ монеа мегардад, ки вазифаи исботи ғайриқонунии кирдори содиршударо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор мекунад ва имкони қабули қарорро дар асоси хулосаҳои зиддиятнок ва шубҳанок истисно менамояд» [145, с. 13].

Ба андешаи мо, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз татбиқи ин муқаррароти Конвенсия дар қонунгузории худ худдорӣ намояд. Аз ҷумла, бояд ба ҷанбаҳои калидии зерин диққат дод:

Дар робита ба тамоюлҳои ҷаҳонии васеъ намудани мафҳуми субъектҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин бо мақсади татбиқи уҳдадориҳои байналмилалӣ, пешниҳод мегардад, ки ба эзоҳи м. 314, 319, 320, 323 КҶ ҶТ илова ворид карда шуда дар он мушаххас гардад, ки «шахсони мансабдор мувофиқи созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин шахсоне эътироф карда мешаванд, ки вазифаҳои намояндагии давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, маҷлисҳои парламентӣ, судяҳо ва шахсони мансабдори судҳои байналмилалиро» [2] иҷро мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки салоҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, ки ҳам дар ҳудуди кишвар ва ҳам берун аз он содир мегарданд, густариш ёбад.

Дар робита ба фарқият дар хусусияти ҷиноятҳои коррупсионӣ, зарур аст аломатҳои вазнинкунандаро, аз қабили андозаи пора ё мукофоти

ғайриқонунӣ, инчунин мавҷудияти ҳолатҳои вазнинкунанда ё сабуккунандаро дақиқ гардонд. Хусусан, бояд ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, ки дар низоми судӣ содир мешаванд, таваҷҷуҳи махсус дода шуда, онҳоро ҳамчун категорияи алоҳида бо санксияҳои қатъитар ҷудо намуд.

Барои беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ бояд тавзеҳоти равшан оид ба масъалаҳои бандубасти ҷиноятҳои коррупсионӣ пешбинӣ карда шаванд, инчунин истифодаи ҳатмии аломатҳои бандубастшаванда дар амалияи судӣ таъмин гардад. Ин ҳамчунин истифодаи стандартҳои байналмилалиро ҳангоми баррасии парвандаҳо дар назар дорад, ки риояи принсипҳои муайянии ҳуқуқӣ ва адолатро таъмин менамояд.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда чунин хулосаҳои илмӣ пешниҳод карда мешавад:

1. Ратификатсияи Статути Римии Додгоҳи байналмилалии ҷиноятӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи ислоҳоти қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва ҳамоҳангсозии он бо стандартҳои байналмилалӣ гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ аъзои фаъоли муттаҳидсозии талошҳои давлатҳо дар мубориза бо ҷинояткорӣ буда, дар ин замина дастгирии ҷонибдори санадҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ мебошад, аз ҷумла дар минтақа аввалин шуда Статути Римиро ратификатсия кардааст **[4-М].**

2. Имплементатсияи санадҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти омилҳои зерин амалӣ карда мешавад:а) ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии миллӣ; б) эҷод кардани шароити зарурӣ барои татбиқи бевосита ва самаранокии меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; в) ташкил кардани низоми мақомҳои давлатӣ, ки барои амалӣ намудани уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъуланд **[4-М].**

Агентии назорати маводи нашъадор (ё Агентии миллии мубориза бо маводи мухаддир) ин хадамоти махсуси давлатӣ аст, ки бо мақсади мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Хадамоти мазкур соли 1999 таъсис ёфта, вазифаи асосии он мубориза бо қочоқи маводи мухаддир мебошад. Бо назардошти мавқеи стратегӣ ва равандҳои мураккаби гардиши маводи мухаддир дар минтақаи Осиёи Марказӣ, Агентии назорати маводи нашъадор яке аз фаъолтарин ва муассиртарин хадамоти мубориза бо маводи мухаддир дар Осиё Марказӣ маҳсуб мешавад.

Ин равандҳо барои таъмин кардани иҷрои дуруст ва самараноки уҳдадориҳои байналмилалии кишвар ва мутобиқ кардани қонунгузорӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим мебошанд.

3. Кирдорҳое, ки аз тарафи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъшудае дар ҳоле ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ пазируфта мешаванд, ки криминализатсияи ҳуқуқӣ – ҷиноятии онҳо дар асоси уҳдадориҳои байналмилалии қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи қабули шартномаҳои байналмилалӣ, ки барои вориднамудани онҳо ба қонунгузории милли равона карда шудаанд. Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ кирдорҳои хавфноки ҷамъиятие мебошанд, ки барои онҳо дар қонунгузории миллӣ ба сабаби иҷрои уҳдадориҳои қабулкардаи давлат дар асоси созишномаи байналмилалӣ ҷавобгарӣ муқаррар шудааст. Аз ин рӯ, танҳо кирдорҳои ба ҷамъият хавфноке ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дониста мешаванд, ки меъёрҳо дар бораи онҳо дар қонуни ҷиноятӣ баъди қувваи амал пайдо кардани ин ё он уҳдадории байналмилалӣ барои Тоҷикистон пайдо шудаанд **[2-М].**

4. Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки ба низоми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ворид карда шудаанд, ҳамзамон асоси консептуалии ҳуқуқи танзими ҷиноятии байналмилалиро ташкил медиҳанд. Ин ҷиноятҳо бо мақсади таъмини амнияти ҷамъиятӣ дар сатҳи байналмилалӣ тариқи созишномаҳои байналмилалӣ муайян ва манъ карда мешаванд. Дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ аксар вақт дар созишномаҳои байналмилалӣ таҳия ва муайян карда мешаванд, ки меъёрҳои умумӣ ва махсусро пешниҳод мекунанд **[6-М].**

5. Ҷавобгарӣ барои ҷиноятӣ дорои хусусияти конвенсионӣ дар қонунгузории миллӣ дар доираи амалишавии уҳдадориҳои байналмилалие, ки давлат дар асоси ратификатсияи шартномаҳои байналмилалӣ ба дӯш гирифтааст, ба роҳ монда мешавад. Ин меъёри

қонуни ҷиноятӣ нав маҳсуб мешавад. Тағйир додани меъёри мавҷудаи Кодекси ҷиноятӣ бо мақсади мутобиқ кардани он ба санади байналмилалии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро ба вуҷуд меорад.

6. Ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои конвенсионӣ намуди алоҳидаи ҷиноятҳо мебошанд, ки дорои аломатҳои умумӣ барои ҳама ҷиноятҳои муқаррарӣ ҳастанд, вале дар баробари ин, баъзе аломатҳои хоси худро ҳам доранд: 1) доштани хавфи ҷамъиятии байналмилалӣ, яъне имкони расонидани зарар ба муносибатҳои тариқи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳифзшаванда; 2) ғайриқонунӣ будан вобаста ба мамнуиятҳое, ки дар муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дахлдор пешбинӣ шудаанд; 3) гунаҳкор будани шахсони алоҳида дар содир намудани кирдор; 4) дар амал ё беамалии шахс, гурӯҳ, ё иттиҳоди муайяне ифода ёфтан; 5) натиҷаи он вайрон кардани тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ва расонидани зарар ба дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ин хусусиятҳо нишон медиҳанд, ки ҳуқуқвайронкуниҳои байналмилалӣ на танҳо ҳамчун хатар ба як давлат, балки ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ ба низоми умумии ҳуқуқии байналмилалӣ ва амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта мешаванд **[5-М].**

Аломатҳои хоси ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

- дар робита ба созишномаи байналмилалӣ ба вуҷуд меоянд;
- ба объектҳои мухталиф сӯиқасд мекунанд;
- ҷазо барои онҳо дар қонунгузории миллӣ муқаррар карда мешавад.

7. Коркард ва истифодаи таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ як нуқтаи калидӣ барои таъмини самаранокии мубориза бо ҷинояткории фаромиллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ин тасниф бояд ҳам хусусиятҳои илмӣ ва ҳам ниёзҳои амалии давлатҳоро дар бар гирад ва барои таҳияи сиёсати ҷиноятии миллӣ ва байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам моварад:

а) аз рӯйи сатҳи таъсир ва ҳудуд: ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки таъсири онҳо дар сатҳи байналмилалӣ аст ва бар чанд давлат ё ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддӣ эҷод мекунанд (масалан, терроризм, ҷиноятҳои зидди инсоният); ҷиноятҳои миллӣ бо характери байналмилалӣ: ҷиноятҳое, ки дар дохили як давлат содир мешаванд, вале бо таъсири фаромиллӣ ё иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ марбутанд (масалан, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир);

б) аз рӯйи хусусияти ҳуқуқӣ ва манбаи эътирофи байналмилалӣ: ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ – ҷиноятҳое, ки дар созишномаҳои байналмилалӣ ё конвенсияҳои байналмилалӣ муқаррар шудаанд (мисли Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бо коррупсия, Конвенсияи СММ бар зидди терроризм); ҷиноятҳои ҳифзшуда бо меъёрҳои умумиҷаҳонӣ ҷиноятҳое, ки дар асоси принсипҳои умумиҷаҳонии ҳуқуқи байналмилалӣ қабул шудаанд, ҳатто агар созишномаи махсус набошад (масалан, ҷиноятҳои зидди инсоният, ҷиноятҳои ҳарбӣ);

в) аз рӯйи объекти ҳимояшаванда: ҷиноятҳои зидди амният ва сулҳи байналмилалӣ мисли терроризм, ҷанг ва таҷовузҳои байналмилалӣ; ҷиноятҳои зидди ҳуқуқҳои инсонӣ – генотсид, савдои одамон, шиканҷа; ҷиноятҳои зидди иқтисоди байналмилалӣ ва молия – мисли коррупсия, фасод, гардиши ғайриқонунии молу ашё дар бозори сиёҳ;

г) аз рӯйи шакли ҷиноят (таркиби ҷиноят): ҷиноятҳои оддӣ бо хусусияти конвенсионӣ – ҷиноятҳое, ки таркиби анъанавии ҷиноятиро доранд, вале хусусияти байналмилалӣ доранд мисли қочоқи маводи мухаддир;

д) аз рӯйи шакли иштирок ва механизмҳои содиркунӣ: ҷиноятҳои мустақим ба воситаи шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои террористӣ содиршуда; ҷиноятҳои муташаккил, ки тавассути шабакаҳои фаромиллӣ ва ташкилотҳои ҷинояткор содир мешаванд **[5-М].**

8. ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро мумкинаст вобаста ба пайдоиши меъёрҳо, ки ҷавобгариро барои содиршавии онҳо муқарар мекунанд, ҳамчунон аз рӯйи манбаъҳои пайдоиши ҳуқуқии байналмилалии ӯҳдадориҳои муаян, фарқ кардан мумкин аст:

– конвенсионӣ – ҷиноятҳое, ки меъёрҳо дар бораи онҳо дар кодекси ҷиноятӣ барои иҷрои созишномаи байналмилалӣ баъди қувваи амал пайдо кардани он ба вуҷуд омадаанд;

– деривативӣ – ҷиноятҳое, ки ҷавобгарӣ барои онҳо дар ибтидо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои алоҳида пайдо шуданд ва баъдан вобаста ба масъалаи монанд созишномаи байналмилалӣ баста шудааст (масалан, Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба мубориза бо пулҳои қалбакӣ, аз 20 апрели соли 1929, ки дар Женева қабул шудааст);

– коммутатсионӣ – ҷиноятҳое, ки ҷавобгарӣ барои онҳо дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шуда буд, аммо дар робита ба қабули ухдадориҳои марбут ба созишномаи байналмилалӣ мураттабсозии таркиби ҷиноят тағйир дода шуд;

– симулярӣ – ҷиноятҳое, ки ҷавобгарӣ барои онҳо дар робита ба созишномаи байналмилалӣ то қабули ухдадориҳои марбут ба он аз ҷониби давлат муқаррар шудааст;

– татбиқнашуда – ҷиноятҳои дар созишномаи байналмилалӣ пешбини шудае, ки барои давлат қувваи ҳатмӣ дорад ва муқаррароти он дар қонунгузории дохилӣ татбиқ нашудааст **[7-М].**

9. Муборизаи байналмилалӣ бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар асоси Конвенсияҳои 1988, 1961 ва 1971 таҳия ва амалӣ мешавад. Конвенсияи 1988, ки барои муборизаи муассир алайҳи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва психотропӣ таҳия шудааст, механизми муфассал барои коҳиш додан, истеҳсол, паҳнкунӣ, фурӯш ва истифодаи ин маводро пешниҳод мекунад. Дар ин конвенсия масъалаҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ, мусодира, истирдод ва ёрии ҳуқуқии мутақобила танзим шудаанд.

Дар Тоҷикистон, татбиқи талаботи Конвенсияҳои байналмилалӣ дар қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ бо тасдиқи Феҳристи миллии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ва муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ, махсусан моддаҳои 200, 201, ки барои дастгирии мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ҷазоҳои қатъӣ муқаррар мекунад, нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мазкур ба таҳлили самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ ва амалии Тоҷикистон дар мубориза бо маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ ва механизми ҷазоҳои қатъӣ ваислоҳотии муҷримон, дар чаҳорчӯби Конвенсияҳои 1988, 1961 ва 1971, бахшида шудааст. Тавассути ин таҳқиқот, муҳимтарин масоили мавҷударо барои такмили муқовимат бо ин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок ва тавонбахшии механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ пешниҳод карда мешаванд.

10. Барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст як қатор тағйирот дар қонунгузории ҷиноятӣ ворид карда шаванд, ки ба мутобиқсозии меъёрҳои кодекси ҷиноятӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, бояд ба ҷанбаҳои калидии зерин диққат дод:

Дар робита ба фарқият дар хусусияти ҷиноятҳои коррупсионӣ, зарур аст аломатҳои вазнинкунандаро, аз қабили андозаи пора ё мукофоти ғайриқонунӣ, инчунин мавҷудияти ҳолатҳои вазнинкунанда ё сабуккунандаро дақиқ гардонд. Хусусан, бояд ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, ки дар низоми судӣ содир мешаванд, таваҷҷуҳи махсус дода шуда, онҳоро ҳамчун категорияи алоҳида бо санксияҳои қатъитар ҷудо намуд.

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**

1. Бо мақсади баланд бардоштани мутобиқати қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалӣ, инчунин пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва таъмини риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ, ки муқаррароти қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро равшан ва пурра намоянд, пешниҳод карда мешавад, ки дар КҶ ҶТ моддаи $17^1$ бо номи «Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» бо чунин мазмун таҳрир ворид карда шавад:

1). Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ он кирдори ҷиноятии гуноҳкоронаи содиршудаи ба ҷамъият хавфнок ва ҷазододашавандае мебошад, ки меъёр дар бораи он ба КҶ барои иҷрои уҳдадориҳои қабулкардаи давлат дар асоси созишномаи тасвибшудаи байналмилалӣ ворид шудааст ва ба муносибатҳои марбут ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ сӯиқасд мекунад.

2). Ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ моддаҳои зерини КҶ ҶТ дохил мешаванд: 130; $130^1$; $143^1$; 167; 179; $179^1$; $179^2$; $179^3$; 183; $184^1$; $184^2$; $184^3$; 193; $194^1$; $194^2$; $194^3$; $194^4$; $194^5$; $195^1$; 200; 201; $202^1$; 239; $241^1$; $241^2$; 242; 262; 273; $278^1$; 290; $307^1$; $307^2$; $335^2$; 395; 396; 397; 398; 399; 400; 401; 402 **[5-М].**

2. Дар конвенсияҳо таърифи универсалии «одамкушӣ» пешниҳод карда нашудааст. Аз назари ҳуқуқӣ ҷиноятии байналмилалӣ одамкушӣ метавонад ба намудҳои гуногуни фаъолияти ҷиноятӣ вобастаги дошта бошад: терроризм, акти террористӣ, генотсид. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби «Ҷиноятҳо муқобили сулҳ ва амнияти башарият» ду таркиби асосӣ дорад – генотсид (моддаи 398 КҶ ҶТ) ва Қасдан вайрон кардаи меъёрҳои ҳуқуқи башардӯстии байналмилалӣ, ки дар рафти низои мусаллаҳона содир мешавад (моддаи 403 КҶ ҶТ). Дар ҳарду ҳолат одамкушӣ ҳамчун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбини нашудааст, балки ҳамчун воситаи содир шудани ҷиноят машахас модда зикр шудааст.

Бо дарназардошти матолиби баррасишуда дар таҳқиқоти мазкур, пешниҳод дар бораи ворид намудани тағирот ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли меъёри алоҳидаи нав асоснок карда мешавад.

Бо мақсади муаян кардани мазмуни таркиби ҷинояти генотсид ва мутобиқ кардани он бо талаботҳои ҳуқуқӣ– байналмилалӣ, моддаи 398 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад:

Моддаи 398. Генотсид

«Генотсид кирдоре қасдонае эътироф карда мешавад, ки ба куллан ё қисман маҳв кардани гурӯҳи миллӣ, қавмӣ, нажодӣ ё динӣ равона шудаанд ё аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ бо роҳи одамкушӣ, расондани зарари вазнин ба саломатӣ, бо роҳи зӯроварӣ монеъ шудан ба таваллуди кӯдакон ва ё аз як гурӯҳи одамон ба дигаре додани кӯдакон, ё фароҳам овардани чунин шароити зиндагие, ки ба нобудкунии ҷисмонии аъзои ин гурӯҳ содир мешаванд».

Бо мақсади васеъ кардани доираи мақсади ҷиноятe, ки бо аз ҳаёт маҳрум кардани шахс алоқаманд мебошад, пешниҳод карда мешавад, ки дар банди «м» қисми 2 моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораҳои зеринро илова кардан шавад: «...ё аз рӯйи дигар ангезаи табъизӣ» ё «аз рӯйи ангезаи этиқоди динӣ ва мавқеи сиёсии шахс».

3. Дар робита ба наздик кардани дараҷаи ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шахсони дар моддаҳои 402 ва 310 КҶ ҶТ зикршуда пешниҳод мешавад, ки ба моддаи 402 КҶ ҶТ матлаби зерин илова карда шавад: «Қасдан ҳамла кардан ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди созмони байналмилалӣ, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор дорад, инчунин аъзои оилаи ӯ, ки ҳамроҳи ӯ зиндагӣ мекунанд, ё дар биноҳои истиқоматӣ ё хидматӣ, воситаҳои нақлиёти шахсони таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта қарор доранд, агар кирдорҳои мазкур дар робита ба мақоми расмии онҳо ё бо мақсади таҳрики ҷанг, муташанниҷ кардани вазъи байналмилалӣ ё эҷоди хатар ба робитаҳои

байналмилалӣ содир шуда бошанд, ки ба ухдадориҳои дар санадҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дарҷшуда, инчунин аҳдномаҳо ва қатъномаҳои байналмилалие, ки ҳифзи ҳуқуқи кормандони созмонҳои байналмилалиро танзим мекунанд, мухолифат доранд».

4. Дар робита ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ васеъ намудани мафҳуми субъектҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин бо мақсади татбиқи ухдадориҳои байналмилалӣ, пешниҳод мегардад, ки ба эзоҳи м.314, 319, 320, 323 КҶ ҶТ илова ворид карда шуда, дар он мушаххас гардад, ки шахсони мансабдор мувофиқи созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин шахсоне эътироф карда мешаванд, ки вазифаҳои намояндагии давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони мансабдори судҳои арбитражии байналмилалиро иҷро мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки салоҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, ки ҳам дар ҳудуди кишвар ва ҳам берун аз он содир мегарданд, густариш ёбад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[2]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, таҳти №574 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.03.2024).

[3]. Декларатсияи Вена ва Акти хотимавии Анҷумани Ҳелсинки оид ба амният ва ҳамкории Аврупо – Шӯрои Аврупо, 1975. –[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www.osce.org/mc/74659 (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[4]. Закон СССР от 25 декабря 1958 г. «Об утверждении Основ уголовного законодательства Союза ССР и Союзных республик» // ВВС СССР. 1959. № 1. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // www. consultant. ru/cons /cgi/online e.cgi?req=doc&base=ESU &n=4905 #LFyYt7Vm sfqCCfeG1 (дата обращения: 22.06.2022).

[5]. Комиссияи ҳуқуқи байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид (International Law Commission, United Nations). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //legal.un.org/ilc/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[6]. Конвенсия дар бораи воситаҳои нашъадор (1988) [Текст]. – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1988. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www.un. org/en/sections/documents/international-conventions/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[7]. Конвенсия дар бораи ҷиноятҳо ва баъзе амалҳои дигаре, ки дар ҳавопаймоҳо содир мешаванд (1963) – Созмони Милали Муттаҳид, 1963. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // www. un.org/en/sections/docu ments/ internat ional-conventions/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[8]. Конвенсия оид ба аломатгузории маводи таркандаи пластикӣ бо мақсади ошкорсозии онҳо (1991). – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1991. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // www. un. org/en/ sections/documents /international-conventions/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[9]. Конвенсия оид ба мубориза алайҳи маблағгузории терроризм (1991) [Текст]. – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1991. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www. un.org/en/ sections/docum ents/international-c onventions/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[10]. Конвенсия оид ба мубориза ба муқобили амалҳои ғайриқонунии бар зидди бехатарии киштиронии баҳрӣ равонашуда (1988) – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1988. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www.un.org/en/sections/documents/international-conventions/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[11]. Конвенсия оид ба мубориза бар зидди амалҳои ғайриқонунӣ бар зидди бехатарии авиатсияи гражданӣ (1971) – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1971. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www.un.org /en/sections/doc uments/international- conventions/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[12]. Конвенсия оид ба мубориза бар зидди ғасби ғайриқонунии ҳавопаймоҳо (1970) Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1970. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //ww w.un. org/en/ sectio ns/documents/international-conventions/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[13]. Конвенсия оид ба пешгирӣ ва ҷазо додани ҷиноятҳо ба муқобили шахсони таҳти ҳимояи байналмилалӣ, аз ҷумла намояндаҳои дипломатӣ, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо гаравгонгирӣ (1979)– Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1979. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.un.org/en/sections/documents/international-conventions/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[14]. Конвенсия оид ба ҳифзи физикии маводи ядроиро, ки ба ҳифзи бехатари истифода, нигоҳдорӣ ва интиқоли он равона шудааст (1980) Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1980. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи

дастрасӣ: URL: https://www.un.org/en/sections/documents/international-conventions/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[15]. Конвенсияи Аврупо оид ба назорати харид ва нигоҳдории силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони алоҳида (1978) [Текст]. – Шӯрои Аврупо, 1978. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www.c oe.int/en/ web/conventions/full-list/-/conventions/treaty/105 (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[16]. Конвенсияи байналмилалӣ оид ба барҳамдиҳии ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ (1965) [Текст]. – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1965. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //w ww.o hchr. org/e n/instruments-m echanisms/in struments/international-convention-elimination-all-forms-racial-discrimina tion (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[17]. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия : қабул шуд 31 октябри 2003 с. резолюсияи Генеральной Ассамблеяи СММ № 58/4; матни расмӣ дастрас аст дар сайти Созмони Милали Муттаҳид [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www. un.org/ru /documents/treaty/A-RES-58-4 (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[18]. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҷинояткории муташаккилӣ (United Nations Convention against Transnational Organized Crime) : қабул гардид 15 ноябри 2000 с. резолюсияи Генеральной Ассамблеяи СММ № 55/25; матни расмӣ дастрас аст дар сайти Созмони Милали Муттаҳид [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www. un.org/ru/documents/treaty/A-RES-55-25 (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[19]. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ (United Nations Convention against Transnational Organized Crime): қабул шудааст бо резолюцияи Ассамблеяи Генералии СММ №55/25 аз 15 ноябри 2000. Дастрас аз: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // www. un. Org /ru/documents/treaty/A-RES-55-25 (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[20]. Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба пешгирии терроризм (16 майи 2005, ETS №196) [Текст]. – Шӯрои Аврупо, 2005. – [Захираи электронӣ]. –

Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www. coe.int /en/web/conventions/full-list/-/conventions/treaty/196 (санаи мурочиат: 05.01.2026).

[21]. Конвенция вступила в силу для России 11 апреля 1997 г. [Матн] // СЗ РФ. – 1997. – № 48. – 5493 с.

[22]. Конвенция вступила в силу для России 24 апреля 2006 г. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http: //aso7d.duma.gov.ru/intranet (дата обращения: 22.06.2022).

[23]. Конвенция вступила в силу для России 29 марта 2003 г. [Матн] // СЗ РФ. – 2003. – № 41. – 3947 с.

[24]. Конвенция вступила в силу для России 5 февраля 2001 г. [Матн] // СЗ РФ. – 2003. – № 3. – 202 с.

[25]. Конвенция вступила в силу для СССР 3 июня 1983 г. [Текст] // Сб. международных договоров СССР. – Вып. XLI1I. – М., 1989. – С. 99-105.

[26]. Конвенция вступила в силу для СССР 30 сентября 1962 г. [Текст] // ВВС СССР. – 1962. – № 46. – 457 с.

[27]. Конвенция вступила в силу для СССР 9 ноября 1954 г. [Текст] // Сб. действующих договоров, соглашений и конвенций, заключенных СССР с иностранными государствами. Вып. XVI. – М., 1957. – С. 280-290.

[28]. Конвенция о борьбе с торговлей людьми и с эксплуатацией проституции третьими лицами (2 декабря 1949): ООН. — [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://digitallibrary.un.org/record/210332 (дата обращения: 22.06.2022).

[29]. Конвенция о мерах, направленных на запрещение и предупреждение незаконного ввоза, вывоза и передачи права собственности на культурные ценности от 14 ноября 1970 г. (PDF и текст) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // viartanne. by/upload/iblock/6f0 /tdgrum4sy507vw7u0kgtzqpc98efcbh6/Kanviencyja%20niezakonny%20vyvaz.pdf (дата обращения: 22.06.2022).

[30]. Конвенция о правах ребёнка (20 ноября 1989): принята резолюцией 44/25 Генеральной Ассамблеи ООН; вступила в силу 2 сентября

1990. — [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: //www.un.org/ru/documents/treaty/A-RES-44-25 (дата обращения: 22.06.2024).

[31]. Конвенция Организации Объединённых Наций против коррупции (United Nations Convention against Corruption) : принята Генеральной Ассамблеей ООН 31 октября 2003 г., резолюция 58/4; текст официально доступен на сайте ООН [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: //www.un. org/ru/documents/ decl_conv/conventions/corruption.shtm l(дата обращения: 22.06.2022).

[32]. Конвенция Организации Объединённых Наций против транснациональной организованной преступности: постановление Генеральной Ассамблеи ООН № 55/25 от 15 ноября 2000 г.; текст доступен на официальном сайте Организации Объединённых Наций / United Nations [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: //www.un.org/ru/documents/treaty/A-RES-55-25 (дата обращения: 22.06.2022).

[33]. Конвенция Организации Объединённых Наций против транснациональной организованной преступности (United Nations Convention against Transnational Organized Crime): принята Генеральной Ассамблеей ООН 15 ноября 2000 г., резолюция 55/25; текст официально доступен на сайте ООН [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // www. un.org/ru/documents/treaty/A-RES-55-25 (дата обращения: 22.06.2022).

[34]. Конвенция Совета Европы об уголовной ответственности за коррупцию (ETS No. 173): принята в г. Страсбург 27 января 1999 г.; текст официально опубликован на сайте Совета Европы [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: //www.coe.int/en/web/conventions/full-list/-/conventions/treaty/173 (дата обращения: 22.06.2022).

[35]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи соли 2020, №1655 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://mmk.tj (санаи муроҷиат: 14.11.2025).

[36]. Қатъномаи 1267 Шурои Амният (1999) [Текст]. – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1999. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:

https://www.un.org/securitycouncil/resolutions/1267 (санаи мурочиат: 05.01.2026).

[37]. Қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аз 9 декабри соли 1994 оид ба истилоҳи «экстремизм» [Текст]. – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1994. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.un.org/en/ga/documents/resolutions/(дата обращения: 05.01.2026).

[38]. Қатъномаи Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид (2001) [Текст]. – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 2001. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.un.org/securitycouncil/resolutions/ (санаи мурочиат: 05.01.2026).

[39]. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (19 декабри 1966) [Текст]. – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1966. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www.ohchr. org/en/professionalin terest/pages/ccpr.aspx (санаи мурочиат: 05.01.2026).

[40]. Протокол оид ба мубориза алайҳи амалҳои ғайриқонунии ба муқобили бехатарии истгоҳҳои собити дар тунукобҳои хушкӣ (шелф) воқеъбуда равонашуда (1988). – Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1988. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www.un.org/en/sections/documents/inter national-conventions/ (санаи мурочиат: 05.01.2026).

[41]. Протокол оид ба мубориза бар зидди амалҳои ғайриқонунии зуроварӣ дар фурудгоҳҳое, ки барои авиатсияи байналмилалии гражданӣ хизмат мерасонанд, комилкунандаи Конвенсия оид ба мубориза бар зидди амалҳои ғайриқонуӣ ба муқобили бехатарии авиатсияи гражданӣ (1980) Ташкилоти Милали Муттаҳид, 1980. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: //www.un.org/en/sections/documents/international-conventions/ (санаи мурочиат: 05.01.2026).

[42]. Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак, ки ба фурӯши кӯдакон, фоҳишагии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон дахл дорад: Протокол, 25 май 2000, Ню-Йорк. Матни пурра (PDF). Душанбе: Вазорати

корҳои хориҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас аз: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/6-Protokoli-ilovagi-ba-Konvensiya-oid-ba-huquqhoi-kudak-ki-ba-furushi-kudakon-fohishagi-va-pornografiya.pdf (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[43]. Созишнома оид ба Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ (7 июни 2002) – Созмони Ҳамкории Шанхай, 2002. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://eng.sectsco.org/ (санаи муроҷиат: 05.01.2026).

[44]. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021. – №222

[45]. Утратил силу в связи с принятием Постановления Верховного Совета СССР от 2 июля 1991 г. № 2282-1 [Текст] // Ведомости Съезда народных депутатов и Верховного Совета СССР. – 1991. – №30. – 862 с.

[46]. Шанхайская Конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом (Шанхай, 15 июня 2001 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://www.referent.ru/1/10927 (дата обращения: 09.04.2025)

[47]. Эъломияи Созмони Милали Муттаҳид аз 9 декабри соли 1994. – М.: Созмони Милали Муттаҳид, 1994. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.un.org/ (дата обращения: 22.06.2022).

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:

[48]. Адельханян, Р.А. Преступность деяния по международному уголовному праву [Текст]: учеб. пособие / Р.А. Адельханян; Акад. правовой ун-т. – Москва: МЗ Пресс, 2002. – 37 с

[49]. Анцилотти, Д. Курс международного права [Текст] / Пер. с 4-го итал. изд. А.Л. Сакетти и Э.М. Фабрикова; под ред. и с предисл. д-ра юрид. наук Д.Б. Левина. – Москва: Изд-во иностр. лит., 1961. – 447 с.

